**АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ТАҲҚИҚИ СИСТЕМАВИИ РУШДИ КИШОВАРЗӢ**

ТДУ 334 (575.3)
ТКБ 65.05 (2 тоҷик)
Б-33

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**БАҲОДУРОВА ҚУМРИНИСО ҚАЮМОВНА**

# ТАКМИЛИ МУҲИТИ МОЛИЯВИИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ)**

# Диссертатсия

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ

Роҳбари илмӣ: Ашуров И.С.
доктори илми иқтисод, профессор

Душанбе -2024

## Мундарича


**МУҚАДДИМА**........................................................................ 4

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ МУҲИТИ МОЛИЯВИИ СОҲИБКОРӢ**

1.1. Асосҳои илмӣ-назариявии муҳити молиявии соҳибкорӣ … 14

1.2. Омилҳо ва марҳилаҳои ташаккули муҳити молиявии соҳибкорӣ........................................................................ 28

1.3. Таҷрибаи хориҷии фароҳамсозии муҳити соҳибкорӣ ва тадбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........................................ 43

**БОБИ 2. БАҲОИ ҲОЛАТИ КУНУНИИ МУҲИТИ СОҲИБ-КОРӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

2.1. Таҳлили вазъи муосири фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ........................................................ 61

2.2. Таҳлили ҳолати муосири муҳити молиявии берунаи соҳибкорӣ ................................................................ 80

2.3. Баҳодиҳии ҳолати муосири микромуҳити молиявии соҳибкорӣ.................................................................. 96

**БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ МУҲИТИ МОЛИЯВИИ СОҲИБКОРӢ**

3.1. Самтҳои асосии беҳтар намудани муҳити молиявӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ ................................................ 115

3.2. Таҳияи стратегияи молиявӣ ҳамчун самти асосии беҳтар намудани муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ......... 131

3.3. Мукаммалсозии механизми танзими давлатии фазои соҳибкорӣ ҳамчун пояи асосии таҳкими муҳити молиявии он.......................................................................... 151

**ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО** ........................................ 165

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА** .............. 173

## Рӯйхати ихтисорот

ААИ - Андоз аз арзиши иловашуда
АИО - Ассотсиатсияи истифодабарандагони об
БВИ - Бахши воқеии иқтисодиёт
БМТ - Бонки миллии Тоҷикистон
БРМ - Барномаи рушди миёнамуҳлат
ВАО - Васоити ахбори омма
КАС - Комплекси агросаноатӣ
ММД - Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ
СБМ - Созмони байналхалқии меҳнат
СИМД - Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ
СМР - Стратегияи миллии рушд
СМР-2030 - Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030
СМХ - Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ
СПКСК - Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ
СРБМ - Стратегияи рушди бозори меҳнат
СУС - Созмони умумиҷаҳонии савдо
ТБМ - Ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ
ТХҚ - Ташкилотҳои хурди қарзӣ
ХМК - Хоҷагии манзилию коммуналӣ
ХДФ - Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)
ҲРУ - Ҳадафҳои рушди устувор
ҲРҲ - Ҳадафҳои рушди ҳазорсола
ҶСК - Ҷамъияти саҳомии кушода
ШДБХ - Шарикии давлат ва бахши хусусӣ
ШСХК - Ширкати саҳомии холдингии кушода

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Ислоҳоти иқтисодиёти Тоҷикистон бо мақсади ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ бояд хусусияти муназзам дошта бошад, ки дар такмили маҷмӯи муносибатҳои иқтисодии марбут ба ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ зоҳир мешавад. Вазъи муҳити молиявии соҳибкорӣ ҳам дар иқтисодиёти кишвар ва ҳам дар минтақаҳои алоҳида таъсири назаррас дорад.

Бо оғози ислоҳоти иқтисодӣ тафовутҳо дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо рӯ ба афзоиш оварданд, ки бо истифодаи иқтидори иқтисодиву иҷтимоии ҳудуд, ташаккули муносибатҳои бозорӣ, ҳолат ва динамикаи афзоиши намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ вобастаанд. Рушди ҳамаҷониба, мустаҳкам намудани истиқлолияти иқтисодӣ, ҷустуҷӯи манбаъҳои молиявӣ, истифода ва афзоиш додани нерӯи фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамчун омилҳои асосии рушди соҳибкорӣ дониста шаванд ҳам, вале ҳанӯз омилҳое мавҷуданд, ки ба рушди соҳибкорӣ монеъа эҷод менамоянд.

Ба ин омилҳо метавон вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, демографӣ, илмӣ-техникӣ, иҷтимоӣ ва экологиро дохил намуд.

Муҳити молиявии соҳибкорӣ ҳамчун маҷмӯи омилҳои дохилӣ ва беруна мустақим ва ё ғайримустақим ба ташаккул ва рушди соҳибкорӣ таъсир мерасонанд. Сатҳи пасти капитализатсияи истеҳсолот, гарон будани арзиши қарзҳои бонкӣ, сарбории баланди андозӣ омилҳои боздорандаи рушди соҳибкорӣ гардидаанд. Муҳити молиявӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ ва микроиқтисодӣ барои рушди соҳибкорӣ талаботи объективӣ ва вазифаҳоест, ки новобаста аз манфиатҳои иқтисодӣ бояд муҳайё карда шавад. Таҳлилҳо собит менамоянд, ки солҳои охир доир ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таҳқиқотҳои зиёде бурда шудаанд, вале, мутаассифона масъалаҳои назариявии муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи лозима таҳқиқ нашудаанд. Ҳол он ки тибқи таълимоти классикони

назарияи иқтисодӣ, асоси фаъолияти соҳибкорӣ дониш дар бораи шартҳо ва омилҳои муҳити соҳибкорӣ мебошад.

Ҳолати кунунии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз набудани муҳити молиявии солими рушди соҳибкорӣ, сатҳи баланди андозбандӣ, амалиётҳои коррупсионӣ дар ташаккул ва фаъолияти соҳибкорӣ, сатҳи пасти даромад, низоми қарз ва суғурта, дастгирии молиявӣ гувоҳӣ медиҳад.

Зарурати омӯхтани асосҳои назариявии муҳити молиявии соҳибкорӣ, омилҳои ташаккули муҳити молиявии соҳибкорӣ, инчунин омӯхтани таҷрибаи ҷаҳонии муҳайё сохтани муҳити молиявии соҳибкорӣ, баҳои ҳолати муосири он дар сатҳи макроиқтисодӣ ва микроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муаяйн намудани самтҳои асосии такмили онҳо, мубрамияти мавзуи таҳқиқотии интихобшуда тақозо менамояд.

**Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш.** Дар марҳилаҳои гуногуни рушди илми иқтисодӣ олимон ба таҳқиқи муҳити молиявӣ ва мушкилоти соҳибкорӣ таваҷҷӯҳи хоса доранд. Як қатор асарҳои илмие, ки ба соҳибкорӣ ва муҳити соҳибкорӣ бахшида шудаанд, аз ҷумла асарҳои иқтисодшиносони барҷастаи гузашта К. Маркс, Ф.Энгелс, М.И.Туган-Барановский, А.В. Китманов, Е.И.Комиссарова, Р.Кэмпбелл, Л.Макконел, Й.Шумпетер, Л.Брю, П.Самуэлсон, И.А.Чернухина ва дигарҳо ёфтаанд.

Таҳқиқоти фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Тоҷикистон дар рисолаҳои илмӣ ва мақолаҳои олимони ватани Абдуғаффоров А.А., Ашуров И.С., Алиева Г.Ш., Removed

Солҳои охир муҳаққиқон Ҳикматов У.С. доир ба муҳити соҳибкорӣ, Каримова М.И. доир ба муҳити институтсионалӣ, Султонов З.С. доир ба ҷабҳаҳои ташкилию иқтисодии таъмини инфрасохтори соҳибкории хурд, Иброҳимов И.Р. доир ба асосҳои назариявии танзими давлатии бозори иқтисодиёти хурд, Соҳибназаров Р.Х. доир ба таъмини самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ, Лолаев З.Х. доир ба рушди соҳибкории хурду миёна, Набиев У.Л. доир ба таъмини рушди босуботи соҳибкории хурд, Ҷайлоев З.М. доир ба танзими давлатии соҳибкории истеҳсолӣ, Наимов Б.К. доир ба рушди соҳибкории хурд ва миёна дар соҳаи кишоварзӣ, Наҷмиддинов Ф.Н. доир ба механизми ташкилию иктисодии рушди соҳибкории хурд, Насриддинов Ш.Ш. доир ба муаммоҳои ташаккул ва дурнамои рушди соҳибкории кишоварзӣ, Досиев М. доир ба рушди соҳибкории экологӣ ва дигарон рисолаҳои илмӣ дифоъ намудаанд, вале аз ҷониби онҳо оид ба ҷабҳаҳои назариявӣ ва методологии муҳити молиявии соҳибкорӣ диққати кофӣ дода нашудааст.

**Заминаҳои назариявию-методологии таҳқиқотро** маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молия, Бонки миллӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати кишоварзӣ, Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин, ҳисоботҳои илмии Институтҳои иқтисодиёт ва демография, иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва АИКТ, ҳисоботҳои ташкилотҳои байналхалқии дар Тоҷикистон амалкунанда, ҳисоботҳои солонаи ҶДММ “Латиф Муродов”, кооперативи тиҷортии “Баракати Ватан”-и шаҳри Хисор, хоҷагиҳои деҳқонии “Файзулло Саидов”-и ноҳияи Қубодиён, ва “Ифтихор”-и ноҳияи Ёвон ташкил медиҳад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Консепсияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015” таҳти рақами №469 аз 3.12.2003,

қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дурнамоҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» № 1194 аз 18.03.2015, «Дар бораи ҳоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) № 1289 аз 15.03.2016, ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки аз ҷониби Президенти мамлакат дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2022 ироа шудаанд, “Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2020 (БМР 2016-2020)”, ва мавзуъҳои илмии Академияи миллии илмҳо, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон робитаи бевосита дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** омӯзиши муқаррароти назариявӣ, методӣ ва амалии муҳити молиявии соҳибкорӣ мебошад, ки имкон медиҳанд ҳолати муҳити молиявии соҳибкориро муайян ва самтҳои асосии таҳкими он пешниҳод карда шаванд.

**Вазифаҳои таҳқиқот аз инҳо иборат мебошанд:**

- таҳқиқи асосҳои илмӣ-назариявии муҳити молиявии соҳибкорӣ;
- муайян намудани омилҳои ташаккули муҳити молиявии соҳибкорӣ;
- таҳқиқи таҷрибаи муҳити молиявии соҳибкорӣ дар хориҷа;
- таҳлили ҳолати муосири муҳити молиявии берунаи соҳибкорӣ дар Тоҷикистон;
- баҳои ҳолати муосири микромуҳит ва макромуҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон;
- пешниҳод намудани самтҳои асосии такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ тавассути:
  - таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ;
  - таҳияи стратегияи молиявӣ, чун самти асосии беҳтар намудани муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ;

- танзими давлатии фазои соҳибкорӣ дар пояи асосии таҳкими муҳити молиявии он.

**Объекти таҳқиқот** раванди ташаккул ва рушди муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мавзӯи таҳқиқот** маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ ва равандҳои рушди муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Ба сифати фарзияи ибтидоии илмии таҳқиқот муқаррароте пешниҳод карда шуд, ки дар ҳолати ба таври илмӣ асоснок кардани муҳити молиявии соҳибкорӣ ва таҳким додани он бо роҳи таҳияи стратегияи молиявӣ чун самти асосии беҳтар намудани муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ, таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ ва танзими давлатии фазои соҳибкорӣ ба таҳкиму такмили муҳити молиявии он ноил гардидан мумкин аст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии таҳқиқотро асарҳои олимон - иқтисодчиёни машҳури ватанию хориҷӣ ташкил медиҳад. Инчунин дар диссертатсия ҳисоботҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои илмӣ истифода шудаанд. Диссертатсия вобаста аз муносибатҳои методологӣ, ба таҷрибаи таърихии тараққиёт ва ислоҳоти иқтисодиёт такя намуда, роҳҳои такмил додани муҳити молиявии соҳибкориро дар Тоҷикистон муайян месозад.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати иттилооти ибтидоӣ қонунҳо ва қарорҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳо, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои мақомоти давлатии ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ доир ба ин масъала истифода бурда шудаанд. Нашрияҳои рӯзномаю

маҷаллаҳо оид ба таъмин кардани аҳолии деҳот бо шуғл, хӯроквори̅, нигоҳдори̅ ва ҳимояи сатҳи баланди зиндаги̅, ба кор ҷалб намудани ҷавонон низ пояи таҳқиқотро таъмин намуданд.

**Пойгоҳи таҳқиқотро** маҷмуаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоятҳо, вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи солонаи хоҷагиҳои кишоварзи̅, санадҳои меъёрии ҳуқуқи̅ ва ҳуҷҷатҳои методи̅: меъёрҳо ва стандартҳо, ҳисоботи ташкилотҳои лоиҳакаши̅, рисолаҳои доктори̅ ва номзади̅ оид ба масъалаҳои омӯхташаванда ва ба ин монанд, маърӯзаҳои кори амалии муаллиф ва ғайра ташкил медиҳанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Муайян намудани асосҳои назарияви̅ ва методологии мафҳуми муҳити молиявии соҳибкори̅ ва пешниҳоди самтҳои асосии такмили он дар сатҳи микро ва макромуҳити молияви̅.

- ❖ дар асоси таҳқиқоти назариявии мафҳуми "муҳити молиявии соҳибкори̅" нуқтаи назари муаллиф дар таҳрири зерин пешниҳод гардидааст "муҳити молиявии соҳибкори̅ вазъи сиёси̅, иқтисоди̅, ҳуқуқи̅, демографи̅, илми̅-технологи̅, иҷтимои̅ ва экологии ташаккулёфтае мебошад, ки ба соҳибкорон имконияти озодона фаъолият карданро муҳайё месозад ва самаранокии фаъолияти онҳоро таъмин менамояд".
- ❖ исбот карда шудааст, ки таҷрибаи бо иттилоот таъмин намудани соҳибкории хурду миёна доир ба дастгирии давлатии Ҷопон, бозомӯзии мутахассисон ва бо тавсияномаҳо таъмин намудани соҳибкорони Чин, гирифтани машваратҳои онлайни̅ оид ба гирифтани қарз ва хизматрасонии ширкатҳои суғуртаи Фаронса, дастгирии молиявии соҳибкорони навтаъсиси Олмон, суғуртаи тиббии ИМА, таъсиси фонди кафолати рушди тиҷорати хурди Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои Тоҷикистон қобили қабул аст;

❖ ошкор карда шудаст, ки сатҳи капитализатсияи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон паст буда, арзиши қарзҳои бонкӣ тамоюли афзоиш доранд. Кӯшишҳои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳсозии фазои соҳибкорӣ ба воситаи такмили қонунгузорӣ, таъмини ҳуқуқи моликият, мораторияи санҷишҳои фаъолияти соҳибкорӣ натиҷаҳои зарурӣ надода истодаанд;

❖ роҳҳои асосии таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ ба самтҳои сиёсӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ гуруҳбандӣ карда шуда, бо истифода аз системаи SPOT-таҳлил дурнамои рушди муҳити молиявӣ то соли 2030 муайян карда шудааст;

❖ модели консептулии таҳия ва иҷрои стратегияи муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ таҳия карда шуда, роҳҳои такмили он бо дарназардошти риояи принсипҳои асосии технологияи истеҳсолот, мақсаднок истифодабарии сармояи қарзӣ, пешгирии бавуҷудоии қарзҳои дебиторӣ ва саривақт пардохт намудани қарзҳои кредиторӣ, таъмини ҳавасмандии истеҳсолкунандагон ва таъмини талаботи хоҷагӣ бо воситаҳои гардон пешниҳод гардидаанд.

❖ матритсаи таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ пешниҳод карда шудааст, ки он ба дастгирии давлатии соҳибкорон дар асоси ташкил намудани кластерҳои истеҳсолию тиҷоратӣ, таъсиси фондҳои махсусгардонидашударо дар бар мегирад. Ҳамкорӣ бо васоити ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ, ташаккули симои мусбии соҳибкорӣ воситаи асосии таҳкими мақоми иҷтимоӣ ва баланд бардоштани эътибори фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

❖ асосноккунии моҳияти назариявии мафҳуми муҳити молиявии соҳибкорӣ ва пешниҳоди нуқтаи назари муаллиф;

❖ исбот намудани зарурати истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии бунёди муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон;

❖ исбот намудани он ки, дар шароити муосир муҳити молиявии соҳибкорӣ барои таъмини рушди иқтисодиёт ва ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ дар Тоҷикистон ба таҳким додан ниёз дорад;

❖ пешниҳод намудани роҳҳои асосии таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ ва дурнамои он;

❖ пешниҳод намудани модели консептулии таҳия ва иҷрои стратегияи муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ;

❖ пешниҳоди матритсаи таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар асоси ташкил намудани кластерҳои минтақавию соҳавии рушди соҳибкорӣ, фондҳои махсусгардонидашуда ва дастгирии рушди инфрасохтори истеҳсолӣ. Ҳамкорӣ бо ВАО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таҳкими фазои молиявии соҳибкорӣ ва эҷоди имиҷи мусбати соҳибкорӣ воситаи асосии таҳкими вазъи иҷтимоӣ ва баланд бардоштани обрӯи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодоти дар диссертатсия дарҷгардида ба мукаммал гардидани заминаҳои назариявию методии раванди таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ мусоидат карда, як қатор пешниҳодҳои дар кор овардашуда метавонанд, ҳангоми такмилдиҳии базаи қонунгузорӣ дар соҳаи таҳқиқшаванда ва инчунин дар фаъолияти сохторҳои ҳокимияти маҳалии идоракунии давлатӣ оид ба масъалаҳои ҳалли рушди сармоягузорӣ имконият фароҳам оваранд. Муқаррароти назариявие, ки дар диссертатсия ташаккул ёфтаанд, метавонанд ба таври назаррас маводҳои мавҷударо оид ба фанҳои «Менеҷмент», «Асосҳои фаъолияти соҳибкорӣ» пурра созанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқот тавассути таҳлили пурраи кори муаллифони гуногун дар мавзуи таҳқиқшуда, Стратегияи миллии рушд барои давраи то солҳои 2030, маводҳои маҷаллаҳои махсуси соҳавӣ, инчунин маълумоти соҳибкорони

алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои назарсанҷии муаллиф ва истифодаи дурусти усулҳои системавии ҳалли мушкилот таъмин карда шудааст. Хулоса ва тавсияҳо, ки дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шуданд, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Соҳаи таҳқиқот ба қисматҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ: 1.1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ: таҳияи методикаи ташкили фаъолият аз рӯи шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ;. 1.5. Таҳқиқи фаъолияти соҳибкорӣ дар ягонагии унсурҳои асосии он: шахсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ-идоракунӣ; 1.7.Ташаккул ва рушди низоми таъминоти инфрасохтории фаъолияти соҳибкорӣ; Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ (моҳият, принсипҳо, шаклҳо, усулҳо): самтҳои асосии ташаккул ва рушди низоми танзим ва дастгирии соҳибкорӣ; 1.20. Ташкили ҳамкориҳои сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва соҳибкорӣ; 1.23. Самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва роҳҳои баланд бардоштани он мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф аз муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосноккунии моҳияти назариявии мафҳуми муҳити молиявии соҳибкорӣ, исбот намудани зарурати истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии бунёди муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон, пешниҳод намудани роҳҳои асосии таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ, таҳияи модели консептулии стратегияи муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ, таҳияи матритсаи таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар асоси ташкил намудани кластерҳои минтақавию соҳавии рушди соҳибкорӣ, фондҳои махсусгардонидашуда ва дастгирии рушди инфрасохторӣ иборат мебошад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ - амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, Шӯрои илмии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ АИКТ маърӯза ва баррасӣ шудаанд.

Муқаррароти хусусияти методологӣ ва амалии кор дар ҷараёни таҳқиқот таҳияшуда дар раванди эҷоди навовариҳое истифода шуданд, ки муҳити молиявии сармоягузориро таҳким медиҳанд.

Муҳимтарини онҳо инҳоянд:

- тавсияҳо барои таҳкими муҳити молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст.
- навгониҳои илмӣ, ҳамчун дастури методӣ дар Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ АИКТ истифода мешавад.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 20 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 10 мақола дар нашрияҳои илмие, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз сарсухан, се боб, хулосаю пешниҳодҳо ва адабиёти истифодашуда, дар 195 саҳифаи чопи компютерӣ баён карда шудааст ва аз 53 ҷадвал, 10 расм иборат мебошад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МУҲИТИ МОЛИЯВИИ СОҲИБКОРӢ

## 1.1.Асосҳои илмӣ-назариявии муҳити молиявии соҳибкорӣ

Айни замон дар адабиёти иқтисодӣ шумораи зиёди тафсирҳои мафҳуми «муҳити молиявии соҳибкорӣ» вуҷуд доранд. Яке аз иқтисодчиёни рус Э.А. Теплякова чунин мешуморад, ки «муҳити молиявии соҳибкорӣ" омилҳое мебошад, ки дар шароити соҳибкории корпоративӣ маҷмӯи қувваҳои беруна аз ҳудуди корхона ба ҳисоб рафта, ба қобилияти менеҷери молиявӣ дар мубодилаи пул ва гирифтани даромад таъсир мерасонад.[1]

Дигар муҳаққиқон Л.А. Ковалерова, Ю.С. Караваева чунин мешуморанд, ки «муҳити молиявии соҳибкории корпоративӣ" маҷмӯи қувваҳои таъсиррасонандаанд, ки ширкатҳо бо дарназардошти онҳо бояд барномаҳои худро тахия кунанд.[2] С.А. Гурфова муҳити молиявии корхонаро «ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои мутақобилаи бисёрҷонибаи тиҷоратии корхона бо субъектҳо ва объектҳои муносибатҳои молиявӣ» медонад.[3]

Ба гуфтаи И.А. Чернухина, «муҳити молиявии соҳибкории корпоративӣ" муҳите мебошад, ки ба такрористеҳсол ва татбиқи ҷустуҷӯи мақсаднок, омода ва татбиқи инноватсия мусоидат мекунад.[4] И.А. Чернухина дар навбати худ тафсири зерини муҳити молиявии соҳибкории корпоративиро пешниҳод намудааст: «Муҳити молиявии соҳибкории корпоративӣ" муҳити иҷтимоӣ мебошад, ки вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла дараҷаи озодии иқтисодӣ, имконияти пайдоиш ва рушди соҳибкорӣ, бартарияти намуди бозории иқтисоди муносибатҳо,

[1] Теплякова Е.А. Характеристика финансовой среды предпринимательства: Материалы Международной (заочной) научно-практической конференции. Научное (непериодическое) электронное издание / Под общей редакцией А.И. Вострецова. – 2016. – С. 209–212.
[2] Ковалерова Л.А. Финансовая среда предпринимательства и предпринимательские риски / Л.А. Ковалерова, Ю.С. Караваева. – Брянск, 2015.
[3] Гурфова С.А. Финансовая среда предпринимательства и риск финансовой несостоятельности организаций // NovaInfo.Ru. – 2015. – Т. 1. – No39. С. 179–183.
[4] Ҷернухина И.А. Финансовая среда предпринимательства и предпринимательские риски / Л.А. Ковалерова, Ю.С. Караваева. – Брянск, 2015.

имконияти ташаккул додани сармояи соҳибкорӣ ва истифодаи захираҳои зарурӣ» мебошад.[5]

Ба ақидаи И.А. Чернухина розӣ шудан мумкин аст, вале қобили зикр аст, ки муҳити молиявии соҳибкории корпоративӣ метавонад ба фаъолияти корпоратсия ҳам манфӣ ва ҳам мусбӣ таъсир расонад, яъне он ба ташаккули шароит, омилҳо, муҳити молиявӣ, ки дар он корпоратсия фаъолияти худро амалӣ хоҳад кард, мусоидат мекунад.

Муҳити молиявии соҳибкорӣ ин маҷмӯи шароит ва омилҳои гуногунест, ки ба натиҷаи фаъолияти соҳибкорӣ таъсир мерасонанд.

Е.И. Комиссарова чунин мешуморад, ки «тибқи назарияи идоракунии стратегӣ мавқеи стратегии корхона бо маҷмӯи муҳити молиявии он баҳо дода мешавад.[6]

Ба ақидаи В.И. Воронов муҳити молиявии корхона ҳамчун «системаи шароит ва омилҳое фаҳмида мешавад, ки ба ташкил, шакл ва натиҷаҳои фаъолияти молиявии он таъсир мерасонанд». Вобаста ба хусусияти таъсири шароиту омилҳои инфиродӣ, инчунин имкони назорати онҳо аз ҷониби корхона дар раванди фаъолияти молиявӣ, ҳамчун ҷузъи муҳити умумии молиявии фаъолияти корхона дониста шуда, чунин сохтор дорад:

- муҳити молиявии беруна:
- муҳити таъсири бавосита;
- муҳити молиявии берунии таъсири мустақим;
- муҳити молиявии дохилӣ.[7]

---

[5] Чернухина И.А. Финансовая среда предпринимательства // Финансы и кредит. – М., 2011. – С. 143–150.

[6] Комиссарова Е.И. Финансовая среда предпринимательства и предпринимательские риски. 2016. - 201с.

[7] Воронов В.И. Источник: Интернет ресурсы.https://center-yf.ru/data/Marketologu/ finansovaya-sreda-predpriyatiya.php.Дата обращения 10.02.23

С. Пантелеев муҳити молиявиро «қисми ҷудонашавандаи иқтисодиёт дониста, иштирокчиёни асосии онро ширкатҳо, сармоягузорон ва бозорҳо» донистааст.[8]

Муҳити молиявии соҳибкорӣ мавриди таҳқиқи олимони тоҷик низ қарор гирифтааст. Масалан, Қ.Б. Шамсиев рушди соҳибкории истеҳсолиро дар комплекси агросаноатӣ мавриди таҳқиқот қарор дода, муҳити молиявиро пояи асосии рушди самаранокии иқтисодии соҳибкории истеҳсолӣ донистааст. Муҳаққиқ, танзими давлатии фаъолияти соҳибкориро дар муҳайё намудани фазои соҳибкорӣ, тавассути таҳияи консепсияи ҳамкории стратегии давлат, истеҳсолот, инноватсия, ташкилотҳои суғурта ва қарзӣ асоснок намудааст. Хусусан мавқеи ташкилотҳои суғуртаро баланд баҳо дода, зарурати истифодаи хизматрасонии суғуртавиро омили асосии таъмини муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ донистааст.[9]

Нуқтаи назари Қ.Б. Шамсиев доир ба истифодаи имкониятҳои ташкилотҳои суғуртавӣ дар шароити зиёд будани хавфҳои табиӣ, ки соҳаи кишоварзии Тоҷикистон аз он ҳамасола хисороти зиёд мебинад чун омили беҳтар намудани муҳити молиявӣ, боиси дастгирист, зеро дар дигар таҳқиқотҳо ин омил мавриди таҳқиқот қарор нагирифта буд.

Дигар олими тоҷик Ф.Н. Наҷмиддинов дар таҳқиқоти диссертатсионии худ «механизмҳои ташкилию иқтисодии рушди соҳибкориро ба ду қисм ҷудо намудааст: механизми ташкилӣ- институтсионалии танзим - меъёрию ҳуқуқӣ, шароит ва қоидаҳои пеш бурдани соҳибкорӣ бо назардошти хусусиятҳои миллӣ ва механизми иқтисодӣ-истифодаи танзими молиявӣ, дастгирии моддӣ ва инфрасохторӣ”.[10] Дар таҳқиқоти Ф.Н. Наҷмиддинов ягон омили нави муҳити молиявӣ ошкор нашуда

---

[8] Пантелеев С. Что такое финансовая среда? Экономика и бизнес.Интернетресурсы. Дата обрашения 10.02.2023

[9] Шамсиев Қ.Б. Развитие производственного предпринимательства агропромышленного комплекса Таджикистана (теория, методология, практика) : дисс. доктора э. н.Душанбе, 2012. -360с.

[10] Наҷмиддинов Ф.Н., Организационно-экономический механизм развития малого предпринимательства в сфере услуг: теория, методология, практика. Дисс. На соис. Уч. Степ. Д.э.н. Душанбе. 2022. – С.11

бошад ҳам, вале тибқи таҳқиқот ба назар гирифтани хусусиятҳои миллии муҳити молиявӣ аз фоида холӣ нест.

Яке аз муҳаққиқони муваффақ У.С. Хикматов «муҳити соҳибкорӣ»-ро ҳамчун «муносибати байни омилҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, технологӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, табиӣ, демографӣ» шарҳ додааст. Ба ақидаи ӯ «яке аз мушкилоти асосии ташаккули фазои соҳибкорӣ ва рушди соҳибкорӣ дар кишвар мавҷудияти монеаҳои зиёди маъмурӣ мебошад, ки дар ниҳояти кор барои рушди босуръати фаъолияти соҳибкорӣ имконият намедиҳанд».

Ӯ зарурати тағйироти сохтории системаи дастгирии давлатии сохибкорӣ, ки таъсиси институтхои зарурии иқтисодӣ, инчунин барҳам додани сохторҳои алоҳидаи давлатиро пешбинӣ менамояд, асоснок намуда, зарур донистааст, ки асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули муҳити молиявии соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ бо назардошти хусусиятҳои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шавад.

Дар асоси таҳлили консепсияҳои назариявӣ мавқеъ худро асоснок намуда, иброз намудааст, ки таҷрибаи ташаккули муҳити соҳибкорӣ, ки дар давлатҳои пешрафта истифода мешавад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ҳамчун асоси методологӣ метавонад татбиқ карда шавад ва механизмҳои мушаххаси татбиқи он бояд хусусиятҳои хоси Тоҷикистон, аз ҷумла иқтисодиёти давраи гузариш, асосҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии рушди соҳибкорӣ; зарурати такмили механизми андозбандии субъектҳои соҳибкорӣ бо назардошти раванди ташаккули муҳити соҳибкорӣ ба назар гирифта шавад. Дар баробари ин ба низоми кунунии танзими давлатии раванди ташаккули фазои соҳибкорӣ дар кишвар баҳои илмӣ дода, зарурати пурзӯр намудани нақши ҳавасманд-гардонии давлатро дар ҳалли ин мушкилот қайд намудааст. Ӯ ҷанбаҳои мусбии танзими давлатии соҳибкориро ба қадри кофӣ баён намуда, ҷанбаҳои манфии онро чун омили боздорандаи рушди соҳибкорӣ

донистааст. Дар асоси таҳлили вазъи маблағгузорӣ ва қарздиҳии соҳибкорӣ сабабҳои заифии молиявии субъектҳои хоҷагидориро ошкор намудааст. Ӯ чунин мешуморад, ки «аввалан, рақобати суст дар бозори хизматрасонии бонкӣ дар ниҳоят ба он оварда расонд, ки қарзҳои бонкӣ асосан кӯтоҳмуддат буда, фоизи онҳо баланд, коррупсия, бюрократия ва гарав раванди гирифтани онҳоро хеле мушкил кардааст. Сониян, тамоюли устувори субъектҳои хоҷагидорӣ ба манбаъҳои алтернативии маблағгузорӣ, баланд бардоштани нақши бозори хизматрасониҳои маблағгузории хурд ҳамчун манбаи самараноки маблағгузории субъектҳои соҳибкорро мусбӣ арзёбӣ намудааст». Дар асоси ин зарурати тағйир додани равиши консептуалии ташкили системаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ бо назардошти такмили заминаи ташкилию ҳуқуқӣ, молиявию кредитӣ, инчунин ташкили фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод намудааст.[11]

З.Х. Лолаев моҳияти иқтисодии муҳити молиявии рушди соҳибкориро дар дастгирии давлатӣ, тавассути ба низом даровардани санҷишҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби сохторҳои давлатӣ маънидод кардааст. Ба назари ӯ санҷишҳои бемаврид метавонанд омили боздорандаи рушди соҳибкорӣ гарданд.[12] Дурустии пешниҳоди З.Х. Лолаев борҳо дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид гардидааст.

Муҳити молиявии соҳибкорӣ маҷмуи субъектҳои хоҷагидорест, ки берун аз ҳудуди корхона фаъолият намуда, ба қобилияти амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва ба даст овардани даромад таъсир мерасонанд. Ё муҳити молиявии соҳибкориро метавон ҳамчун маҷмуи шароит ва омилҳои мухталифе, ки ба фаъолияти корхона таъсир мерасонанд,

[11] Хикматов У. С. Проблемы формирования предпринимательской среды в Республике Таджикистан. Дисс. на соискан. уч.степ. к.э.н., 2006.
[12] Лолаев З.Х. Развитие малого и среднего предпринимательства, как основа индустриализации национальной экономики. Дисс. на.соис.уч.ст.к.э.н., ТТУ им.М.Осимӣ. 2019. –С.32.

баррасӣ кард. Муҳити молиявӣ метавонад ба вазъи молиявии корхона, ба қобилияти фаъолияти самаранок дар бозор таъсир расонад.

Бояд изҳор намуд, ки муҳити молиявии соҳибкорӣ, инчунин имкониятҳо ва иқтидори молиявии онҳоро аз рӯи мавқеи он дар бозор муайян менамоянд. Нуқтаи оптималӣ мувофиқ омадани имкониятҳои молиявии соҳибкорон ба фаъолияти самаранокии онҳо дониста мешавад.

Агар истеҳсолкунанда барои конеъ гардонидани талаботи худ ва талаботи бозор имконияту иқтидори хуб дошта бошад, дар он сурат самараи фаъолияти он зиёд мешавад ва метавонад дар бозор мавқеи сазоворро ишғол намояд. Дар бадтарин ҳолат, истеҳсолкунанда, ки имкониятҳои худро аз ҳад зиёд баҳо додааст, наметавонад ӯҳдадориҳои худро иҷро кунад ва муштариёни эҳтимолии худро қонеъ гардонад. Вобаста ба марҳилаи давраи ҳаёти истеҳсолкунанда, муҳити молиявии соҳибкорӣ метавонад тағйир ёбад, аммо он нест карда намешавад. Он бояд тағйир ва ташаккул ёбад ва ба талаботи бозор мутобиқ гардад. Муҳити молиявии соҳибкориро дар намуди расм чунин тасвир намудан мумкин аст (расми 1.1.1)




Расми 1.1.1. Муҳити молиявии соҳибкорӣ.

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси: Чернухина И.А. Финансовая среда предпринимательства // Финансы и кредит. – М., 2011. – С. 143–150. Комиссарова Е.И. Финансовая среда предпринимательства и предпринимательские риски. Пантелеев С. Что такое финансовая среда? Экономика и бизнес.Интернет ресурсы. Дата обращения 10.02.2023

Аз расм бармеояд, ки муҳити молиявии соҳибкорӣ аз дороии соҳибкор, яъне аз сармояи он (замин, бино, иншоот, техника, захираҳои молиявӣ), бозорҳои молия (пул, сармоя, қарз), ҳокимияти давлатӣ (дастгирии давлатии соҳибкорӣ), ташкилотҳои молиявӣ (бонкҳо, фонди нафақа, суғурта, фондҳои сармоягузорӣ), ва хонаводаҳои аҳолӣ (қобилияти харидории аҳолӣ) вобастагӣ дорад.

Сохтори муҳити молиявии соҳибкориро метавон аз ду мавқеъ баррасӣ кард. Нуқтаи назари аввал нишон медиҳад, ки муҳити молиявии соҳибкорӣ аз сармоя, бозорҳои молия, ҳокимияти давлатӣ, қобилияти харидории хонаводаҳо ва ташкилотҳои молиявӣ иборат аст (расми 1.1.2).




Расми 1.1.2. Муҳити молиявии истеҳсолот

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси: Теплякова Е.А. Характеристика финансовой среды предпринимательства: Материалы Международной (заочной) научно-практической конференции. Научное (непериодическое) электронное издание / Под общей редакцией А.И. Вострецова. – 2016. – С. 209–212.

Макромуҳити соҳибкорӣ муҳити васеътар ба ҳисоб меравад, ки дар маҷмуъ ба муҳити бозорӣ ва бахусус ба фаъолияти корхонаҳои алоҳида таъсир мерасонад ва он муҳити табиӣ-экологӣ, иқтисодӣ, демографӣ, техникӣ-технологӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро дар бар мегирад.

Таъсири муҳити табиӣ ба муҳити тиҷорат бо норасогии баъзе ашёи хом, афзоиши хароҷоти нерӯи барқ, афзоиши ифлосшавии муҳити зист,

дахолати давлат ба истифода ва такрористеҳсоли захираҳои табиӣ вобаста аст.

Таъсири муҳити техникӣ ба муҳити тиҷорат аз суръати пешрафти илмию техникӣ, афзоиши маблағҳо барои тадқиқот ва коркарди он, такмили маҳсулоти тайёр, баланд шудани ҳосилнокии меҳнат тавассути истифодаи технологияҳои нав ва ғайра вобастагӣ дорад.

Муҳити сиёсӣ ба фаъолияти соҳибкории корхона тавассути таҳия ва қабули санадҳои қонунгузорие, ки ин фаъолиятро танзим мекунанд, зиёд намудани талаботи муассисаҳои давлатӣ, ки риояи қонунҳоро назорат мекунанд ва ғайра таъсир мерасонад.

Таъсири муҳити демографӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ дар афзоиши сатҳи таваллуд дар кишварҳои рӯбатараққӣ, коҳиш ёфтани таваллуд ва пиршавии аҳолии кишварҳои саноатӣ, баланд шудани сатҳи маълумотнокӣ ва афзоиши шумораи кормандон зоҳир мешавад.

Таъсири муҳити фарҳангӣ бо ҷонибдории аксарияти аҳолӣ ба арзишҳои асосии анъанавии фарҳангии миллӣ вобастагӣ дорад.

Микромуҳити соҳибкорӣ аз муҳитҳои ба фаъолияти соҳибкор бевосита таъсиррасонанда иборат буда, аз қобилияти ташкилотчигии он вобаста мебошад.

Ба он таъминкунандагон, миёнаравон, харидорон (муштариён), рақибон, истеъмолкунандагон дохил мешаванд.

Таъминкунандагон шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки корхона ва рақибони худро бо ашёҳо барои истеҳсоли маҳсулоти тайёр таъмин менамоянд. Таъсири таъминкунандагон ба фаъолияти молиявии соҳибкорӣ назаррас аст ва ба самаранокии фаъолият таъсир мерасонад.

Масалан, болоравии нархи захираҳои истеҳсолии таъминкунандагон ба баланд шудани нархи маҳсулоти тайёри соҳибкор таъсир расонида, арзиши аслии онро баланд менамояд. Таъхири таҳвили захираҳои алоҳида, номунтазамии онҳо, ҳама гуна ҳодисаҳои манфӣ дар корхонаҳои

таъминкунанда боиси вайрон шудани ҷадвали интиқоли маҳсулоти тайёри соҳибкор мешавад.

Миёнаравҳо ташкилотҳое мебошанд, ки ба соҳибкор дар пешбарӣ, тақсимот ва фурӯши маҳсулоти тайёр дар байни муштариён кӯмак намуда,бо ин роҳ ба андозаи даромади гирифташуда таъсир мерасонанд. Миёнаравонро ба фурӯшандагон, инчунин фаъолияти маркетингӣ ва миёнаравони молиявию қарзӣ тақсим менамоянд.

Фурӯшандагон ба соҳибкор дар ёфтани харидорон кӯмак мерасонанд ва маҳсулоти тайёрро ба онҳо мустақиман мефурӯшанд. Онҳо шароити фурӯши маҳсулоти тайёрро (осонии ҷойгиршавӣ, вақти муайян, осонии харид) бо хароҷоти камтар нисбат ба соҳибкор фароҳам меоранд. Мушкилии ҷойгиршавӣ аз ҷониби дилерҳо аз ҳисоби ҷамъшавии маҳсулоти тайёр дар ҷойҳои аз ҳама бештар ҷамъомадаи муштариён ҳал карда мешавад. Мавҷудияти маҳсулоти зарурӣ дар як вақти муайян талаботро таъмин намуда боиси рушди соҳибкорӣ мегардад.

Миёнаравон ба соҳибкори истеҳсолкунандаи молҳо кӯмак мерасонанд, ки молҳои истеҳсолкардаи онҳоро аз макони истеҳсол то ба макони истеъмол интиқол диҳанд. Ба онҳо ташкилотҳои нигоҳдорӣ ва нақлиёт низ дохил мешаванд. Агар ташкилотҳои нигоҳдории маҳсулоти тайёр захира ва сифати онро таъмин намоянд, пас ташкилотҳои нақлиётӣ маҳсулоти тайёрро ба ҷойҳои лозима интиқол медиҳанд.

Миёнаравҳои маркетингӣ ин созмонҳое мебошанд, ки бо таҳқиқоти маркетингӣ, инчунин проблемаҳои омӯзиш ва баҳодиҳии хавфи соҳибкорӣ машғуланд (агентиҳои таблиғотӣ, ширкатҳои машваратӣ ва ғ.).Вазифаи асосии онҳо ба соҳибкорон дар ёфтани бозор ва шароити дурусти фурӯши молҳо расонидани кӯмак ва пешгӯии хатарҳои эҳтимолӣ ба ҳисоб меравад. Аммо, дар айни замон, соҳибкорон аз хизматрасонии чунин ширкатҳо хеле кам истифода мебаранд, ки фаъолияти маркетингии онҳоро душвор мегардонад.

Миёнаравони молиявӣ ва қарзӣ, бонкҳо, ташкилотҳои қарзӣ,

ширкатҳои суғурта ба ҳисоб мераванд, ки вазифаи асосии онҳо маблағгузории фаъолияти соҳибкорӣ, суғурта аз хавфҳои марбут ба фаъолияти он мебошад. Қариб ҳамаи соҳибкорон ҳангоми гузаронидани амалиёт аз миёнаравии молиявӣ ва қарзӣ истифода мебаранд. Ба қавли Сатторзода Э.И. ва Олимов С.И. солҳои охир дар баробари маблағгузории буҷетӣ барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисоди миллӣ, инчунин маблағҳои қарзии пешниҳодшуда дар рушди соҳаҳои иқтисодиёт, нақши калон бозида истодааст".[13] Афзоиши арзиши қарз ва (ё) кам кардани имкониятҳои қарздиҳӣ, афзоиши арзиши хизматрасониҳои суғурта ба вазъи молиявии корхонаҳо таъсири назаррас расонида метавонанд. Вале ҳолати молиявии бонкҳо низ нигаронкунанда аст. Ба қавли Хайрзода Ш.Қ. "дар шароити бӯҳрони молиявӣ сиёсати молиявии бонк бояд ба таъмини устувории молиявии он ва коҳиш додани хавфҳои фаъолияти бонк равона карда шавад".[14]

Ашуров И.С., Насриддинов Ш.С. чунин мешуморанд, ки "то кунун механизми комили суғуртакунонии хавфҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар хоҷагии қишлоқ ташкил карда нашудааст. Ширкатҳои суғуртавӣ новобаста аз шакли моликияташон маҷмӯи пурраи хизматрасониҳоеро, ки дар мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон вусъат ёфтаанд, таъмин карда наметавонанд."[15]

Мизоҷонро Гурфова С.А. ба гурӯҳҳои зерин тақсим намудааст:

- истеъмолкунандагони бозори истеъмолӣ - шахсоне, ки молҳо ё хидматҳоро барои истеъмоли шахсӣ мехаранд;
- харидорони бозор - ташкилотҳое, ки молҳо ё хидматҳоро барои истифодаи минбаъда дар раванди истеҳсолии дигар молҳо харид мекунанд;

[13] Сатторзода Э.И., Олимов С.И. Мавқеъ ва нақши бонкӣ дар рушди иқтисоди Тоҷикистон. Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2022. №4/2 (59). –С.59

[14] Хайрзода Ш.Қ. Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бесуботии молиявӣ (назария, методология, амалия): дисс. ба дараҷаи д.и.и.:08.00.10./Ш.Қ. Хайрзода, 2021.-С.7.

[15] Ашуров И.С., Насридинов Ш.С.- Рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: «Эр-Граф», 2022-164 с.

❖ харидорони миёнаравии бозор - шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки барои фурӯш ва фоидаи минбаъда дар соҳаи муомилот мол ё хизматрасонӣ мехаранд;

❖ харидорони бозори муассисаҳои давлатӣ мақомоти давлатӣ мебошанд, ки молҳо ё хидматҳоро барои эҳтиёҷоти худ, инчунин барои истифодаи хидматрасониҳои коммуналӣ ё хайрия харидорӣ мекунанд;

❖ харидорони бозори байналмилалӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки молро барои мақсадҳои гуногун берун аз қаламрави истеҳсолии худ харидаанд.[16] Гурӯҳбандии мизоҷон имконият медиҳад, ки соҳибкор дар бораи онҳо маълумоти зарурӣ дошта бошад.

Микромуҳити молиявии соҳибкорӣ аз фаъолияти рақибон вобаста мебошад. Самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ аз он вобаста мебошад, ки соҳибкор дар кадом масофа аз бозор қарор дорад, захираҳои иқтисодӣ нисбат ба рақибон дастрас аст ё не, сифати моли истеҳсолкардаи соҳибкор нисбат ба моли рақибон дар кадом ҳолат аст ва ғайраҳо.

Мутобиқи дигар нуқтаи назар, муҳити молиявии соҳибкориро ба муҳити молиявии дохилӣ ва муҳити молиявии беруна тақсим намудаанд (расми 1.1.3).

Муҳити молиявии дохилӣ, низоми омилҳоеро дар бар мегирад, ки интихоби ташкил ва шаклҳои фаъолияти молиявии корхонаро бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарин, ки бевосита аз ҷониби роҳбарон ва мутахассисони хадамоти молиявии корхона таъмин карда мешавад.

Муҳити молиявии берунаи соҳибкорӣ маҷмӯи субъектҳои соҳибкорӣ мебошад, ки берун аз ин корхона фаъолият мекунад ва ба пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва гирифтани даромад таъсир мерасонад. Муҳити молиявии беруна ба рушди соҳибкорӣ таъсири ғайримустақим дорад. Ба онҳо метавон вазъи сиёсӣ, вазъи иқтисодӣ, сатҳи рушди технология, вазъи табии- экологӣ, вазъи иҷтимоӣ-маданӣ, муносибати байниҳамдигарии

[16] Гурфова С.А. Финансовая среда предпринимательства и риск финансовой несостоятельности организаций // NovaInfo.Ru. – 2015. – Т. 1. – No39. С. 179–183.

сохторҳоро шомил намуд, ки дар сатҳи макроиқтисодӣ таъсирбахшанд ва ба соҳибкорӣ таъсир мерасонанд.




Расми 1.1.3. Муҳити молиявии дохилӣ ва беруна

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси: Ковалерова Л.А. Финансовая среда предпринимательства и предпринимательские риски / Л.А. Ковалерова, Ю.С. Караваева. – Брянск, 2015. -201 с.

Мувофиқи назарияи менеҷменти стратегӣ муҳити молиявӣ дар якҷоягӣ бо имконот ва иқтидори иқтисодии соҳибкор мавқеи стратегии онро дар бозор ифода мекунад.

Аз ҷониби менеҷери молиявӣ омӯхтани тамоми ҷузъҳои микро ва макроиқтисодии соҳибкорӣ шарти пешакии фаъолияти бомуваффақияти сармоягузорӣ ва ба даст овардани даромади бештар барои соҳибкор мебошад.

Беҳтарин интихоб ин мувофиқ кардани қобилияти соҳибкор ба шароити муҳити молиявист. Дар ин ҳолат бояд ба мутобиқати

имкониятҳои молиявии соҳибкор ба муҳити молиявии соҳибкорӣ диққати махсус дода шавад. Агар корхона барои қонеъ гардонидани талаботи экологӣ нерӯи кофӣ дошта бошад, пас самаранокии фаъолият баланд мешавад, ки ба беҳтар шудани вазъи молиявӣ ва мустаҳкам гардидани мавқеи соҳибкор дар бозор оварда мерасонад. Дар акси ҳол, соҳибкор метавонад ба бӯҳрони молиявӣ дучор шуда, иҷрои ӯҳдадориҳои худро таъмин карда натавонад. Вобаста аз марҳилаи фаъолияти соҳибкорӣ, муҳити молиявии корхона метавонад тағйир ёбад, аммо он нопадид шуда наметавонад. Онро метавон ташкил кард, тағйир дод ва дар ҳолати зарурӣ такмил дод.

Фаъолияти самараноки соҳибкорӣ аз доираҳои молиявии он ва инфрасохтори таъминкунандаи захираҳо вобаста мебошад, ки соҳибкорро бо сармоя таъмин менамоянд. Ба онҳо бонкҳо, ташкилотҳои қарзӣ, ширкатҳои сармоягузорӣ, ширкатҳои суғурта ва ғайра дохил мешаванд. Муассисаҳои давлатӣ ба рушди соҳибкорӣ тавассути хариди давлатӣ, усулҳои маъмурӣ, тавсияҳо, дастурҳо таъсир мерасонанд.

Ташкилотҳои ҷамъиятии шаҳрвандӣ, аз ҷумла иттифоқҳои истеъмолкунандагон, экологҳо ва дигарон низ ба муҳити молиявӣ таъсир расонида метавонанд. Ҷамъият дар маҷмӯъ нисбат ба соҳибкор ҳамчун қувваи муташаккил амал намекунад, аммо натиҷаҳои фаъолияти тиҷоратии он аз онҳо вобаста аст, ки чӣ гуна симои корхонаро қабул мекунанд.

Фаъолияти самараноки соҳибкорӣ аз муносибати дохилии кормандон ва роҳбарони он вобастагии ногусастанӣ дорад, зеро муносибати хуб бо кормандон пояи муваффақияти фаъолият дониста мешавад.

Ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири мизоҷонро ба назар нагирифтан оқибатҳои манфӣ ба бор меорад. Аз рӯи табиати таъсир, мизоҷонро ба гурӯҳҳои зерин тақсим намудан мумкин аст:

- муфид (хайрхоҳ);

- дилхоҳ;
- номатлуб.

Мизоҷони муфид ин гурӯҳҳое мебошанд, ки ба соҳибкорӣ таъсири мусбӣ мерасонанд (сарпарастон, давлат).

Мизоҷони дилхоҳ гурӯҳҳое мебошанд, ки худи соҳибкор ба онҳо таваҷҷӯҳ дорад (масалан, корбарони ВАО).

Мизоҷони номатлуб гурӯҳҳое мебошанд, ки манфиатҳои худро доранд, аммо аз ҳолати молиявии соҳибкорӣ вобастаанд (масалан, ҷамъиятҳои истеъмолкунандагон, мақомоти андоз ва ғ.).

Ҳамин тариқ, муҳити молиявии соҳибкориро таҳқиқ намуда, чунин хулоса намудан мумкин аст.

1. Дар адабиётҳо ва сарчашмаҳои интернетӣ мафҳуми ягонаи муҳити молиявии соҳибкорӣ мавҷуд нест. Яке онро чун омилҳо тасвир мекунад, дигаре маҷмӯи қувваҳои таъсиррасонанда, такрористеҳсол ва татбиқи ҷустуҷӯи мақсаднок, омода ва татбиқи инноватсия, сеюмин муҳити иҷтимоӣ, иттиҳодияи субъектҳои хоҷагидорӣ, ки берун аз доираи муайян фаъолият намуда, ба фаъолияти соҳибкорӣ ва қобилияти ба даст овардани даромад таъсир мерасонад. Гурӯҳи дигар шароитҳоеро дар назар доранд, ки корхона бояд дар он кор кунад, Қисми дигар онро маҷмӯи муҳити зист, имкониятҳо ва иқтидори стратегии ташкилот, системаи шароит ва омилҳое мефаҳмад, ки ба ташкил, шакл ва натиҷаҳои фаъолияти молиявии он таъсир мерасонанд.

2. Муҳити молиявии соҳибкориро метавон ба муҳити молиявии беруна ва дохилӣ тақсим намуд, ки бевосита фаъолияти соҳибкорӣ ба он алоқаманданд буда, ба қобилияти пешбурди тиҷорат ва гирифтани даромад таъсир мерасонанд. Сохтори муҳити молиявии соҳибкориро метавон аз ду мавқеъ- макромуҳит (табиӣ-экологӣ, иқтисодӣ, демографӣ, техникӣ-технологӣ, сиёсӣ, ва фарҳангӣ) ва микромуҳит (сохти ташкилӣ, сохтори идора, ташкили молиякунонӣ, ташкили фурӯш, ташкили

баҳисобгирӣ, нархгузорӣ, ташкили муҳосибот, ташкили баҳисобгирии андоз, хусусияти технологияи истеҳсолот ва ғ.) ба ҳисоб гирифт.

3. Муҳити молиявии соҳибкориро ҳамчун вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, шаҳрвандӣ ва ҳуқуқие метавон маънидод намуд, ки дар кишвар ташаккул ёфта, ба шаҳрвандони қобилиятнок барои фаъолияти соҳибкорӣ, озодии иқтисодӣ шароит фароҳам оварда, ба қонеъ гардонидани талаботи ҳамаи субъектҳои муносибатҳои бозорӣ нигаронида шудааст,

4. Муҳити молиявии соҳибкорӣ маҷмуи субъектҳои хоҷагидориест, ки берун аз ҳудуди ҳамин корхона фаъолият намуда, ба қобилияти пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва ба даст овардани даромад таъсир мерасонанд. Ё муҳити молиявии соҳибкориро метавон ҳамчун маҷмӯи шароит ва омилҳои мухталифе, ки ба фаъолияти корхона таъсир мерасонанд, баррасӣ кард. Муҳити молиявӣ метавонад ба вазъи молиявии корхона ва ба қобилияти фаъолияти самаранок дар бозор таъсири мусбӣ ва ё манфӣ расонад. Мухити молиявӣ шароити муайян, иқлимеро ба вуҷуд меоварад, ки дар он ба фаъолияти соҳибкорӣ имконият фароҳам оварда мешавад.

## 1.2. Омилҳо ва марҳилаҳои ташаккули муҳити молиявии соҳибкорӣ

Муҳити молиявии соҳибкорӣ ҳамчун муҳити устувори иқтисодии фаъолият дониста шуда, самаранокии истеҳсолот ва хизматрасониро таъмин менамояд. Сиёсати нигоҳдории устувори молиявии соҳибкорӣ бисёрҷанба аст, вале он аз таъсири мутақобилаи омилҳои дохилӣ ва берунӣ иборат аст.

Ашуров И.С., Насриддинов Ш.С. қайд карданд, ки “рушди соҳибкории истеҳсолӣ аз таъсири омилҳои мухталиф, ҳам дар сатҳи макроиқтисодӣ ва ҳам микроиқтисодӣ вобастааст. Ин омилҳо ё ба рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ таъсири мусбат

мерасонанд ё монеъ мешаванд”.[17]

Ҳикматов У.С. омилҳои рушди соҳибкориро “заминаи ташкилию ҳуқуқии соҳибкорӣ, таъсиси заминаи шаффофи қонунгузорӣ ва муттаҳидсозии тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба соҳибкорӣ, соддагардонии тартиби бақайдгирӣ, низоми андозбандӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии субъектҳои хоҷагидор, ташкили механизми ҳифзи институти соҳибкорӣ, ҳифзи сирри тиҷоратӣ ва масъулияти макомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор барои вайрон кардани ҳуқуқи сохибкорон” донистааст.[18]

Муҳаққиқ Ҷойлоев З.М. муҳити молиявиро мавриди таҳқиқот қарор дода, ба сатҳи ҳозираи тараққиёти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳо додаст. Ӯ қайд менамояд, ки Тоҷикистон аз бисёр мамлакатҳои ҷаҳон қафо мондааст, ки ин ҳамчун натиҷаи таъсири шароит ва омилҳои асосии ба тараққиёти соҳибкории истеҳсолии хурд таъсиррасонанда, дорои хусусиятҳои ба худ хос дар сатҳҳои давлатӣ, вилоятӣ ва маҳаллӣ мебошад. Аз ин лиҳоз муҳаққиқ чунин омилҳои шаҳодатдиҳандаи ин тамоюлро ҷудо намудааст:

- набудани санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳо, дар бахши соҳибкории истеҳсолӣ;
- набудани кафолати давлатӣ ва механизмҳои қарздиҳӣ ба корхонаҳои хурди истеҳсолӣ, меъёрҳои баланди қарзҳои бонкӣ, набудани қарзҳои имтиёзнок ва имтиёзҳои андозӣ;
- сатҳи нокифояи маблағгузории барномаҳои мақсадноки дастгирии соҳибкории истеҳсолии хурд;
- набудани системаҳои имтиёзҳои давлатӣ ва сабукиҳо барои корхонаҳои истеҳсолии хурд оид ба андозҳо, иҷорапулӣ барои замин, биноҳо ва лизинг;

---

[17] Ашуров И.С., Насридинов Ш.С.- Рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: «Эр-Граф», 2022-164 с.

[18] Хикматов У. С. Проблемы формирования предпринимательской среды в Республике Таджикистан. Дисс. на соискан. уч.степ. к.э.н., 2006.-С.12

- низоми қафомондаи баҳисобгирӣ ва ҳисоботҳои омории субъектҳои соҳибкории хурд (набудани маълумотҳо оид ба натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои хурд, соҳибкорони инфиродӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ);
- рушди нокифояи инфрасохторҳои дастгирии соҳибкории истеҳсолии хурд”.

Дар баробари ин, ба назари муаллиф, аз бисёр ҷиҳат ин раванд аз самаранокии танзими давлатӣ вобастагӣ дорад, ки он бояд барои истифодаи пурраи иқтидорҳои мавҷудаи соҳибкории истеҳсолӣ дар мамлакат ва вилоятҳои алоҳидаи он шароити мусоидро фароҳам оварад.

Ғайр аз ин, хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва тараққиёти соҳибкории истеҳсолиро ба назар гирифта, муаллиф як қатор омилҳои муайянкунандаро ҷудо намудааст, ки муҳити соҳибкориро дар мамлакат ва вилоятҳои алоҳида ташкил медиҳанд, Ба ин омилҳо кӯмакпулиҳои маъмурӣ, хароҷоти умумии соҳибкорон барои истифодаи инфрасохторҳо, сиёсати минтақавӣ ва маҳаллии иқтисодӣ ва моликиятро шомил намудааст”.[19]

Бояд қайд намуд, ки истифодаи ҳамаи бандҳои хулосанамудаи муаллиф метавонад муҳити молиявии соҳибкориро такмил диҳад, зеро инфрасохтори дастгирии давлатӣ ва молиявии соҳибкории хурдро дар намуди ҷадвал инъикос намуда, ба омилҳои беруна ва дохилии рушди соҳибкорӣ Фонди дастгирии соҳибкории хурд, Шӯро оид ба соҳибкорӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Палатаи савдою саноатӣ, Кумитаи иттифоқҳои касабаи кормандони соҳибкории хурд, Маркази дастгирии соҳибкории хурд дар вилоятҳо ва Раёсати дастгирии соҳибкории хурдро дохил намудааст[20], ки ба таҳкими соҳибкорӣ замина шуда метавонанд.

Муҳаққиқи дигар, Наимов Б.Қ. омилҳои боздорандаи рушди соҳибкории кишоварзиро дар баланд будани арзиши қарз ва сарбории

---

[19] Хикматов У. С. Проблемы формирования предпринимательской среды в Республике Таджикистан. Дисс. на соискан. уч.степ. к.э.н., 2006.-С.15

[20] Ҷайлоев З.М.Танзими давлатии соҳибкории истеҳсолии хурд дар шароити иқтисоди бозорӣ. Автор.дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и., ДДБ ба номи Н.Хусрав.. 2018. –С.16

зиёди андозӣ дониста, дар мисоли хоҷагиҳои алоҳида микромуҳити молиявиро барои рушди соҳибкории кишоварзӣ ҳамчун омили боздоранда нишон додааст.[21] Муаллиф мутлақо дуруст қайд намудааст, ки сарбории андозӣ дар кишоварзӣ хеле зиёд аст, зеро дар хоҷагиҳои алоҳида ба 35 фоизи даромади соҳибкор баробар аст.

Барои таҳлили таъсири омилҳои беруна ба муҳити молиявии соҳибкорӣ, пеш аз ҳама, муайян кардан лозим аст, ки чӣ бевосита ба онҳо дахл дорад. Бояд қайд кард, ки дар адабиёти илмӣ таснифоти дақиқи омилҳои муҳити берунии соҳибкорӣ вуҷуд надорад. Аммо дар асоси таҳлили ақидаи иқтисодшиносон: Родионова В.М., Федотова М.А., Скамай Л.Г., Трубочкина М.И., Ҳикматов У.С., Шамсиев Қ.Б., Ашуров И.С.,Насриддинов Ш.С., Ҷойлоев З.М.ва диг.[22], мо метавонем таснифоти маъмултарини омилҳое, ки ба муҳити молиявӣ таъсир мерасонанд, чунин тасниф намоем (расми 1.2.1).




Расми 1.2.1. Таснифи омилҳои беруна, ки ба муҳити молиявӣ таъсир мерасонанд.

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф, дар асоси Родионова В.М. Финансовая устойчивость предприятия в условиях инфляции / В.М. Родионова, М.А. Федотова. – М.: Перспектива, 2010. Ҷайлоев З.М.Танзими давлатии соҳибкории истеҳсолии хурд дар шароити иқтисоди бозорӣ. Автор.дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и., ДДБ ба номи Н.Хусрав.. 2018. –С.16, Ашуров И.С., Насридинов Ш.С.- Рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: «Эр-Граф», 2022-164 с., Хикматов У. С. Проблемы формирования предпринимательской среды в Республике Таджикистан. Дисс. на соискан. уч.степ. к.э.н., 2006.

[21] Наимов Б.Қ. Рушди соҳибкории хурд ва миёна дар соҳаи кишоварзӣ. Дисс. баро дарёфти дараҷаи илмии н.и.и., ДДБ ба номи Н.Хусрав.. 2019. –С.42.

[22] Родионова В.М. Финансовая устойчивость предприятия в условиях инфляции / В.М. Родионова, М.А. Федотова. – М.: Перспектива, 2010.

Ҳар яке аз омилҳое, ки дар расм оварда шудаанд, ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таъсири хоси худро бевосита ва ё бавосита мерасонанд, ки бояд тавсифи муфассали таъсири ҳар яки онро муайян намоем.

Ба омилҳои таъсири бавосита он омилҳое дохил мешаванд, ки метавонанд ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таъсири бевосита надошта бошанд, вале бо вуҷуди ин, метавонанд ба фаъолияти он таъсир расонанд.[23]

Ҳар яке аз омилҳои пешниҳодшудаи таъсири бавосита ба муҳити молиявии соҳибкорӣ хусусиятҳои худро доранд.

**Омили сиёсӣ**. Омилҳои гуногуни дорои хусусияти сиёсӣ ва давлатидошта метавонанд ба ҷараёни фаъолияти соҳибкорӣ таъсир расонанд. Шамсиев Қ.Б., онҳоро дар «суботи сиёсии ҷомеа, сиёсати минтақавӣ ва миллӣ, зиддиинҳисорӣ, сиёсати андоз ва пулию қарзии давлат, мавҷудияти амалиёти ҷангӣ» мебинад.[24]

**Омили иқтисодӣ**. Вазъи иқтисодии ҷаҳон дар маҷмӯъ ва бахусус иқтисодиёти кишвар ба қобилияти нигоҳ доштани даромаднокии соҳибкорӣ таъсири назаррас мерасонад. Таҳлили омилҳои зерини иқтисодӣ метавонад ба назар гирифта шавад:

- вазъи бозорҳои молиявӣ;
- вазъи бӯҳронии иқтисоди кишвар;
- таназзули умумии истеҳсолот;
- сатҳи таваррум;
- тағйирёбии қурби асъор дар бозор, нархи мол;
- фаъолияти соҳибкорӣ ва қобилияти харидории аҳолӣ;
- бад шудани шароити савдои хориҷӣ;
- муҳосираи иқтисодӣ ва ғайра.

---

[23] Шамсиев Қ.Б. Развитие производственного предпринимательства агропромышленного комплекса Таджикистана (теория, методология, практика) : дисс. доктора э. н.Душанбе, 2012. – С..47.

[24] Шеремет А.Д., Негашев Е.В. Методика финансового анализа деятельности коммерческих организаций. — 2-е изд., перераб. и доп. — М.: ИНФРА-М, 2010. - 208с.

Инчунин, бояд гуфт, ки вазъи бӯҳронии иқтисодиёт ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таъсири беандоза дорад. Дар давраи буҳрон суръати фурӯши маҳсулот аз суръати истеҳсоли он қафо мемонад. Умуман, даромади субъектҳои фаъолияти хоҷагӣ кам шуда, миқёси фоида низ нисбатан кам мешавад. Дар давраи бӯҳрон муфлисшавии корхонаҳо шиддат мегирад.[25]

Ҳикматов У.С. омили иқтисодиро дар андешидани тадбирҳои зерин медонад:

- дастрасии субъектҳои соҳибкорӣ ба манбаъҳои захираҳои молиявӣ;
- ташкили кооперативҳои қарзӣ;
- ҷамъиятҳои қарзии мутақобила ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ;
- таҳияи механизми кафолатҳои давлатӣ, ки тақсими хавфҳоро байни давлат, ташкилотҳои қарзӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ пешбинӣ менамояд;
- фоизи қарзҳоеро, ки ташкилотҳои тиҷоратӣ ба категорияҳои алоҳидаи субъектҳои хоҷагидорӣ медиҳанд;
- пешниҳоди субсидия;
- мусоидат ба ҷалби маблағҳои молиявии ғайрибуҷетӣ ба соҳаи соҳибкорӣ;
- рушди маблағгузории венчурӣ;
- лоиҳаҳои инноватсионии субъектҳои соҳибкорӣ;
- такмил додани низоми ташаккули таърихи қарзии корхонаҳо (аз ҷумла тиҷорати хурд);
- таъсиси бюроҳои қарзӣ бо мақсади осон кардани дастрасии корхонаҳои хурд ба қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва ғ.[26] Ба назар гирифтани

---

[25] Дар ҳамон ҷо, -С.38

[26] Хикматов У. С. Проблемы формирования предпринимательской среды в Республике Таджикистан. Дисс. на соискан. уч.степ. к.э.н., 2006. –С. 9.

таъсири ин омилҳо ба рушди соҳибкорӣ таъсири мусбӣ расонида метавонад.

Омили демографӣ. Ин омил ба фаъолияти соҳибкорон таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Ба онҳо инҳо дохил мешаванд:

- сатҳи таваллуд;
- сатҳи фавт;
- теъдоди аҳолӣ аҳолӣ ва суръати афзоиши он;
- муҳоҷират ва зичии аҳолӣ;
- сохтори ҷинсиву синну солӣ ва таркиби этникии аҳолӣ;
- баланд бардоштани савияи маълумот ва зиёд намудани шумораи кормандон.[27]

Омилҳои номбаршуда дар шароити паст шудани нишондиҳандаҳои демографӣ ба рушди соҳибкорӣ таъсир мерасонанд, зеро соҳибкор маҳсулотро бо назардошти талабот дар бозор истеҳсол менамояд. Муҳаққиқ, Наҷмиддинов Ф.Н. дар он назар аст, ки ин омил ба соҳибкории соҳаи хизматрасонӣ таъсири бештар дорад, зеро «ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди нақлиёт ба назар нагирифтани таъсири ин омил наметавонад иҷрои барномаро таъмин намояд».[28]

**Омили илмӣ-техникӣ**. То имрӯз, афзоиши навовариҳо дар технологияи компютерӣ бо суръати бениҳоят баланд рушд менамояд ва бешубҳа, ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири калон мерасонанд. Истифодаи навоварӣ корро осон карда, ҷараёни фаъолиятро метезонад. Артеменко В.Г., Беллендир М.В. чунин омилҳои илмӣ-техникиро ҷудо намудаанд:

- дараҷаи тараққиёти илм ва такмили техника;
- суръати тағйироти технологӣ;
- сатҳи сармоягузории корхона ба инноватсия;

[27] Шамсиев Қ.Б. Развитие производственного предпринимательства агропромышленного комплекса Таджикистана (теория, методология, практика) : дисс. доктора э. н.Душанбе, 2012. –С.41.
[28]Наҷмиддинов Ф.Н., Организационно-экономический механизм развития малого предпринимательства в сфере услуг: теория, методология, практика. Дисс. На соис. уч. степ. д.э.н. Душанбе. 2022. –С.11

- иштироки давлат дар тадқиқоти илмию технологӣ.[29]

**Омили иҷтимоӣ**. Ин омилҳо ба хусусияти маҳсулоти истеҳсолкардаи корхона, усули истеҳсол, шароити кор, рафтори соҳибкор дар бозор, талабот ба молу хизматрасонӣ ва ғайра таъсир мерасонанд. Шароиту имкониятҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ҷо ба ҷо гузоштани онҳо ва аз ин рӯ, хароҷоти соҳибкорӣ ба онҳо вобаста аст. Артеменко В.Г., Беллендир М.В. ба омилҳои иҷтимоӣ чунин омилҳоро дохил намудаанд:

- дараҷаи шуғли (бекории) аҳолӣ;
- дараҷаи тахассуси кадрҳо, тайёр кардан ва бозомӯзии онҳо;
- ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.[30]

Ба назари мо ба омилҳои иҷтимоии номбаршуда метавон даромад ва қобилияти харидории аҳолиро илова намуд.

**Омилҳои экологӣ**. Муҳити экологӣ мавҷудияти захираҳои табиӣ ва ҳолати муҳити табииро тавсиф мекунад, ки ҳам худи соҳибкор ва дигар субъектҳои соҳибкорӣ ҳангоми фаъолияти иқтисодии худ бояд онҳоро ба назар гиранд, зеро. ба шароиту имкониятҳои гузарондани ин фаъолият бевосита таъсир мерасонанд. Ба назари Досиев М.Н. «фаъолияти соҳибкорӣ аз шароите вобаста аст, ки муҳити экологӣ ба миён мегузорад, яъне:

- ҳолати муҳити зист;
- нарасидани навъҳои алоҳидаи захираҳо ва ашёи хом;
- бо иншоотҳои тозакунӣ мусаллаҳ намудани корхонаҳои саноатӣ ва кам кардани истеҳсолоти хавфнок;
- дахолати давлат ба раванди истифодаи оқилона ва дубораи сарватҳои табиӣ;
- маблағгузорӣ ба бунёди технологияҳои безарар ва сатҳи татбиқи онҳо”.[31]

---

[29] Артеменко В.Г., Беллендир М.В. Финансовый анализ: учебное пособие. – М.: ДИС, 2012. –С.41.
[30] Артеменко В.Г., Беллендир М.В. Финансовый анализ: учебное пособие. – М.: ДИС, 2012. – С.49.
[31] Досиев М. «Особенности формирования и развития экологического предпринимательства» (аз рӯи маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон)// Автореф. дисс. Барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и. –Душанбе, 2009. -35с.

Омилҳо номбаршуда ба фаъолияти соҳибкорӣ бевосита таъсир нарасонанд ҳам, вале онҳо барои соҳибкор муҳити молиявии фаъолияти соҳибкориро таъмин менамоянд.

Иванова Л.И. ба омилҳои таъсири бевосита, таъминкунандагон, истеъмолкунандагон, рақибон, қонунҳо, андозбандӣ, сатҳи таваррум ва мақомоти давлатӣ шомил намудааст.[32]

Яке аз омилҳои таъсири бевосита ба фаъолияти соҳибкорӣ таъминкунандагон ба ҳисоб меравад. Соҳибкор тамоми намуди захираҳоро тавассути таъминкунандагон мегирад, аз ин рӯ, иҷрои ӯҳдадориҳои онҳо ба истифодаи технология, ҳаҷми муомилот, фоида бевосита таъсир мерасонад.

Дигар омили дохилӣ, ки фаъолияти соҳибкориро бе он тасаввур кардан мумкин нест, истеъмолкунандагон ба ҳисоб меравад. Самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ аз қобилияти пайдо кардани истеъмолкунандагони маҳсулот ва хидматҳои худ ва қонеъ гардонидани талаботи муштариён вобаста аст. Истеъмолкунандагон он шахсоне мебошанд, ки ба молҳо ё хидматҳои истеҳсолкардаи соҳибкор таваҷҷӯҳ доранд ё метавонанд манфиатдор бошанд. Дар натиҷа, қобилияти соҳибкор барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти харидор ба равандҳои дохилии он таъсир мерасонад, зеро аз ҳамин омил вобаста аст, ки оё соҳибкор метавонад хароҷоти худро баргардонад ва фоида ба даст орад.[33]

Рақибон низ, яке аз омилҳои асосии таъсири бевосита мебошанд. Дар шароити бозор соҳибкорон дарк мекунанд, ки агар онҳо ба мисли рақибон талаботи истеъмолкунандагонро ба таври самарабахш қонеъ

---

[32] Иванова Л.И. Развитие методики анализа финансовой устойчивости как способа достижения объективной оценки финансового состояния организации [Электронный ресурс] / Л.И. Иванова, А. С. Бобылева // Менеджмент в России и за рубежом. – 2013. – № 2.– С. 35.
[33] Дар ҳамон ҷо,-С. 37

нагардонанд, он гоҳ натиҷаҳои фаъолият хеле паст буда метавонанд. Нодида гирифтани рақибон ва аз ҳад зиёд баҳодиҳии бозорҳо ҳатто корхонаҳои калонтаринро ҳам ба талафоти зиёд ва бӯҳрон оварда мерасонад.[34]

Дигар омили таъсири бевоситаро Иванова Л.И., дар таҳияи қонунҳо ва дастгирии мақомоти давлатӣ мебинад. Сохторҳои давлатӣ ба корхона ба воситаи низоми андоз, моликияти давлатӣ ва буҷет, инчунин ба воситаи санадхои қонунгузорӣ таъсир мерасонанд. Соҳибкор бояд меъёрҳои ҳуқуқию қонунгузориро риоя намояд, вагарна он метавонад ҷарима супорад ё хатто фаъолияти худро комилан қатъ намояд.

Ҳангоми идоракунии молиявии соҳибкорӣ бояд ба омилҳои дохилӣ диққати махсус дода мешавад, зеро онҳо бевосита аз фаъолияти корхона ва тадбирҳое, ки корхона барои идоракунии онҳо истифода мебарад, вобаста аст. Инчунин, ба назари мо, омилҳои дохилие, ки ба устувории молиявии соҳибкорӣ таъсир мерасонанд, аз ҳама муҳиманд, зеро онҳо бевосита ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсир мерасонанд. Илова бар ин, мо метавонем бигӯем, ки маҳз омилҳои дохилӣ, ки ба муҳити молиявии корхона таъсир мерасонанд, фаъолияти субъектҳои хоҷагидориро ташаккул медиҳанд.

Гурӯҳи омилҳое, ки ба муҳити молиявии корхона таъсир мерасонанд, омилҳои ташкилӣ, истеҳсолӣ, кадрӣ, бозорӣ ва молиявӣ мебошанд, ки мо онҳоро дар расми 1.2.2. гурӯҳбандӣ намудем.

Ин омилҳо, инчунин барои муайян кардани хусусиятҳои сифатии объекти таҳлилшаванда, масалан, сохтори корхона, дараҷаи тахассусии кормандон, рақобатпазирӣ, симои корхона ва ғайра кӯмак мекунанд.

Ҳамчун омилҳои муҳими дохилӣ омилҳои молиявӣ ва захираҳои инсонӣ ба ҳисоб меравaнд. Ин омилҳо ба ҳам алоқаманданд, зеро онҳо бо

[34] Иванова Л.И. Развитие методики анализа финансовой устойчивости как способа достижения объективной оценки финансового состояния организации [Электронный ресурс] / Л.И. Иванова, А. С. Бобылева // Менеджмент в России и за рубежом. – 2013. – № 2. – С. 38.

ҳамдигар амал мекунанд, агар яке дигар шавад, дигарҳо низ дигар мешаванд.




Расми 1.2.2. Таснифи омилҳои дохилаи рушди соҳибкорӣ

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси Родионова В.М. Финансовая устойчивость предприятия в условиях инфляции / В.М. Родионова, М.А. Федотова. – М.: Перспектива, 2010.-С.46 Иванова Л.И. Развитие методики анализа финансовой устойчивости как способа достижения объективной оценки финансового состояния организации [Электронный ресурс] / Л.И. Иванова, А. С. Бобылева // Менеджмент в России и за рубежом. – 2013. – № 2. – С. 38., Ҷайлоев З.М.Танзими давлатии соҳибкории истеҳсолии хурд дар шароити иқтисоди бозорӣ. Автор.дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и., ДДБ ба номи Н.Хусрав.. 2018. –С.16-22, Ашуров И.С., Насридинов Ш.С.- Рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: «Эр-Граф», 2022.-С.64, Хикматов У. С. Проблемы формирования предпринимательской среды в Республике Таджикистан. Дисс. на соискан. уч.степ. к.э.н., 2006. –С.15.

Масалан, агар соҳибкор ба миқдори кофӣ фоида ба даст орад, ӯ худро дар муҳити рақобат тобовар ҳис мекунад. Дар баробари ин ба назар гирифтан лозим аст, ки ҳиссаи бештари фоида бояд ба вусъати фаъолияти истехсолӣ равона карда шавад. Сармояи қарзӣ дар устувории молиявии соҳибкорӣ нақши муҳим мебозад, зеро тавассути он соҳибкор имкониятҳои молиявии худро зиёд мекунад. Аммо набояд аз гирифтани қарз сӯистеъмол кард, зеро вайрон намудани мувозинат метавонад боиси талафоти молиявии соҳибкор гардад.

Дигар омиле, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсир мерасонад, омилҳои кадрӣ ба ҳисоб меравад, ки иборат аз тахассус ва таъмини

ҳавасмандии кормандон, инчунин ивазшавии кадрҳо мебошад. Бояд гуфт, ки ивазшавии кадрҳо ҳар қадар кам ва ихтисоси коргарон ҳар кадар баланд бошад, соҳибкорӣ хамон кадар устувортар мешавад. Аз таҷриба дида мешавад, ки қисми зиёди нобарории соҳибкорӣ маҳз бо бемаҳоратӣ, камтаҷрибагӣ ё паст будани ихтисоси кадрҳои роҳбарикунанда ва ба ҳисоб нагирифтани тағйироти муҳити дохилӣ вобаста аст.

Ба таври пурра бояд омилҳои бозорӣ, яъне рақобатпазирии соҳибкориро дар бозор ба назар гирифт, зеро ҳар рӯз корхонаҳои нав пайдо мешаванд, ки минбаъд метавонанд сатҳи рақобатпазирии ин субъекти соҳибкориро паст кунанд.

Муваффақият ё нокомии фаъолияти соҳибкорӣ бештар аз омилҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла интихоби сохтор, таркиби маҳсулот ва хидматҳои пешниҳодшуда вобаста аст. Дар ин ҳолат муҳим аст, ки чӣ гуна махсулот истеҳсол карда шавад, чӣ тавр истеҳсол карда шавад, кай ва барои кӣ истеҳсол карда шавад. Дар ин росто истифодаи технология ва модели ташкили истеҳсолот ва идора аз фоида холӣ нест.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳқиқот метавон гуфт, ки омилҳои дохилие, ки ба муҳити молиявии соҳибкорӣ бевосита таъсир мерасонанд, имкон медиҳанд, ки фаъолияти соҳибкорӣ танзим карда шавад. Бояд гуфт, ки ба таъмини муҳити молиявии корхона ноил шудан осон нест, зеро ин ба идоракунии максадноки тамоми маҷмӯи омилхое вобаста аст, ки ҳангоми қабули қарор оид ба вазифаҳои идоракунии соҳибкорӣ роҳнамоӣ мекунанд.

Бояд гуфт, ки омилҳои дохилӣ ҳам бо ҳамдигар ва ҳам бо омилҳои беруна зич алоқамананд. Таъсири ин омилҳо ба сатҳи устувории молиявии корхона метавонад ҳам манфӣ ва ҳам мусбат бошад. Аммо таъсири манфии як омили муайянро бо таъсири мусбии омили дигар пурра ё қисман кам кардан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки барои муайян кардани дараҷаи таъсири омилҳои берунӣ ва дохилӣ ба устувории молиявии соҳибкорӣ ба онҳо баҳо додан лозим аст.

Ба назари муҳаққиқ Насриддинов Ш., дар шароити Тоҷикистон яке аз омилҳои таъсиррасон ба муҳити молиявӣ "таъсиси хоҷагиҳои инфиродии ҳаҷман хурд мебошад, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок нестанд. Бинобар ин ӯ пешниҳод кардааст, ки вобаста ба ин зарурати ташкили хоҷагиҳои калони молӣ дар намуди ҷамъиятҳои саҳомӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ, корпоратсияҳои истеҳсолӣ ба миён омадааст, зеро ташкилотҳои қарзӣ ва сармоягузорон ба хоҷагиҳои хурд сармоягузорӣ намекунанд, чунки ин гуна хоҷагиҳо дар бозор ба рақобат тобовар шуда, самаранокии истеҳсолоти кишоварзиро таъмин карда наметавонанд ва хавфи бозгардонидани сармоя ҷой дорад".[35]

Ин омили ташкили истеҳсолот, ки Насриддинов Ш.Ш. шарҳ додааст, дар шароити Тоҷикистон омили хеле муҳим мебошад, зеро хоҷагиҳои хурди кишоварзӣ, ки андозаи заминашон 1-3 гектарро ташкил медиҳад, ба меҳнати дастӣ асос ёфта самаранокии хуби иқтисодӣ намедиҳанд.

Аз ин рӯ, саривақт муайян ва таҳлили омилҳои дохилӣ ва беруние, ки ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таъсир мерасонанд, барои соҳибкор муҳим буда, ба рақобатпазирии он дар бозор, қобилияти пардохтпазирӣ ва мустақилияти он мусоидат мекунад. Дар расми 1.2.3. 4 марҳилаҳои таҳлили омилҳое, ки ба устувории молиявии корхона таъсир мерасонанд, нишон дода шудаанд.

---

[35] Насриддинов Ш. «Такмил ва таъмини рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзииҶумҳурии Тоҷикистон» . Дисс. барои дарёфти уновни илмии н.и.и. Душанбе. 2021.-С. !27




Расми 1.2.3. Марҳилаҳои таҳлили омилҳои дохилӣ ва беруние, ки ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таъсир мерасонанд.

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф, дар асоси Хикматов У. С. Проблемы формирования предпринимательской среды в Республике Таджикистан. Дисс. на соискан. уч.степ. к.э.н., 2006. – С.20.Насриддинов Ш. «Такмил ва таъмини рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» . Дисс. барои дарёфти уновни илмии н.и.и. Душанбе. 2021.-С. !27

Ҳамин тариқ, дар марҳилаи 1 мо таҳлили омилҳои ба муҳити молиявӣ таъсиркунандаро муайян намудем, ки ин маънои дараҷаи таъсири ҳар яке аз омилҳои дар боло зикршударо дорад.

Марҳилаи 2 - ин ташхиси таъсири омилҳо мебошад, ки барои муайян кардани аломатҳое, ки бад шудани устувории корхонаро нишон медиҳанд, равона карда шудааст.

Марҳилаи 3, ба андешаи мо, бояд аз арзёбии вазъи молиявии стратегӣ бо назардошти ҳама омилҳое иборат бошад, ки бо ҷустуҷӯи мантиқии роҳҳои беҳтар кардани ин ҳолат дар корхона зич алоқаманданд.

Дар марҳилаи охирин, марҳилаи 4, назорати дохилӣ ва омилҳои беруна, ки ба баланд бардоштани муҳити молиявии соҳибкорӣ мусоидат мекунанд, бояд мунтазам ба роҳ монда шавад.

Ҳамин тавр, мо метавонем муайян кунем, ки муҳити молиявии соҳибкорӣ ин ҳолате мебошад, ки дар он соҳибкор аз манбаи карзии

маблағгузорӣ аз ҷиҳати молиявӣ комилан мустақил буда, қобилияти пардохтпазирӣ, ракобатпазирӣ ва рушди пешбинии дарозмуддати он таъмин карда мешавад. Дар натиҷаи таҳқиқ мо омилҳои асосии берунӣ ва дохилиро муайян кардем, ки ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таъсир мерасонанд. Марҳилаҳои таҳлил ошкор намудаанд, ки барои арзёбии таъсири онҳо ба соҳибкорӣ суботи молиявӣ заруранд. Натиҷаҳои тадқиқоти мазкур барои асосноккунӣ ва ҳалли минбаъдаи масъалаҳои методологияи таҳлили устувории молиявии корхона асос мебошанд.

Ҳамин тавр, омилҳои ташаккули муҳити молиявии соҳибкориро таҳқиқ намуда, чунин хулосабандӣ намудан мумкин аст.

1. Ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таъсири мутақобилаи омилҳои дохилӣ ва берунӣ расонида мешавад. Вале дар адабиёти илмӣ таснифоти дақиқи омилҳои муҳити берунии соҳибкорӣ вуҷуд надорад. Аммо дар асоси таҳлили таҳқиқотҳои иқтисодшиносони гуногун, дар намуди расм омилҳои берунаи ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таъсиррасонида ҷудо карда шудааст, ки таъсири ғайримустақим ва мустақим доранд. Ба омилҳои таъсири ғайримустақимдошта омили сиёсӣ, иқтисодӣ, демографӣ, илмӣ-техникӣ, иҷтимоӣ, экологӣ шомиланд. Ба омилҳои берунаи таъсири мустақим: таъминкунандагон, истеъмолкунандагон, рақибон, қонунҳо ва мақомоти давлатӣ шомил карда шудаанд.

2. Ҳангоми идоракунии молиявии соҳибкорӣ бояд ба омилҳои дохилӣ диққати махсус дода шавад, зеро онҳо бевосита аз фаъолияти корхона ва тадбирҳое, ки корхона барои идоракунии онҳо истифода мебарад, вобаста аст. Гурӯҳи омилҳои дохилӣ, ки ба муҳити молиявии корхона таъсир мерасонанд, омилҳои ташкилӣ, истеҳсолӣ, кадрӣ, бозорӣ, молиявӣ ва инсонӣ мебошанд.

Бояд гуфт, ки омилҳои дохилӣ ҳам бо ҳамдигар ва ҳам бо омилҳои беруна зич алоқаманданд. Таъсири ин омилҳо ба сатҳи устувории молиявии корхона метавонад гуногун бошад, ҳам манфӣ ва ҳам мусбӣ.

Метавон таъсири манфии як омилро бо таъсири мусбии омили дигари муҳимтар пурра бартараф кардан ё қисман кам кардан мумкин аст.

3. Бояд қайд кард, ки барои муайян кардани дараҷаи таъсири омилҳои берунӣ ва дохилӣ ба муҳити молиявии соҳибкорӣ ба онҳо баҳо додан лозим аст, ки раванди он ба чор марҳила ҷудо карда шудааст.

4. Ҳамин тавр, мо метавонем муайян кунем, ки муҳити молиявии соҳибкорӣ ин ҳолати мебошад, ки дар он соҳибкор бо захираҳои истеҳсолӣ таъмин буда, қобилияти пардохтпазирӣ, ракобатпазирӣ ва рушди дарозмуддати он таъмин карда мешавад.

## 1.3. Таҷрибаи хориҷии фароҳамсозии муҳити молиявии соҳибкорӣ ва тадбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар мамлакатҳои хориҷӣ, тибқи таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди соҳибкорӣ ва муҳайё намудани муҳити молиявии солим, шаклҳои гуногуни танзим ва дастгирии давлатӣ истифода мешаванд.

Дар кишварҳое, ки иқтисодиёти бозорӣ доранд, давлат барои шароит муҳайё намудан, дастгирии соҳибкориро дар як қатор соҳаҳо дар мадди аввал гузоштааст.[36] Дар кишварҳои капиталистӣ, ҳолати кунунии муҳити молиявии равнақи соҳибкорӣ натиҷаи раванди эволютсионӣ буд, ки аҳамият ва зарурати соҳибкориро барои рушди иқтисодиёт “аз ҷониби давлат эътироф карда, бо кӯмаки системаи давлатии ҳавасмандкунӣ ва дастгирӣ ба ҷустуҷӯи роҳҳои таъсир ба онҳо шурӯъ карданд. Ҳамзамон, соҳибкорон дар ҳамкории муттасил бо мақомот дар ҳама сатҳҳо - миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ кор мекунанд.

Таҷрибаи бунёди муҳити молиявии рушди соҳибкорӣ дар Ҷопон, ки унсури муҳими иқтисодиёт ба шумор мераванд, мавриди омӯзиши мо қарор гирифт. Тамоми инфрасохтори дастгирӣ ва рушди Ҷопон аз ҷониби Агентии давлатӣ оид ба соҳибкории хурд ва миёна идора карда мешавад,

---

[36] Авилова А. В. Малое предпринимательство в контексте Российских реформ и мировой опыт : учебник. М. : ЮНИТИ, 2005.-С. 25-28.

ки стратегияи глобалии Ҳукумати Ҷопонро амалӣ мекунад. Ин сохтор бо як қатор ташкилотҳои хусусӣ ва давлатӣ, марказҳои илмӣ, аз ҷумла бо ташкилотҳои инноватсионӣ ва рушди корхонаҳои хурду миёна фаъолона ҳамкорӣ мекунад, нақши асосиро мебозад. Ин ниҳод чор парки технологӣ, бизнес-инкубатор, 9 институт оид ба такмил додани технология ва идоракунии корхонаҳои хурду миёнаро дар бар мегирад. Мақомоти Ҷопон ба фароҳам овардани муҳити мусоид барои рушд ва болоравии соҳибкорӣ, хусусан соҳибкории хурду миёна, диққати махсус медиҳанд. Ҷопон системаеро васеъ истифода мебарад, ки мониторинги доимии рушд ва таҳлили ҳолати фаъолияти соҳибкории хурду миёнаро таъмин мекунад. Дар асоси маълумоти системавӣ таҳқиқотҳо гузаронида шуда, самаранокии маҷмӯи тадбирҳои таъсир ва танзими давлат таҳлил ва баҳогузорӣ карда мешавад.»[37]

Дар Ҷопон муҳити молиявӣ барои рушди соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории хурду миёна, тавассути маъмурияти тиҷорати хурд дастгирӣ карда мешавад, ки ба сохтори Вазорати тиҷорати хориҷӣ ва саноати Ҷопон шомил карда шудааст. Мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ дар таъсиси корхонаҳои хурд ва миёна бо роҳи пешниҳоди қарзҳо, кафолати қарзҳо, кӯмак дар таълим ва бозомӯзии кадрҳо ва таъмини дастрасии бемамониат ба иттилооте, ки барои пешбурди фаъолияти соҳибкории хурду миёна заруранд, ҳама гуна кӯмакро таъмин мекунанд.

Корпоратсияи давлатии рушди тиҷорати хурд дар Ҷопон низ дар расонидани кӯмаки моддӣ ба соҳибкорони хурду миёнаи кишвар нақши муҳим дорад. Ин сохтори давлатӣ ба корхонаҳои хурду миёна бо мақсади зиёд кардани сармояи корӣ ва асосии корхонаҳо бо меъёрҳои имтиёзнок қарзҳои дарозмуддат (ба мӯҳлати як сол ва бештар) медиҳад. Қарзҳо, ки аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ бо фоизи камтарини имконпазир пешниҳод карда мешаванд, барои татбиқи лоиҳаҳо оид ба рушди маҳсулоти нав ва

[37] Управленческое консультирование. Научно-практический журнал. ИздательСеверо-Западный институт управления РАНХиРС. №12. (2023)

технологияҳои истеҳсолӣ равонат мегарданд. Қарзи имтиёзнок инчунин ҳангоми таҳияи технологияҳои нави истеҳсолӣ ва прототипҳои таҷҳизот имконпазир аст.[38]

Ғайр аз он, дар Ҷопон ба таъсиси корхонаҳои хурд ва миёна барои рушди иқтисодиёти минтақаҳои алоҳида ва пешбурди ҳамкориҳои саноатӣ ва технологӣ байни корхонаҳо диққати доимӣ дода мешавад. Фаъолияти Корпоратсияи Миллии Молиявии Ҷопон ба қарздиҳӣ ба корхонаҳои хурд ва миёна равона шудааст. Бо истифода аз шабакаи хеле васеи палатаҳои савдо ва саноат дар саросари кишвар, корпоратсия ҳамасола ба маблағи тақрибан 500 миллиард иена қарз медиҳад.

Бонки Соко-Чукин як муассисаи махсуси молиявие мебошад, ки тавассути ҳукумати Ҷопон барои ассотсиатсияҳои кооперативҳои тиҷорати хурд ва миёна кӯмаки молиявӣ расонида мешавад, инчунин ба ташкилотҳое, ки чунин кооперативҳо таъсис дода мешаванд давлат суғуртаи қарзҳои ба корхонаҳои хурду миёна тавассути системаи иловагии қарзи давлатӣ додашударо кафолат медиҳад.

Маблағгузорӣ барои корхонаҳои хурд ва миёна як ҷузъи муҳими кӯмаки молиявӣ ба корхонаҳое мебошад, ки бо сабаби омилҳои номусоиди экологӣ ба мушкилот дучор шудаанд. Илова бар ин, рушди устувори ҳамкориҳои дуҷонибаи ҳукумат ва сохторҳои соҳибкорӣ ба назар мерасад. Таҷрибаи пешқадами Ҷопон дар истифодаи системаҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои назорати самаранокии чорабиниҳои дастгирии давлатии корхонаҳои хурд ва миёна барои Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле маъмул ва муҳим аст.

---

[38] Растущий малый и средний бизнес в России и за рубежом: роль и место в экономике [Электронный ресурс]. Москва, 2010. URL: http://www.ruaee.ru/datas/menu/final-report-mid-sized_businesses_-russia-abroad-281010.pdf (дата обращения: 21.02.2022).

То имрӯз, Ҷопон системаи дастгирии универсалии тиҷорати хурду миёнаро тақрибан дар ҳама сатҳҳо ва самтҳо таҳия, татбиқ ва бомуваффақият истифода бурда истодааст.[39]

Таҷрибаи Чин дар таҳияҳои барнома доир ба бунёди муҳити молиявӣ барои рушди соҳибкорӣ, хусусан тиҷорати хурд низ ҷолиб аст. Дастгирии фаъол ва пешбурди тиҷорати хурду миёна яке аз афзалиятҳои Ҳукумати Чин мебошад. Дар системаи идоракунии ҳама корхонаҳои хурд ва миёна дар Хитой "идоракунии коллективӣ" кайҳо боз амалӣ карда шудааст, вақте ки амалан ягон маркази ягонаи идоракунӣ вуҷуд надорад, аммо мақомоти идоракунии филиал таъсис дода шудаанд ва мақоми махсуси ҳамоҳангсозии имкониятҳои воридшавӣ вуҷуд дорад. Бозорҳои хориҷии корхонаҳои хурду миёнаи Чин аз ҷониби Маркази ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои берунаи корхонаҳои хурду миёнаи Чин назорат карда мешавад.

Ғайр аз ин, дар Чин хадамоти иттилоотии ҷамъиятӣ, дар тамоми минтақаҳои кишвар (China SME Online (CSMEO) амал мекунад ва ҳар рӯз беш аз 200 ҳаз. муштариён аз хизматрасониҳои он истифода мебаранд. Шабакаи иттилооти CSMEO бо мақсади фароҳам овардани маълумоти муосир дар бораи тағйирот ва тамоюлҳои ҷории қоидаҳо, пайдоиши санадҳои нави меъёрӣ, ҳаҷми талабот дар бозорҳои хориҷӣ ва маҳаллӣ таъсис дода шудааст.

Шабака маълумоти мукаммал ва муосирро дар бораи вазъи бозори маҳсулоти тиҷорати хурд, хусусиятҳои маҳсулоти баландсифати аз ҷониби сегменти КХМ истеҳсолшаванда пешниҳод менамояд.

CSMEO кушодани ҷойҳои корӣ дар корхонаҳои хурд ва миёна дар минтақаҳо ва шаҳрҳои мухталифи кишварро эълон мекунад. Шабака ба корфармоён маълумотро дар бораи корҷӯён ҷамъоварӣ намуда, ба

[39] Растущий малый и средний бизнес в России и за рубежом: роль и место в экономике [Электронный ресурс]. Москва, 2010. URL: http://www.ruaee.ru/datas/menu/final-report-mid-sized_businesses_-russia-abroad-281010.pdf (дата обращения: 21.02.2022).

соҳибкорон маслиҳатҳо медиҳад ва рӯйхати васеи хизматрасониҳои техникӣ ва таълимиро пешниҳод менамояд.[40]

Пас аз ислоҳоти муассисаҳои давлатӣ дар доираи кумитаи тиҷоратию иқтисодии ҳукумати Чин шӯъбаи тиҷорати хурду миёна таъсис дода шуд,ки вазифаҳои асосии он аз инҳо иборатанд:

- идоракунии ислоҳот ва таҷдиди корхонаҳо;
- таҳияи сиёсати дастгирии ин корхонаҳо;
- ташвиқ намудани ташкили хидматрасонӣ барои онҳо;
- ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои байналмилалӣ байни корхонаҳои хурду миёна.

Соли 2000 Кумитаи Миллии Савдо ва Иқтисод гурӯҳи кории Чинро ҷиҳати мусоидат ба рушди тиҷорати хурд ва миёна таъсис дод. Он аз 12 муассисаи молиявӣ, илмӣ, техникӣ, бонкӣ ва ғайра иборат аст. Ҳукумати Чин қонун дар бораи кӯмак ба соҳибкории хурд ва миёна таҳия кардааст. Он ба таври мушаххас ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии корхонаҳои хурд ва миёнаро муайян менамояд ва ба беҳбудии муҳити фаъолияти онҳо тамаркуз менамояд. Яке аз шартҳои асосии қонун дар он аст, ки буҷети давлатӣ дастгирии соҳибкории хурд ва миёнаро дар бар мегирад ва барои ин фонди махсуси рушди онҳоро аз ҳисоби буҷети давлатӣ таъсис медиҳад. Дар қонун инчунин дастурҳои возеҳ оид ба ташкили мақомоти идоракунии тиҷорати хурд ва миёна, дар бораи кафолати қарзҳо ва таъсиси системаи хидматрасонии иҷтимоӣ оварда шудаанд.[41]

Ҳукумат омодагии гурӯҳҳои мухталифи кадрҳоро баррасӣ мекунад. Ин ҳадафи дарозмуддати стратегии рушди соҳибкории хурду миёна мебошад, ки ба шаклҳои зиёди кӯмаки давлатӣ ниёз дорад. Аввалан, дар заминаи муассисаҳои мавҷудаи тайёркунии кадрҳо дар соҳаи иқтисодиёт,

---

[40] Управленческое консультирование. Научно-практический журнал. ИздательСеверо-Западный институт управления РАНХиРС. №12. (2023)

[41] Растущий малый и средний бизнес в России и за рубежом: роль и место в экономике [Электронный ресурс]. Москва, 2010. URL: http://www.ruaee.ru/datas/menu/final-report-mid-sized_businesses_-russia-abroad-281010.pdf (дата обращения: 21.02.2022).

инчунин муассисаҳои махсусгардонидашудаи тайёркунии кадрҳои роҳбарикунанда бояд омӯзиши афзалиятноки корхонаҳои хурду миёна амалӣ карда шавад. Ҳамзамон, имтиёзҳо барои пардохти чунин омӯзиш муҳим аст.[42]

Дуюм, тарбияи кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ барои баланд бардоштани савияи дониши мутахассисони корхонаҳои хурду миёна омили муҳим арзёбӣ мегардад. Ба замми ин, зарур аст, ки ҳавасмандии соҳибкории хурду миёна барои тарбияи кадрҳои зарурӣ ҳавасманд карда шавад.

Сеюм, ташкили марказҳои таълимӣ ва таҳия намудани тавсияҳо барои кормандони роҳбарикунандаи тиҷорати хурду миёна, ташаккули бозори мутахассисон барои онҳо зарур аст. Тадбирҳои мазкур бояд ба таъминоти корхонаҳо бо кадрҳои сатҳи баландтарин нигаронида шаванд. Ҳукумати ҶМЧ (Ҷумҳурии Мардумии Чин) рушди системаи навовариҳои техникиро дар ҳама корхонаҳо ҳавасманд ва дастгирӣ менамояд. Бо мақсади ҳавасмандгардонии татбиқи дастовардҳои илм ва технология дар истеҳсолот ва ташкили механизми рушди технология аз ҷониби кормандони корхонаҳо, давлат чунин мешуморад, ки илм ва технология бояд ҳамчун «саҳми муштарак» баррасӣ карда шаванд.

Дар баробари ислоҳоти системаи андоз, ҳукумати Чин ворид кардани хароҷоти буҷаи ҶМЧ барои рушди тиҷорати хурд ва миёна ва ташкили фонди махсусро барои рушди илм ва технология баррасӣ мекунад. Илова бар ин, аз менеҷерҳо дар ҳама сатҳҳо, бо назардошти вазъи мавҷуда, талаб карда мешавад, ки барои дастгирии соҳибкории хурду миёна фондҳои махсус таъсис диҳанд. Ҳукумати ҶМЧ барои вусъат додани дастгирии молиявии соҳибкории хурду миёна як қатор чораҳо меандешад. Системаи гардиши сармояи соҳибкории хурду миёна такмил дода шудааст. Бо дархости ҳукумат дар бонкҳои тиҷоратии давлатӣ дар

[42] Управленческое консультирование. Научно-практический журнал. ИздательСеверо-Западный институт управления РАНХиРС. №12. (2023)

Хитой шуъбаи бонкҳои тиҷоратӣ барои қарздиҳӣ ба тиҷорати хурду миёна таъсис дода шуд. Бонкҳои давлатӣ, ки ба шабакаи кофии бонкҳои тиҷоратӣ такя намуда, ҳаҷми қарздиҳиро ба тиҷорати хурду миёна ба таври назаррас зиёд карданд. Имрӯз бонкҳои тиҷоратии Хитой ба ташкилотҳои асосии қарздиҳӣ, ки ба соҳибкории хурду миёна қарз медиҳанд, табдил меёбанд. Ҳамзамон, ҳукумати Чин ба рушди ташкилотҳои молиявию қарзии хурду миёна мусоидат намуд.[43]

Бо иштироки ташкилотҳои кафолатдиҳандаи дар ҶМЧ мавҷудбуда, хавфи қарзӣ кам карда мешавад. Тартиб ва шартҳои гирифтани қарзи бо кафолат додашуда шумораи ниҳодҳои назоратиро ба ҳадди ақал кам намудааст. Сифат ва ҳаҷми хизматрасонии молиявӣ ба корхонаҳои хурду миёна беҳтар шуда, гардиши сармояи корхонаҳои хурду миёна тадриҷан васеъ шуда истодаанд.[44]

Таҷрибаи Чин дар ташкил ва такмили системаи бунёди муҳити молиявӣ ва дастгирии соҳибкории хурду миёна, бешубҳа, дар рушди системаи дастгирии давлатӣ ва танзими фаъолияти корхонаҳои хурд ва миёна дар Тоҷикистон муфид хоҳад буд.

Намунаи муҳити молиявии рушди соҳибкории хурду миёнаи Фаронса ва Олмонро ҳамчун кишварҳои пешрафтаи Аврупо бояд ба назар гирифт.

Дар Фаронса, чун дар дигар кишварҳои пешрафта, ташкилотҳое фаъоланд, ки фаъолияташон бо дастгирии тиҷорати хурд ва миёна мустақиман алоқаманд аст.

Яке аз онҳо Агентии соҳибкорӣ (APCE) мебошад, ки бо дастгирии Ҳукумати Фаронса таъсис дода шудааст. Агентӣ воситаҳои зиёдеро барои дастгирии тиҷорати хурд ва миёна пешниҳод мекунад. Яке аз омилҳои

---

[43] Управленческое консультирование. Научно-практический журнал. ИздательСеверо-Западный институт управления РАНХиРС. №12. (2023)

[44] Растущий малый и средний бизнес в России и за рубежом: роль и место в экономике [Электронный ресурс]. Москва, 2010. URL: http://www.ruaee.ru/datas/menu/final-report-mid-sized_businesses_-russia-abroad-281010.pdf (дата обращения: 21.02.2019).

муҳим ин имконияти гирифтани машваратҳои онлайнӣ оид ба соҳибкорӣ мебошад. Соҳибкор метавонад бо бонкҳо оид ба масъалаҳои қарз тамос гирад, бо ширкатҳои суғурта машварат кунад ва инчунин муҳосиб пайдо кунад. Инчунин, пур кардани варақаҳои онлайни ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои бақайдгирии корхона, тағйир додани оинnoma ё қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар Фаронса сохторе низ мавҷуд аст, ки фаъолияти он бо маблағгузории фаъолияти корхонаҳои хурду миёна - ташкилоти давлатӣ OSEO алоқаманд аст. Тавассути ин созмон, Ҳукумати Фаронса лоиҳаҳои хурди инноватсиониро маблағгузорӣ мекунад. Ташкилот ҳамчун кафил ва замонати қарзҳое, ки аз ҷониби бонкҳои шарик ба корхонаҳои хурд ва миёна дода шудаанд, баромад мекунад. Ба барномаи NACRE, ки аз ҷониби Вазорати иқтисод, саноат ва шуғли Фаронса таъсис ёфтааст, диққати махсус дода мешавад. Ин барнома қарзҳои бефоиз ва дастгирии лоиҳаҳоро аз ҷониби мутахассисон пешниҳод мекунад. Асосан, инҳо лоиҳаҳои иҷтимоӣ мебошанд, ки барои таъсис ё барқароркунии ширкатҳо дар тӯли се соли аввал пас аз оғози фаъолият равона карда шудаанд.

Ҳукумат инчунин барои бақайдгирии соддагардонидашудаи соҳибкор бо додани мақоми худмашғулӣ имконият фароҳам меорад. Бояд гуфт, ки дар Фаронса ба бекорон диққати махсус дода мешавад, ки хоҳиши кушодани тиҷорати худро доранд. Системаи махсуси пуштибонӣ мавҷуд аст, ки принсипи асосии он аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод кардани соҳибкори нав дар тӯли се сол ва инчунин барои як сол аз пардохтҳо ба фондҳои иҷтимоӣ мебошад. Ғайр аз он, соҳибкорони Фаронса, ки тиҷорати нави худро дар манотиқи кишвар, ки аз нуқтаи назари иқтисодӣ тараққӣ накардааст, кушодаанд, ки аз ҷониби фондҳои ҳифзи иҷтимоӣ  имтиёзҳои махсус мегиранд. Бояд изҳор намуд, ки чунин дастгирии соҳибкорӣ аз ҷониби фондҳои иҷтимоӣ дар дигар давлатҳо дида намешавад.

Дар Олмон, соҳибкорони навтаъсис имконият доранд, ки аз давлат ба маблағи 50 ҳазор евро қарзи имтиёзнокро бо мӯҳлати 20 сол дастрас намоянд. Фаъолияти инноватсионӣ ва илмӣ аз ҷониби давлат ба таври фаъол дастгирӣ карда мешавад, зеро давлат хароҷоти корхонаҳои хурду миёнаро дар ҳаҷми то 40 ҳаз. евро ҷуброн мекунад. Ҳамкории тиҷоратии байни корхонаҳои хурду миёна ва мактабҳои олӣ мунтазам рушд карда истодааст. Имрӯз дар Олмон, зиёда аз 80% хатмкунандагон фаъолияти касбии худро дар корхонаҳои хурд оғоз мекунанд.[45]

Бо мақсади гирифтани имтиёзҳои мухталиф, ширкатҳои бузурги олмонӣ аксар вақт барои корхонаҳои хурду миёна кумакҳо менамоянд, зеро дар ин ҳолат ширкатҳои калон барои сармоягузорони хориҷӣ хеле ҷолиб мешаванд. Аз ин ҷо, ки ҳаҷми сармоягузориҳои онҳо ба ширкатҳои бузург дар як сол тақрибан ба 25 триллион евро мерасад.[46]

Дар айни замон, рушди муҳити молиявии соҳибкории хурду миёна дар ИМА боиси омӯзиш ва истифода мебошад. Ташкили муҳити молиявии самаранок ва дастгирии самараноктарини давлатӣ ба соҳибкории хурду миёна дар ИМА бо иштироки бевоситаи Идораи тиҷорати хурд (SBA), ки дар назди Президенти Иёлоти Муттаҳида ташкил шудааст, роҳандозӣ карда мешавад.

SBA вазифаҳои асосии зеринро ҳал менамояд:

- ❖ дастгирии молиявии корхонаҳои хурд;
- ❖ мусоидат дар гирифтани фармоишҳои давлатӣ;
- ❖ ғояҳои нави соҳибкориро баррасӣ мекунад;
- ❖ ба идоракунӣ, хидматҳои машваратӣ ва ёрии техникӣ кӯмак мерасонад.[47]

---

[45] Управленческое консультирование. Научно-практический журнал. ИздательСеверо-Западный институт управления РАНХиРС. №12. (2023)

[46] Авилова А. В. Малое предпринимательство в контексте Российских реформ и мировой опыт : учебник. М. : ЮНИТИ, 2005. -260с.

[47] Walters J. S. Big Vision, Small Business: 4 Keys to Success wihout Growing Big. M. : Balance Business Books, 2018. (In rus)

Қарздиҳӣ ба тиҷорати хурд дар Иёлоти Муттаҳида аз ду манбаъ бармеояд: идораи тиҷорати хурд ва бонкҳои тиҷоратӣ. Ҳиссаи зиёди қарзҳоро маъмурияти тиҷорати хурд пешниҳод менамояд.

Дар аввали солҳои 90-ум дар Иёлоти Муттаҳида миллионҳо тиҷорати хурд имтиёзҳои андозӣ гирифтанд. Зиёда аз 36 миллион амрикоӣ дар корхонаҳое кор мекунанд, ки шумораи камтар аз 100 коргар доранд. Давлат ба ташкили ҷойҳои корӣ дар корхонаҳои хурд диққати махсус медиҳад. Барои дастгирии тиҷорати хурд як қатор чораҳо андешида шудаанд, аз ҷумла, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва қонунгузорӣ. Дар байни онҳо тадбирҳои муҳимтарини пешниҳодшуда ва татбиқшуда инҳоянд:

- кам кардани андози сармоягузорӣ (7% кам кардани андоз ба ширкатҳое, ки фурӯши солонаашон дар тӯли се соли пеш аз соли андозӣ аз 5 миллион доллар зиёд нест);
- озодкунӣ аз андоз, афзоиши арзиши бозории сармоя (то 50% кам кардани андоз аз фурӯш ба ширкате, ки на камтар аз 5 сол фаъолият дорад ва дорои на бештар аз 50 миллион доллар сармоя мебошад);
- суғуртаи тиббии шахсони худмашғул (25% кам кардани андозаи музди меҳнат барои корфармоён ва шахсони дар таъминоти онҳо қарордошта);
- таъсиси "минтақаҳои соҳибкорӣ";
- мусоидат ба расмиёти гирифтани қарзи корхонаҳои хурд дар доираи пешниҳод ва иҷрои ҳуҷҷатҳо.[48] (10)

Бисёр кишварҳо, аз ҷумла Ҷопон, таҷрибаи ИМА-ро бомуваффақият ба кор мебаранд. Ба ақидаи мо,, нусхабардории тамоми системаи амрикоӣ имконнопазир аст ва ин ҳам зарур нест, аммо баъзе ҷанбаҳо бояд бо

[48] Авилова А. В. Малое предпринимательство в контексте Российских реформ и мировой опыт : учебник. М. : ЮНИТИ, 2005.

диққати махсус омӯхта шаванд.[49] Ҷалби сармояи хориҷӣ бо истифодаи таҷрибаи менеҷерони хориҷӣ аҳамияти калон дорад. Дар солҳои охир, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар натиҷаи қабул ва татбиқи баъзе санадҳои қонунгузорӣ[50], алалхусус қабули Қонун « Дар бораи чораҳои иловагии таъмини рушди босуръати фаъолияти соҳибкорӣ , ҳифзи ҳамаҷонибаи моликияти хусусӣ ва бо сифат беҳтар намудани фазои корӣ" як қатор қарорҳои ҳукумат, ки ба рушди тиҷорати хурд ва соҳибкории хусусӣ нигаронида шудаанд, рушди устувори иқтисодиёт, диверсификатсия ва модернизатсияи он сурат мегирад, муҳити зарурӣ барои тиҷорат ва соҳибкорӣ ташаккул меёбад.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 16 июли соли 2012 "Дар бораи коҳиши назарраси ҳисоботи оморӣ, андозӣ, молиявӣ, фаъолияти иҷозатномадиҳӣ ва тартиби иҷозатномадиҳӣ" ба фаъол гардидани субъектҳои соҳибкорӣ такони тоза бахшид, барои фаъолияти онҳо шароити бештар фароҳам овард. Бо фармони мазкур аз 1 августи соли 2012-ум 80 банди тартиби иҷозатномадиҳӣ бекор карда шуд, ки бешубҳа монеаҳои бюрократии зиёдеро дар роҳи тиҷорати хурд рафъ намуда, озодии фаъолияти соҳибкориро вусъат доданд. То аввали соли 2015, аз ҷониби субъектҳои тиҷорати хурд 98% ҳисоботҳои андоз, омор ва

---

[49] Управленческое консультирование. Научно-практический журнал. ИздательСеверо-Западный институт управления РАНХиРС. №12. (2023)

[50] Указ Президента Республики Узбекистан «О мерах по дальнейшему кардинальному улучшению деловой среды и предоставлению большей свободы предпринимательству» УП-4455 от 18 июля 2012 года. Указ Президента Республики Узбекистан «О дополнительных мерах по дальнейшему совершенствованию инвестиционного климата и деловой среды в Республике Узбекистан» УП-4609 от 7 апреля 2014 года. Указ Президента Республики Узбекистан «О дополнительных мерах по обеспечению ускоренного развития предпринимательской деятельности, всемерной защите частной собственности и качественному улучшению делового климата» УП-4848 от 5 октября 2016 года. Указ Президента Республики Узбекистан «О мерах по дальнейшему упрощению процедур и ускорению реализации объектов государственной собственности для использования в предпринимательских целях» УП-4933 от 17.01.2017 г // Сборник Законов РУ. – 2017. – №3(41). Постановление Президента Республики Узбекистан от 01.02.2017 г. № ПП-2750, «О дополнительных мерах по совершенствованию механизмов оказания государственных услуг субъектам предпринимательства» // Народное слово. – 2017. – № 24(6688). Постановление Президента Республики Узбекистан от 10.02.2017 г. № ПП-2768, «О создании Гарантийного фонда развития малого предпринимательства». Сборник Законов РУ. [Электронный ресурс]. URL: https://nrm.uz/contentf?doc=492400_postanovlenie_prezidenta_respubliki_uzbekistan_ot_10_02_2017_g_n_pp-2768_o_sozdanii_garantiynogo_fonda_razvitiya_malogo_predprinimatelstva.

бақайдгирии декларатсияи гумрукӣ дар шакли электронӣ анҷом дода шуданд.[51]

Дар Ӯзбекистон дар ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ механизми танзими маъмуриву иқтисодии тиҷорати хурд ва соҳибкорӣ ба вуҷуд оварда шудааст. Муваффақияти ин механизм ҳоло аз бисёр ҷиҳат аз самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ вобаста аст.

Ба ҳолати 1 январи соли 2022 шумораи шахсони ҳуқуқии амалкунанда (ба истисноми хоҷагиҳои деҳқонӣ) 268,4 ҳазор нафар зиёд шуд. То аввали соли 2022 шумораи тиҷорати хурд дар Ӯзбекистон афзоиш ёфтааст.

Татбиқи тадбирҳои маҷмӯӣ оид ба минбаъд такмил додани муҳити корӣ имкон медиҳад, ки рушди устувори иқтисодии тиҷорати хурд ва соҳибкорӣ таъмин карда шавад. Дар солҳои 2000–2021 ҳиссаи тиҷорати хурд дар ММД аз 31,0% то 56,9% афзоиш ёфт. Ин бахш аз се як ҳиссаи аҳолии кишварро бо кор таъмин мекунад.

То оғози соли 2022 - 70,7 фоизи ҳаҷми умумии корҳои сохтмонӣ, 45,0 фоизи ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ, 89,6 фоизи гардиши умумии савдои чакана, 85,5 фоизи гардиши умумии борҳои ҷумҳурӣ дар бахши тиҷорати хурд ва хусусӣ амалӣ шудааст. Имрӯзҳо дар Ӯзбекистон зиёда аз 215 ҳазор субъекҳои тиҷорати хурд дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт фаъолият менамоянд. Дар соли 2021, 32 ҳазор субъекти нави соҳибкории хусусӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ба фаъолият оғоз карданд.

Дар соли 2021, шумораи одамоне, ки дар соҳаи тиҷорати хурд кор мекунанд 19,963,2 миллиард сӯм сармояро азхуд кардаанд, ки ин 40,3 фоизи ҳаҷми умумии сармояро ташкил медиҳад. Ба ҳамин монанд, агар ин нишондиҳандаҳо бо маълумотҳои соли 2015 муқоиса карда шаванд, пас нисбат ба соли қаблӣ 122,9% афзоиш хоҳад ёфт.таҳрир

---

[51] Арипов О.А. Приоритетные направления развития малого бизнеса и предпринимательства в Узбекистане // Российское предпринимательство. – 2017. – Том 18. – № 24. – С. 4329-4340. doi: 10.18334/rp.18.24.38638

Қарори Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон №Р-2750 "Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба такмил додани механизмҳои хизматрасонии давлатӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ" ки 1 феврали соли 2017 қабул карда шуд, ба фаъол гардонидани тиҷорати хурд мусоидат кардааст. Қарори Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 10 феврали соли 2017 №РРР-2768, "Дар бораи таъсиси Фонди кафолатӣ барои рушди тиҷорати хурд" имкон дод, ки хавфҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ ихтисор карда шаванд ва тартиби истифодаи объектҳои амволи давлатӣ, ки барои мақсадҳои соҳибкорӣ истифода мешаванд, содда карда шуд. Аз моҳи феврали соли 2017 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон санади дигари меъёрӣ "Дар бораи Стратегияи амалиёт барои рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон" эътибор пайдо кард. Стратегияи амалиёт ба масоили консептуалии рушди иҷтимоию сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва гуманитарии кишвар, инчунин беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ асос ёфтааст.

Мақсади Стратегияи амалиёт ин баланд бардоштани самаранокии ислоҳоти гузаронидашаванда, фароҳам овардани шароит барои рушди ҳамаҷониба ва босуръати давлат ва ҷомеа, навсозии кишвар ва либерализатсияи тамоми соҳаҳои фаъолият мебошад. Аз ҷумла, 5 самти афзалиятноки рушди кишвар муайян карда шудаанд:

1.Такмили сохтмони давлатӣ ва ҷамъиятӣ;

2.Таъмини волоияти қонун ва ислоҳоти минбаъдаи системаи судӣ-ҳуқуқӣ;

3.Таъмини амният, ҳамбастагии қавмӣ ва таҳаммулпазирии динӣ, татбиқи сиёсати мутавозин, мутақобилан муфид ва созандаи хориҷӣ;

4. Рушди соҳаи иҷтимоӣ;

5. Рушд ва либерализатсияи иқтисодиёт, рушди давлат ва ҷомеа, навсозии кишвар ва тамоми соҳаҳои ҳаёт.

Чунин кӯшишҳо ба тадриҷан беҳтар шудани муҳити тиҷорат дар кишвар оварда мерасонад.

Бо дарназардошти ин, самти сеюми Стратегияи амалиёт барои таҳкими минбаъдаи суботи макроиқтисодӣ муайян карда шуд, ки вазифаҳои зеринро дар бар мегирад:

- ❖ нигоҳ доштани тавозуни макроиқтисодӣ, таъмин намудани суръати устувори афзоиши ММД тавассути амиқсозии тағйироти сохторӣ ва институтсионалӣ дар асоси барномаҳои миёнамӯҳлат;
- ❖ такмил додани муносибатҳои буҷетӣ бо мақсади таъмин намудани робитаҳо дар ҳама сатҳҳои буҷети давлатӣ, мустаҳкам намудани даромадҳои буҷетҳои маҳаллӣ бо дарназардошти самти иҷтимоии хароҷот;
- ❖ идома додани сиёсати кам кардани бори андоз ва соддагардонии системаи андоз, такмили маъмурикунонии андоз ва тавсеаи чораҳои дахлдори ҳавасмандгардонӣ;
- ❖ такмили минбаъдаи сиёсати пулию қарзӣ, истифодаи воситаҳои пешқадами амалияи байналмилалӣ, инчунин тадриҷан ҷорӣ намудани механизмҳои муосири бозорӣ дар танзими асъор, ки устувории пули миллиро таъмин мекунанд;
- ❖ таҳкими устувории низоми бонкӣ, баланд бардоштани сатҳи сармоягузорӣ ва заминаи амонатии бонкҳо, таҳкими суботи молиявӣ ва эътимоднокии онҳо, зиёд намудани қарздиҳӣ ба соҳибкории хусусӣ;
- ❖ тавсияи ҳаҷми суғурта, лизинг ва дигар хизматрасониҳои молиявӣ тавассути ҷорӣ намудани намудҳои нави хизматрасонӣ ва беҳтар кардани сифати онҳо, инчунин ҷалби сармоя ва рушди бозори коғазҳои қиматнок ҳамчун манбаи алтернативии маблағгузорӣ барои корхонаҳо, муассисаҳои молиявӣ ва захираҳои озоди аҳолӣ;
- ❖ рушди минбаъдаи ҳамкориҳои иқтисодии байналмилалӣ, аз ҷумла тавсеаи равобит бо ташкилотҳои пешрафтаи молиявии хориҷӣ,

идомаи сиёсати ҳамаҷонибаи қарзи хориҷӣ ва истифодаи оқилонаи сармоя ва қарзҳои ҷалбшуда. [52]

Ҳар яке аз вазифаҳои дар боло зикршуда самти муайяни мусоидат ба рушди соҳибкории хусусиро фаро мегирад.

Агар мо авлавиятҳои Стратегияи Амалиро таҳлил кунем, ҳар яки онҳо ба имкониятҳои рушди соҳибкории хусусӣ таъсир мерасонанд. Илова бар ин, дар сохтори даромади аҳолӣ, ҳиссаи даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ меафзояд, ки он дар солҳои истиқлолият аз 10,6 то 52 фоиз афзудааст.

Дар 5 соли охир, танҳо чанд кишвари ҷаҳон тавонистанд суръати солонаи афзоиши ММД-ро нигоҳ доранд. Дар байни онҳо Ӯзбекистон низ ҳаст. Дар ин ҷо, суръати солонаи рушди ММД ба ҳисоби миёна 8,0% боқӣ мемонад.

Дар натиҷаи рушди соҳибкории хусусӣ дар кишвар, равандҳои зерин мусбат сурат мегиранд:

❖ нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ муътадиланд, тавозуни иқтисодиёт таҳким меёбад;

❖ буҷети давлатӣ ва бақияи пардохт бо профисит иҷро карда шуд;

❖ афзоиши содирот ва захираҳои тиллоию асъорӣ таъмин карда мешавад;

❖ сатҳи зиндагии аҳолӣ боло меравад, қабати элитаи тиҷорат дар аҳолӣ васеъ шуда истодааст.

Дар охири соли 2018, Ӯзбекистон бо сатҳи камтарини таваррум дар байни 11 кишвари ИДМ дар ҷои 1 қарор дошт ва дар охири соли 2021, сатҳи таваррум дар ҷумҳурӣ нисбат ба Озарбойҷон, Беларус, Қазоқистон, Тоҷикистон ва Украина пасттар буд.[53]

---

[52] Агенство социального страхования и пенсии при Правительстве Республики Таджикистан. Нормативные документы Республики Таджикистан

[53] Аналитическая информация об индексах цен в Республике Узбекистан за 2005–2016 годы. Stat. [Электронный ресурс]. URL: https://stat.uz/ru/press-tsentr/novosti-komiteta.14.

Тибқи иттилои Бонки Осиёии Рушд (БОР), пешгӯии рушди иқтисодии Ӯзбекистон дар соли 2023 то 7,3% афзоиш ёфтааст. Коршиносони бонк қайд мекунанд, ки афзоиши ММД дар Ӯзбекистон бинобар мутобиқ шудани иқтисодиёт дар заминаи беқурбшавии сом ва озодшавии сиёсати асъорӣ каме коҳиш хоҳад ёфт. Гузашта аз ин, ин ислоҳот метавонад боиси афзоиши ММД дар соли 2023 гардад.[54]

Дар баробари ин равандҳо, тафаккури нави иқтисодии мардум меафзояд. Озодсозии нархҳо, хусусигардонии моликияти давлатӣ, корпоратсия, фароҳам овардани муҳити рақобат, пайдоиш ва рушди тиҷорати хурд ва соҳибкорӣ, табдилёбии соҳаи кишоварзӣ ва ташаккули инфрасохтори бозор, ки дар тӯли солҳои истиқлолият сурат гирифтаанд, барои ташаккули тафаккури нави иқтисодӣ фазо фароҳам оварданд.

Тафаккури нави иқтисодӣ муносибатро ба амвол тағйир дод. Пайдоиши шаклҳои гуногуни моликият ба ташаккул ва рушди муҳити соҳибкорӣ ва тиҷорат мусоидат намуд. Имрӯз, таҳкими дахлнопазирии моликият яке аз самтҳои афзалиятноки рушди стратегӣ ба шумор рафта, дар қатори авлавиятҳои муҳимтарини давлат қарор дорад.

Дар соли 2022 корҳо оид ба беҳтар намудани муҳити тиҷорат, рушди тиҷорати хурд ва соҳибкорӣ идома дода шуданд. Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид ислоҳотеро, ки дар Ӯзбекистон оид ба беҳтар намудани шароити фаъолияти соҳибкорӣ татбиқ карда мешавад, баҳогузорӣ намуда, онро ба қатори 10 давлати беҳтарин дохил кард.

Солҳои 2015–2022 некӯаҳволии оилаҳо афзудааст. Ин натиҷаи татбиқи чорабиниҳо оид ба мустаҳкам намудани манбаъҳои даромади аҳолӣ буд. Қонуни асосӣ - Конститутсия меъёрҳои мустаҳкам кардани муносибатҳои оилавӣ, танзими равандҳои иҷтимоии марбут ба ҳаёти оилавӣ, танзими ҳуқуқӣ ва ҳифзи иҷтимоиро муайян намудааст. Дар

[54] Sputniknews-uz. [Электронный ресурс]. URL: http://ru.sputniknews-uz.com/economy/20170928/6408341/ABR-prognoz-rosta-VVP-Uzbekistana.html.

кишвар пайваста барои дастгирии оила, таъмини саломатии рӯҳонӣ, равонӣ ва ҷисмонии он, шароити ҳаёти солим пайваста кор мебарад.

Ба рушди тиҷорати оилавӣ ва ташаккули мақоми ҳуқуқии он диққати ҷиддӣ дода мешавад. Санадҳо оид ба рушди соҳибкории оилавӣ қабул карда шуданд ва мавриди амал қарор мегиранд, ки оқибатҳои молиявӣ хоҳанд дошт. Дар 5 соли охир ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳибкории хусусӣ тақрибан 5 маротиба зиёд гардид.

Эълони соли 2017 ҳамчун Соли муколама бо мардум ва манфиатҳои инсонӣ ба такмили некӯаҳволии мардум ва тарғиби тарзи ҳаёти солим такони тоза бахшид. Ташкили мақомоти давлатӣ, ки дар заминаи манфиатҳои соҳибкорон ташаккул ёфтааст, боиси фаъол гардидани соҳибкорон мегардад .

Вазъи воқеияти Ӯзбекистон дар он аст, ки тибқи гузориши Doing Business 2018, ки аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ ва Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ (IFC) таҳия шудааст, Ӯзбекистон дар ҷойи 74-ум қарор гирифта, мавқеи худро дар рейтинги байналмилалӣ 13 зина боло бурд. Ӯзбекистон тавонист мавқеи худро дар байни 190 давлат беҳтар кунад. Чунин меъёрҳои арзёбӣ ва шарти пешбурди тиҷорат дар амалияи ҷаҳонӣ натиҷаи сиёсати давлат дар асоси модели ӯзбекист.

Барои Тоҷикистон озодкунӣ аз андоз аз афзоиши арзиши бозории сармоя, суғуртаи тиббии шахсони барои худмашғули ИМА метавонад барои рушди соҳибкорӣ мусоидат намояд.

Ба фикри мо, таҷрибаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон татбиқи тадбирҳои маҷмӯӣ оид ба минбаъд такмил додани муҳити корӣ имкон медиҳад, ки рушди устувори иқтисодии тиҷорати хурд ва соҳибкорӣ рушд ва таъмин карда шавад. Хусусан ба рушди тиҷорати оилавӣ ва ташаккули мақоми ҳуқуқии он диққати ҷиддӣ дода шудааст, ки албатта, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва истифодаи он барои Тоҷикистон аҳамияти бузург дорад, алалхусус дар робита бо таҳияи стратегияи дарозмуддати рушд ва бунёди муҳити молиявии дастгирии соҳибкории хурду миёна. Омӯзиш ва

истифодаи ин таҷриба ба рушди ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва институтсионалии системаи давлатии дастгирии Тоҷикистон ва танзими тиҷорати хурд ва миёна дар сатҳи кишвар ва минтақаҳои он саҳми назаррас хоҳад гузошт.

Таҳқиқи муҳити молиявии соҳибкорӣ дар як чанд мамлакати ҷаҳон ба мо имконият дод, ки онро чунин хулосабандӣ намоем:

1. Бояд изҳор намуд, ки дар таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди соҳибкорӣ ва муҳайё намудани муҳити молиявии солим, шаклҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ барои ҳалли мушкилоти мавҷудаи иҷтимоию иқтисодӣ дар хориҷа дар ҳама сатҳҳои мақомоти давлатӣ чораҳои назаррас андешида мешаванд.

2. Таҷрибаи бунёди муҳити молиявии рушди соҳибкорӣ дар Ҷопон, ба ташкили Агентии давлатӣ оид ба соҳибкории хурд ва миёна, Корпоратсияи давлатии рушди тиҷорати хурд, Корпоратсияи Миллии Молиявии Ҷопон асос ёфтааст. Агентии давлатӣ оид ба соҳибкории хурд ва миёна дорои чор парки технологӣ, бизнес-инкубатор, 9 институт оид ба такмил додани технология ва идоракунии корхонаҳои хурду миёнаро дар бар мегирад. Мониторинги доимии рушди ҳолати соҳибкорӣ гузаронида мешавад ва тибқи он самаранокии маҷмӯи тадбирҳои таъсир ва танзими давлат таҳлил ва баҳогузорӣ карда мешавад.

Механизми дастгирӣ бо роҳи пешниҳоди қарзҳо, кафолати қарзҳо, кӯмак дар таълим ва бозомӯзии кадрҳо ва таъмини дастрасии бемамониат ба иттилооте, ки барои пешбурди фаъолияти соҳибкории хурду миёна заруранд, ҳама гуна кӯмакро таъмин мекунанд.

Мо ба чунин хулоса омадем, ки таҷрибаи Чин дар таҳияҳои барнома доир ба бунёди муҳити молиявӣ барои рушди соҳибкорӣ, хусусан тиҷорати хурд низ ҷолиб аст, зеро системаи "идоракунии коллективӣ" кайҳо боз амали самаранок дорад. Бозорҳои хориҷии корхонаҳои хурду миёнаи Чин аз ҷониби Маркази ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои берунаи корхонаҳои хурду миёнаи Чин назорат карда мешавад.

# БОБИ 2. БАҲОИ ҲОЛАТИ КУНУНИИ МУҲИТИ СОҲИБКОРӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Таҳлили вазъи муосири фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ

Мо дар зербоби 1.2-и диссертасия омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, демографӣ, илмӣ-техникӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, ки ба ташаккули муҳити молиявии соҳибкорӣ мусоидат менамоянд, ҷудо намуда будем. Имрӯз бо итминони комил метавон қайд намуд, ки дар кишвар вазъи сиёсӣ барои муҳайё намудани муҳити молиявии рушди соҳибкорӣ созгор аст. Асосҳои ҳуқуқии ташкили соҳибкорӣ мавҷуд аст. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ" (аз 2.12.02с, №68),(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2002, №11, мод. 687), "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" (аз 1.08.03с, №45),(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2003, №8, мод.467), "Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ" (аз 3.07.2012 с, №859), (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2012, №7, мод.709), "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2014, №7 қ2, мод.404), "Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2015, №3, мод.219), „Дар бораи санҷиши субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2015, №12қ1, мод.1115), „Дар бораи ҳунармандӣ" (Ахбори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019, №6, мод. 321) ва "Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2021, № 6, мод.) ба тасвиб расидаанд, ки муносибатҳои соҳибкориро ба низом медароранд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ" принсипҳои умумӣ, шаклҳо ва самтҳои сиёсатро дар сатҳи давлатӣ муайян мекунад ва аз ҷиҳати функсионалӣ мо тамоми

системаи тадбирҳои дастгирии давлатии рушди соҳибкориро тасниф мекунад.

Ба принсипҳои асосии ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубанд:

- қонуният;
- шаффофияти фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ;
- баробарҳуқуқии ҳамаи субъектҳои соҳибкорӣ;
- кафолати ҳимояи ҳуқуқ ва таъмини фаъолияти озоди субъекти соҳибкорӣ;
- иштироки озоди субъектҳои соҳибкорӣ дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба манфиатҳои соҳибкорӣ дахлдошта;
- афзалияти рушди соҳибкории хурд ва миёна.[55]

Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъекти соҳибкорӣ бо роҳҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- содда намудани тартиби бақайдгирии субъекти соҳибкорӣ;
- дар асоси муқарраротi санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳдуд кардани санҷиши фаъолияти субъекти соҳибкорӣ;
- ба суд шикоят овардани мақоми ваколатдори давлатӣ аз амали (беамалии) шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъекти фаъолияти соҳибкориро халалдор мекунанд;
- ҳисоб кардани собиқаи меҳнатии соҳибкори инфиродӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- истифодаи дигар усулҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст.[56]

Дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар самтҳои асосии зерин амалӣ мегардад:

- такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои соҳибкорӣ;

---

[55] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон. “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2014, №7қ2, мод.404),

[56] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон. «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2014, №7қ2, мод.404),

➢ имконияти озодона амалӣ намудани ҳамаи намудҳои соҳибкорие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст;

➢ ташкили марказҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ, бизнес-инкубаторҳо, паркҳои технологӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва дигар шаклҳои инфрасохтори соҳибкорӣ;

➢ таъмини методию таълимӣ, илмию методӣ ва иттиллоотии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ аз ҳисоби Фонди дастгирии давлатии соҳибкорӣ;

➢ ташкили фаъолияти шӯроҳо оид ба рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ.[57]

Вале, дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" дар қатори дигар таҳдидҳо "нокифоя будани шароит барои фазои соҳибкорӣ, ки дар танзими барзиёд ва ғайрисамаранок, коррупсия, сарбории аз ҳад зиёди андозӣ ва душвориҳои маъмурикунонии андоз, сатҳи баланди монополизатсия, муҳофизати заифи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳуқуқҳои соҳибкорон"-ро ба рӯйхати таҳдидҳои асосӣ шомил карда шудааст. "Гарчанде, ки Тоҷикистон дар рӯйхати даҳ кишвари дорои пешрафт дар ислоҳоти дастгирии соҳибкорӣ қарор дорад, аз рӯи рейтинги "Пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ 2018" ҷумҳурӣ ҷойи 126-ро ишғол мекунад, ки аз паст будани рушди ниҳодҳо ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад. Дар натиҷа иқтидори сармоягузорӣ ва содиротии зиёд кардани маҳсулоти дорои арзиши иловашуда ба пуррагӣ истифода намешавад. Имрӯз "таъмини шароитҳои мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, фароҳам овардани шароит ҷиҳати кафолат додани ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкӣ, ҷалби сармоягузориҳои мустақим ва идоракунии самараноки дороиҳои худӣ шартҳои зарурӣ барои соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт ба ҳисоб меравад".[58]

---

[57] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.-С. 28
[58] Ҳамон ҷо.

Яке аз воситаҳои беҳ намудани фазои молиявии соҳибкорӣ имтиёзҳои андозӣ ба ҳисоб мераванд, ки дар Кодекси нави андоз ба назар гирифта шудааст.

Кодекси андоз дар таҳрири нав тибқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, таъмини рушди устувори иқтисоди кишвар бо роҳи фароҳам овардани фазои муносиби андозбандӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳо, ҳавасмандгардонӣ ва мусоидат ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, таҳкими иқтидори саноативу содиротии кишвар, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ таъмини воридоти устувори маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиӣ ба буҷети давлатӣ, санаи 23.12.2022 қабул гардида, аз 1 январи соли 2023 мавриди амал қарор дода шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар Кодекси андоз дар таҳрири нав муқаррарот оид ба принсипҳои ягонагии системаи андоз, адолати андозӣ, муайянӣ ва мушаххасии андозбандӣ, шаффофияти қонунгузорӣ, мусоидат ба рушди иқтисодиёт, пешбинӣ карда шудааст.

Дар маҷмӯъ, Кодекси андоз дар таҳрири нав раванди андозбандиро шаффофтар сохта, муносибатҳои андозиро дар ҷамъият боз ҳам аниқтар ба танзим даровардa, иҷрои муқаррароти онро аз ҷониби шаҳрвандон ва андозсупорандагон осон намуда, илова ба сабукӣ ва имтиёзҳои қаблан муқарраршуда як қатор ҳавасмандкуниҳои навро муқаррар менамояд.

Аз ҷумла, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард аз номгӯи андозҳо хориҷ гардида, андоз аз фоида бо андоз аз даромад ва андоз аз воситаҳои нақлиёт бо андозҳо аз молу мулк муттаҳид карда шудаанд.

Ҳамчунин, шумораи умумии андозҳо аз 10 намуд ба 7 намуд кам карда шуд.

Дар Кодекси андоз дар таҳрири нав меёърҳои андози даромади шахсони воқеӣ -8 ва 13 фоиз бо меёъри 12 фоиз иваз карда шуда, тарҳи шахсӣ

(маблағи аз андозбандӣ озод) ба ҷойи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар ҳаҷми ду нишондиҳанда пешбинӣ гардидааст.

Меъёри андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ (андоз аз фоида) барои ташкилотҳои молиявию қарзӣ ва ширкатҳои мобилӣ ба андозаи 20 фоиз, яъне аз меъёри амалкунанда 3 фоиз камтар ва барои дигар намуди фаъолият меъёри 18 фоиз, яъне аз меъёри амалкунанда 5 фоиз камтар, пешбинӣ карда шудааст.

Бо мақсади бо кишварҳои ҳамсоя ва шарикони асосии тиҷоратӣ баробар намудани сатҳи андозбандӣ дар Кодекси андоз меъёрҳои андоз аз арзиши иловашуда аз 18 фоиз (амалкунанда) ба 15 фоиз паст карда шуда, дар баробари ин аз 1 январи соли 2022 то 1 январи соли 2027 давра ба давра аз 15 то ба 13 паст намудани меъёри ин намуди андоз пешбинӣ гардидааст.

Ҳамчунин, бо мақсади таъмини шаффофияти баҳисобгирӣ, аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ, дар ҳисобот нишон додани шумораи воқеии кормандон ва музди миёнаи моҳона, меъёри андози иҷтимоӣ барои суғуртакунандагон аз 25 фоиз ба 20 фоиз паст карда шудааст.

Инчунин, дар Кодекси андоз 4 низоми махсуси содакардашудаи андоз ва 4 низоми махсуси андоз пешбинӣ гардидааст. Ҷиҳати дастгирии иловагии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, ҳар сол дар асоси қонунгузории буҷетӣ имтиёзҳои иловагии андозӣ муқаррар карда мешаванд.

Бо мақсади дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ, рушди соҳаи сайёҳӣ ва ташкили заминаи мусоиди ҳуқуқию инфрасохторӣ баҳри ҷалби сайёҳон, тибқи моддаи 189 Кодекси андоз даромади корхонаҳои навтаъсис аз таҳвили молҳои истеҳсолшуда, агар муассисони онҳо дар муҳлати 12 моҳи тақвимии аз санаи бақайдгирии ибтидоии давлатӣ ба фонди оинномавии чунин корхонаҳо ворид намудани ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 200 ҳазор доллари ИМА то 5 милион доллари ИМА ба муҳлати аз 2 сол то 5 сол ва даромадҳо аз фаъолияти сайёҳӣ ба мӯҳлати 5 сол аз пардохти андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ озод мебошанд.

Илова бар ин, бо мақсади дастгирӣ намудани молистеҳсолкунандагон, афзоиш додани истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатпазир ва ба содирот нигаронидашуда, тибқи моддаи 251 Кодекси андоз воридоти як катор молҳо аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод мебошанд:

- воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти такмилии (комплектии) онҳо барои ташаккул ё пурра кардани фонди (сармояи) оинномавии корхонаҳо ё азнавтаҷҳизонии техникии истеҳсолоти амалкунанда, ки маҷмӯи ягонаро ташкил медиҳанд;

- воридоти ашёи хом (фурнитура) барои истеҳсоли либоси мактабӣ ба корхонаҳои дӯзандагӣ;

- воридоти маводу лавозимот барои истеҳсоли доруворӣ;

- воридоти технологияҳои навтарин барои корхонаҳои дорусозӣ ва таҷҳизоти ҳозиразамони ташхису табобат;

- воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаи парандапарварӣ ва (ё) ҳангоми ворид намудани молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худи корхонаҳои парандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи паранда ва чорво.

Дар баробар ин, таҳвили (фурӯши) либосҳои шакли ягонаи мактабӣ ва томактабии истеҳсоли ватанӣ, таҳвили (фурӯши) маводи доруворӣи истеҳсоли ватанӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод мебошанд.

Мутобиқи талаботи қисми 4 моддаи мазкури Кодекси андоз воридоти таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонии иншооти сайёҳӣ (аз ҷумла меҳмонхона, осоишгоҳ ва истироҳатгоҳҳои табобатӣ, марказҳои сайёҳӣ, ва дигар иншооти сайёҳӣ) тибқи рӯйхати иншооти сайёҳӣ, номгӯй, миқдори таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида, аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шудаанд.

Ҳамзамон, ҷиҳати рушди ҳунарҳои мардумӣ ва васеъ намудани имкониятҳо ба фаъолияти соҳибкорӣ, фурӯш, иҷрои кор ва хизматрасонӣ вобаста ба 108 адад номгӯи намудҳои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳои

ниёзи мардум дар хона, аз ҷумла атласбофӣ, адрасбофӣ, қолинбофӣ, дӯзандагӣ, гулдӯзӣ, чакандӯзӣ тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.03.2022, №151 аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки муносибатҳои андозӣ миёни субъектҳои хоҷагидор ва мақомоти андоз ҳамчун равандҳои муҳим, воқеӣ ва тағйирёбанда дар дигар давлатҳо низ пайваста мавриди баррасии мутахассисон қарор мегирад. Дар ин раванд, дар натиҷаи чунин баҳсҳо нахустин бор ба қонунгузории андози Голландия, пас аз он дар қонунгузории андози дигар давлатҳо, аз ҷумла дар Кодекси андози Федератсияи Россия мафҳуми «мониторинги горизонталӣ» ворид карда шуд.

*Мониторинги горизонталӣ* шакли нави муносибатҳои андозӣ байни мақомоти андоз ва андозсупорандагон ба ҳисоб рафта, пешбинӣ менамояд, ки корхонаҳои калон ба мақомоти андоз дар бораи амалиёташон дар шакли мустақим, яъне “онлайн”, маълумоти пурра пешниҳод карда, ба ҳамин восита барои мақомоти андоз имконияти назорати мустақим ва барои худ, дар асоси тавзеҳоти мутахассисони мақомоти андоз то пешниҳоди эъломияи андоз имконияти ислоҳ намудани нишондиҳандаҳоро фароҳам созанд ва қонунвайронкуниҳои андозро пешгирӣ намоянд.

Мақсади асосии ҷорӣ намудани “мониторинги андозӣ” дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ин дуруст, пурра ва сари вақт ҳисоб ва пардохт кардани андозҳо ва дигар пардохтҳо буда, мақомоти андоз, дар навбати худ, дар реҷаи мустақим ба амалиёти андозсупоранда, ки барои ҳисоб намудани андозҳо ва ба дигар маълумоти муҳосибӣ дастрасӣ пайдо карда, метавонанд дар эъломияҳо ва ҳисоботҳои андозӣ дуруст инъикос намудани манбаъҳои андозбандиро назорат намоянд.

Бояд таъкид сохт, ки пас аз ба роҳ мондани тартиби мазкур (бо роҳи ихтиёран аз ҷониби андозсупоранда бо мақомоти андоз бастани созишнома) зарурати нисбат ба чунин корхона гузаронидани корҳои

назоратӣ, аз ҷумла санҷиши ҳуҷҷатии андоз ва назорати камералӣ, инчунин, татбиқ намудани ҷарима ва ҳисоб намудани фоиз аз байн меравад ва бинобар ин, омили мазкур ҳамчун як воситаи ҳавасмандгардонии андозсупорандагон арзёбӣ карда мешавад.

Бинобар ин, дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав якум маротиба тартиби “мониторинги андоз” муқаррар гардида, ин раванд метавонад ҷиҳати ба қонунгузории андози давлатҳои пешрафта мутобиқ намудани қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар сатҳи байналмилалӣ дастгирӣ намудани рушди соҳибкорӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон, махсусан бояд таъкид сохт, ки барои роҳандозӣ намудани тартиби мазкур пеш аз ҳама худи соҳибкорон бояд омода бошанд.

Мақомоти андоз ҷиҳати таъмини огаҳии бештари шаҳрвандон ва андозсупорандагон аз муқаррароти Кодекси андоз дар таҳрири нав ва баланд бардоштани фарҳангу интизоми андозсупории онҳо, тавассути гузаронидани семинар-машваратҳо, вохӯриҳо, ба чоп расонидани мақолаю эълонҳо, баргузор намудани мусоҳибаҳо ва барномаҳо тавассути шабакаҳои телевизионӣ, сомонаҳои интернетӣ, радиоҳо ва рӯзномаю маҷаллаҳои даврӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ анҷом дода истодааст.

Ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ, аз он ҷумла, таҳия ва мавриди амал қарор додани барномаҳои компютерӣ дар мақомоти андоз, ки тибқи дастуру роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи ташкил намудани ҳукумати электронӣ роҳандозӣ гардида истодааст, яке аз роҳҳои амалӣ намудани муқаррароти Кодекси андоз, таъмини шаффофияти фаъолияти соҳа ва дар сатҳи замонавӣ ташкил намудани хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон мебошад.

Вобаста ба ин, бояд қайд намуд, ки имрӯзҳо мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи нави рушд қарор доранд, ки моҳияти

онро метавон ҳамчун давраи гузашти пурра ба рақамикунонии фаъолияти соҳа изҳор намуд.

Аз ҷониби Кумитаи андоз портали хизматрасониҳои электронӣ давра ба давра васеъ карда шуда, ба ҳолати 1 майи соли 2023 барои андозсупорандагон ва шаҳрвандон 78 адад хизматрасониҳои электронӣ ба роҳ монда шудааст, ки ташкили чунин хизматрасониҳо барои сода ва қулай намудани иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ мусоидат менамояд.

Бо мақсади тақвият бахшидан ба рақамикунонии соҳа, боз ҳам беҳтар намудани маъмурикунонии андоз ва дастрас намудани хизматрасониҳо ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 30.12.2019, №643) Барномаи рушди маъмуркунонии андоз барои солҳои 2020-2025 тасдиқ карда шудааст.

Дар асоси матритса ва Нақшаи чорабиниҳои муқарраршуда, татбиқи Барнома аз 4 самти асосӣ, аз ҷумла, рушди маъмурикунонии андоз, фароҳам овардани муҳити рақобати солим ва коҳиш додани сатҳи иқтисоди пинҳонӣ, рушди системаи автоматикунонидашудаи маъмурикунонии андоз, ба роҳ мондани ҳамкории фосилавӣ бо андозсупорандагон ва мақомоти давлатӣ, баланд бардоштани интизоми андозсупории андозсупорандагон ва беҳтар намудани самаранокии фаъолияти мақомоти андоз иборат мебошад.

Дар назар аст, ки дар доираи ҳадафҳои Барномаи рушди маъмуркунонии андоз барои солҳои 2020-2025 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он 19 адад тадбирҳо, ки самтҳои асосии фаъолияти мақомоти андозро оид ба рушди технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ва васеъ намудани хизматрасониҳои электронӣ ба соҳибкорону сармоягузорон дар бар мегирад, амалӣ карда мешаванд.

Новобаста аз мушкилотҳои мавҷуда, шумораи шахсони ҳуқуқии ба қайд гирифташуда дар кишвар тамоюли афзоиш дорад (ҷадвали 2.1.1).

**Ҷадвали 2.1.1. Афзоиши шумораи шахсони ҳуқуқии ба қайд гирифташуда дар чумҳурӣ ва соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳидорӣ дар солҳои 2017-2022**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| Шумораи шахсони ҳуқуқии ба қайд гирифташуда | 31200 | 43352 | 46465 | 47639 | 48625 | 52134 |
| Аз ҷумла | | | | | | |
| Соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳидорӣ | 6552 | 9731 | 9923 | 10194 | 10252 | 10461 |
| Ҳисса, % | 21,0 | 22,4 | 21,4 | 21,4 | 21,1 | 20,1 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2018-С.210; 2019-С.219; 2020-С.355; 2021-С.224. 2022–С.226-227

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвал бармеояд, ки агар дар соли 2017 шумораи шахсони ҳуқуқии ба қайд гирифташуда 31200 ададро ташкил карда бошад, пас ин нишондиҳанда тамоюли афзоиш дошта, соли 2022 ба 52134 адад расидааст, ки нисбат ба соли 2017 ба андозаи 67,1 фоиз зиёд аст. Дар ин давра шумораи шахсони ҳуқуқии ба қайд гирифташудаи соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳидорӣ низ тамоюли афзоиш дошта, дар соли 2021 ба 10461 адад расидааст, ки нисбат ба соли 2017 ба андозаи 59,7 фоиз зиёд аст. Ҳиссаи соҳа дар сохтори умумӣ қариб бе тағйир мондааст.

Вале бояд дар назар дошт, ки ҳиссаи шумораи шахсони ҳуқуқии ба қайд гирифташудаи корхонаҳо, ки шумораи коргаронашон то 30 нафаранд, аксариятро ташкил менамоянд. Дар соли 2022 ҳиссаи онҳо дар шумораи умумӣ 82,3 фоизро ташкил дод, аз ҷумла дар соҳаи кишоварзӣ он ба 96,3 фоиз баробар буд. Ҳиссаи корхонаҳои шумораашон аз 31 то 200 нафар мутаносибан 16,4 ва 3,4 фоизро ташкил медод. Шумораи камтарин ба корхонаҳои аз 200 нафар боло рост меояд, ки шумораи онҳо мутаносибан ба 1,3 ва 0,3 фоиз баробар аст (ҷадвали 2.1.2).

**Ҷадвали 2.1.2. Ҳиссаи шумораи шахсони ҳуқуқии ба қайд гирифташуда дар ҷумҳурӣ ва соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳидорӣ дар соли 2021**

| Нишондиҳандаҳо | Ҳамагӣ | Аз он ҷумла амал-ку-нанда | аз он ҷумла аз рӯи шакли моликият | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | давлатӣ | хусусӣ ва коллективӣ | хориҷӣ ва омехта (бо иштироки хориҷӣ) |
| Дар ҷумҳурӣ,адад | 52134 | 31840 | 9625 | 21620 | 595 |
| Бо % | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| То 30 нафар | | 26209 | 7018 | 21056 | 503 |
| Ҳисса, % | | 82,3 | 72,9 | 97,4 | 84,5 |
| Аз 31 то 200 нафар | | 5210 | 2301 | 475 | 66 |
| Ҳисса, % | | 16,4 | 23,9 | 2,2 | 11,1 |
| аз 201 наф. Зиёд | | 421 | 306 | 89 | 26 |
| Ҳисса, % | | 1,3 | 3,2 | 0,4 | 4,4 |
| Соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳидорӣ | 10461 | 4729 | 210 | 4504 | 15 |
| Ҳисса, % | 21,1 | 15,2 | 2,7 | 21,6 | 2,8 |
| Бо % | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| то 30 нафар | | 4626 | 156 | 4456 | 14 |
| Ҳисса, % | | 96,3 | 63,4 | 98,0 | 80,0 |
| аз 31 то 200 нафар | | 92 | 51 | 41 | - |
| Ҳисса, % | | 3,4 | 30,0 | 1,8 | 13,3 |
| аз 201 нафар зиёд | | 11 | 3 | 7 | 1 |
| Ҳисса, % | | 0,3 | 6,6 | 0,2 | 6,7 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2023. –С.226

Яке аз шаклҳои асосии соҳибкории соҳаи кишоварзӣ, ки дар натиҷаи гузаронидани ислоҳоти аграрӣ ба вуҷуд омад, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба ҳисоб меравад. Ба ҳолати якуми январи соли 2023 дар кишвар шумораи хоҷагиҳои деҳқонии ба қайд гирифташуда ба 172107 адад расидааст, ки нисбат ба соли 2017-ум 7476 адад, ё 4,5 фоиз зиёд аст (ҷадвали 2.1.3).

Дар давраи зери таҳлил қарордошта ба хоҷагиҳои деҳқонӣ 2570,0 ҳаз. га заминҳои таъйиноти кишоварзӣ вобаста карда шудааст, ки ба ҳисоби миёна ба як хоҷагии деҳқонӣ 15,1 га рост меояд. Ин дар муқоиса ба ҳаҷми ниҳоии меъёри истифодаи як адад трактор 10 га кам аст. Аз ин ҷо харид ва истифодаи як трактор барои як хоҷагӣ самаранок нест.

**Ҷадвали 2.1.3. Динамикаи теъдоди хоҷагиҳои деҳқонии бақайдгириф-ташуда ва заминҳои ба онҳо вобастакардашуда дар солҳои 2017-2022**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Теъдоди хоҷагиҳои деҳқонии ба қайд ги-риф-ташуда, воҳид | 164631 | 172668 | 171975 | 179005 | 167009 | 172107 |
| Афзоиш нисбат ба соли 2017, % | 100,0 | 104,9 | 104,5 | 108,7 | 101,4 | 104,5 |
| Замини истифодаи ки-шоварзӣ, ҳаз. гектар | 2571,9 | 2581,2 | 2583,7 | 2606,4 | 2577,2 | 2570,0 |
| Афзоиш нисбат ба соли 2017, % | 100,0 | 100,4 | 100,5 | 101,3 | 100,2 | 99,9 |
| Андозаи миёнаи ма-соҳати замин, гектар | 15,6 | 14,9 | 15,0 | 14,6 | 15,4 | 15,1 |
| Афзоиш нисбат ба соли 2017, % | 100,0 | 95,5 | 96,2 | 93,6 | 98,7 | 96,8 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2023. –С.226

Рақамҳои оморӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳоло ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2021 40,9 фоизро ташкил додааст, ки начандон назаррасанд.

Динамикаи тағйирёбии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар ҷадвали 2.1.4.оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.1.4. Динамикаи тағйирёбии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар солҳои 2017-2022, млн. сомонӣ**

| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2017,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ | 35251,2 | 36668,9 | 39276,0 | 42765,6 | 45633,1 | 49272,1 | 139,8 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) | 13650,2 | 14200,5 | 15959,4 | 17286,0 | 18331,5 | 19450,1 | 142,5 |
| Ҳиссаи ХДФ дар ҳаҷми умумӣ, % | 38,6 | 38,7 | 40,6 | 40,4 | 40,2 | 39,5 | +0,9 |

**Сарчашма:** Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон. 2023. -С.16

Чуноне, ки аз маълумотҳои омории ҷадвали 2.1.4 маълум мегардад, соли 2022 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 49272,1 миллион сомониро ташкил додааст, ки ин рақам нисбат

ба соли 2017-ум 39,8 фоиз зиёд аст. Дар давраи таҳлилӣ ҳиссаи ХДФ бошад 39,5 дарсадро ташкил додааст, ки суръати афзоишаш нисбат ба ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 5 банди фоизӣ афзунтар аст.

Дар соҳаи соҳибкорӣ се шакли фаъолият ба назар мерасад. Якум, соҳибкории тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, ки дар соли 2022 шумораи онҳо ба 35,7 ҳазор адад расида, ҳиссаи онҳо дар шумораи умумӣ ба 11,6 фоиз баробар аст (ҷадвали 2.1.5).

**Ҷадвали 2.1.5. Тамоюли шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2022, ҳазор адад**

| **Намуди фаъолият** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2022/ 2017,%** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бо шаҳодатнома | 32,1 | 33,6 | 34,6 | 37,2 | 36,6 | 35,7 | 111,2 |
| Бо патент | 95,9 | 101,2 | 105,4 | 105,4 | 104,2 | 99,4 | 103,6 |
| ХДФ | 164,6 | 149,7 | 155,6 | 161,4 | 167 | 172,1 | 104,6 |
| **Ҳамагӣ** | 323,8 | 315,7 | 331 | 339,8 | 343,3 | 307,3 | 94,9 |
| Ҳиссаи шаҳодатнома дар шумораи умумии субъектҳои соҳибкорӣ | 9,9 | 10,6 | 10,5 | 10,9 | 10,7 | 11,6 | +1,7 |
| Ҳиссаи низоми патентӣ дар шумораи умумии субъектҳои соҳибкорӣ | 29,6 | 32,1 | 31,8 | 31,0 | 30,4 | 32,3 | +2,7 |
| Ҳиссаи ХДФ дар шумораи умумии субъектҳои соҳибкорӣ | 50,8 | 47,4 | 47,0 | 47,5 | 48,6 | 56,1 | +5,3 |

**Манбаъ:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, Душанбе, 2023. .-С 232.

Шумораи соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунада дар соли 2022 99,4 ҳаз. нафарро ташкил медиҳад, ки ба 30,7 фоиз баробар аст. Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бошанд ба 172,1 ҳаз. адад расида, 56,1 фоизи шумораи умумии соҳибкоронро ташкил медиҳанд.

Аз рақамҳои овадашуда хулоса бармеояд, ки ки ҳоло бо дарназардошти ХДФ тақрибан 90 фоизи субъектҳои соҳибкориро дар кишвар соҳибкорони инфиродӣ ташкил дода, шаҳсони ҳуқуқӣ, ки пойдевори бахши хусусӣ ба ҳисоб мераванд, ҳамагӣ 10 фоизро ташкил мекунаду халос.

Бо вуҷуди он, ки ҳамасола шумораи шахсони ҳуқуқии навтаъсис, ҳамчун пойдевори бахши хусусӣ тамоюли зиёдшавӣ дошта бошанд ҳам,

вале ин равандро наметавон мусбат арзёбӣ намуд, зеро ҳамасола дар баробари таъсисиёбии шахсони ҳуқуқӣ, тақрибан нисфи онҳо аз фаъолият боз мемонанд. Масалан, дар соли 2022 аз шумораи умумии соҳибкорони навтаъсиси мақоми шахси ҳуқуқидошта бо сабабҳои гуногун 1380 адад ё тақрибан 3,9 дарсадаш фаъолияти худро қатъ намуданд. Ин рақам дар соли 2017 ба 5.8, соли 2018 ва 2019 ба 4,0 фоиз, соли 2020 – 2,4, соли 2021 – 3,8% баробар буд (ҷадвали 2.1.6).

**Ҷадвали 2.1.6. Тамоюли барҳамхурии соҳибкорони мақоми шахси ҳуқуқидошта дар солҳои 2017-2022**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** |
| Шумораи умумии шахсони ҳуқуқӣ, адад | 31200 | 31200 | 35400 | 35800 | 35500 | 35749 |
| Шумораи соҳибкорони мақоми шахси ҳуқуқидоштаи барҳамхӯрда, адад | 1810 | 1236 | 1404 | 850 | 1347 | 1380 |
| Ҳисса, % | 5,8 | 4,0 | 4,0 | 2,4 | 3,8 | 3,9 |

**Сарчашма:** Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, Душанбе, 2023. –С.62-63

Рақамҳои омории ҷадвали мазкур нишон медиҳанд, ки давоми солҳои 2017-2022 дар маҷмӯъ 8027 адад субъектҳои соҳибкории мақоми шахси ҳуқуқидошта бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла гузариш ба шакли соҳибкории инфиродӣ ва таъсири дигар омилҳо фаъолияти худро қатъ намудаанд.

Солҳои охир дар натиҷаи пиёда сохтани тадбирҳои муассири давлатӣ дар самти дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ, истифода ва коркарди ҳарчи пурраи ашёи хоми ватанӣ, аз ҷумла маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, шумораи корхонаҳои хурде, ки дар соҳаи кишоварзӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, мунтазам афзуда, соли 2022-ум 808 ададро ташкил додааст.[59]

[59] Тоҷикистон 20 соли истиқлоли давлатӣ, маҷмӯаи оморӣ, Душанбе, 2010, С-398, С-умумӣ-831, Омории солонаи ҶТ, маҷмуаи оморӣ, Душанбе, 2018, С-223, С- умумӣ-483, Тоҷикистон 25 соли истиқлоли давлатӣ, маҷмӯи оморӣ, Душанбе, 2016, С-243 С-520. Омори таъҷилии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022.

**Ҷадвали 2.1.7. Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти корхонаҳои хурде, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ машғуланд ва мақоми шахси ҳуқуқиро доранд**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | 2022/2018,% |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| Шумораи корхонаҳо, адад | 79 | 1280 | 1160 | 955 | 808 | 10,2 |
| Шумораи миёнаи кормандон, нафар | 282 | 15782 | 14384 | 11842 | 10019 | 35,5 |
| Даромад аз фурӯши маҳсулот (кор, хизмат), ҳаз. сомонӣ | 31,8 | 517,8 | 652,2 | 1081,6 | 2657,4 | 83,6 |
| Фонди музди меҳнат, ҳаз. сомонӣ | 24,4 | 83,7 | 90,8 | 81,8 | 92,5 | 3,8 |

**Манбаъ:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2023. –С.226.

Чуноне, ки аз ҷадвал ба назар мерасад, дар давоми солҳои 2018-2022 шумораи корхонаҳои хурди мақоми шахси ҳуқуқидошта дар соҳаи кишоварзӣ фаъолияткунанда 10,2 маротиба, даромад аз фурӯши маҳсулот 83,6 ва фонди музди меҳнат бошад ба 3,8 маротиба афзоиш ёфтааст. Дар марҳалаи баррасишаванда, шумораи миёнаи кормандони дар ин корхонаҳо фаъолияткунанда 35,5 маротиба афзудааст.

Чуноне, ки болотар гуфта гузаштем, ҳоло 70,3 фоизи заминҳои истифодаи кишоварзӣ ва тақрибан 82 дарсади заминҳои мазраъ дар ихтиёри ХДФ қарор доранд. Майдони замини кишти зироатҳои кишоварзӣ дар ҷадвали зерин ба таври зайл нишон дода шудааст[60].

Аз маълумотҳои ҷадвали 2.1.8 мушоҳида мегардад, ки ҳоло 62,2 фоизи майдони зироатҳои ғалладона, аз ҷумла гандум 33,9%, зироатҳои техникӣ - 76,3%, аз ҷумла пахта - 77,3%, картошка- 44,6%, зироатҳои полизӣ – 74,9% сабзавот- 49,7% ва 60,3 дарсади зироатҳои хӯроки чорво ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ҳамчун соҳибкорӣ инфиродӣ дар соҳаи кишоварзӣ рост меояд.

---

[60] Кишоварзии ҶТ, маҷмӯаи, оморӣ, Душанбе, 2022, С–23

**Ҷадвали 2.1.8. Динамикаи заминҳои кишти зироатҳои кишоварзии дар ихтиёри соҳибкорони соҳаи кишоварзӣ қарордошта, барои солҳои 2017-2022, ҳаз. гектар**

| Номгуи зироатҳо | Солҳо | | | | | | 2022/ 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| | **Ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ** | | | | | | |
| Зироати ғалладона, аз ҷумла гандум | 411,6 | 374,9 | 383,7 | 391,5 | 394,5 | 390,5 | 94,9 |
| | 285,9 | 255,5 | 263,9 | 269,6 | 274,8 | 274,8 | 96,1 |
| Зироатҳои техникӣ, аз ҷумла пахта | 203,3 | 214,6 | 215,5 | 213,4 | 202,0 | 207,2 | 101,9 |
| | 174,0 | 185,8 | 185,7 | 185,4 | 173,8 | 181,5 | 104,3 |
| Картошка | 40,6 | 49,6 | 51,8 | 52,7 | 57,2 | 56,1 | 138,2 |
| Зироатҳои полизӣ | 20,3 | 19,9 | 21,9 | 22,7 | 22,6 | 20,7 | 102,0 |
| Сабзавот | 59,7 | 68,3 | 67,0 | 70,4 | 71,2 | 70,0 | 117,3 |
| Зироатҳои хӯроки чорво | 101,5 | 99,2 | 107,0 | 105,9 | 113,9 | 115,1 | 113,4 |
| | **Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)** | | | | | | |
| Зироатҳои ғалладона, аз ҷумла гандум | 268,5 | 238,0 | 240,0 | 245,9 | 254,6 | 242,8 | 90,4 |
| | 183,7 | 160,7 | 163,9 | 167,1 | 177,7 | 171,0 | 93,1 |
| Зироатҳои техникӣ, аз ҷумла пахта | 167,8 | 172,5 | 170,9 | 165,2 | 156,9 | 158,1 | 94,2 |
| | 146,5 | 151,3 | 149,4 | 145,4 | 135,8 | 140,3 | 95,8 |
| Картошка | 20,4 | 28,0 | 29,4 | 24,3 | 27,3 | 25,0 | 1225 |
| Зироатҳои полизӣ | 15,5 | 15,2 | 17,0 | 17,5 | 17,6 | 15,5 | 100,0 |
| Сабзавот | 28,3 | 35,2 | 33,5 | 36,1 | 36,6 | 34,8 | 123,0 |
| Зироатҳои хӯроки чорво | 63,5 | 60,4 | 65,4 | 64,9 | 74,0 | 69,4 | 109,3 |

**Манбаъ:** Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе, 2023. –С.26-29

Дар давраи солҳои 2017–2022 ҳаҷми майдони зироатҳои ғалладона ва техникӣ кам шуда, майдони кишти картошка, зироатҳои полизӣ, сабзавот ва зироатҳои хӯроки чорво аз 16,5 то 33,8 дарсад зиёд гардидааст.

Аммо гарчанде, ки аз 50 то 75,2 дарсади майдони заминҳои зироатҳои кишоварзӣ дар ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) қарор

дошта бошад ҳам, вале саҳми онҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳамагӣ 41 дарсадро ташкил медиҳад.

Тибқи омори расмӣ, соли 2022 ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) 20239,6 млн. сомониро ташкил додааст, ки ин дар муқоиса ба соли 2017-ум 48,3 дарсад зиёд мебошад (ҷадвали 2.1.9).

**Ҷадвали 2.1.9. Нишондиҳандаҳои асосии рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ҳамчун соҳибкори инфиродӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар солҳои 2017– 2022**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2022-2017 %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи ХДФ ба қайдгирифташуда, адад | 164631 | 172668 | 171975 | 179005 | 167009 | 172107 | 104,5 |
| Майдони умумии замин, ҳазор га. | 5136,2 | 5147,3 | 5149,3 | 5177,9 | 5111,9 | 5080,6 | 98,9 |
| Замини истифодаи кишоварзӣ, ҳазор га. | 2571,9 | 2581,2 | 2583,7 | 2606,4 | 2577,2 | 2570,0 | 99,9 |
| Замини кишт (мазраъ), ҳазор га. | 534,6 | 536,4 | 541,0 | 544,1 | 541,0 | 543,3 | 101,6 |
| Маҷмӯи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, млн. сомонӣ | 13650,2 | 14200,5 | 15959,4 | 17286,0 | 18331,5 | 20239,6 | 148,3 |
| Ба ҳар як ХДФ рост меояд | | | | | | | |
| Майдони умумии замин, га. | 31,2 | 29,8 | 29,9 | 28,9 | 30,6 | 29,5 | 94,6 |
| Замини истифодаи кишоварзӣ, га. | 15,6 | 14,9 | 15,0 | 14,6 | 15,4 | 14,9 | 95,5 |
| Замини кишт, га. | 3,2 | 3,1 | 3,1 | 3,0 | 3,2 | 3,2 | 100,0 |
| Истеҳсоли маҳсулот, ҳазор, сомонӣ | 82,9 | 82,2 | 92,8 | 96,6 | 109,8 | 117,6 | 141,9 |

**Манбаъ**: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи оморӣ. -Душанбе, 2023. - С– 16-21.

Рақамҳои ҷадвали 2.1.9 нишон медиҳанд, ки дар 6 соли охир шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) 4,5 дарсад ва ҳаҷми маҷмӯи маҳсулот бошад 48,3 дарсад зиёд гаштааст. Ба андешаи мо, яке аз сабабҳои асосии мунтазам афзоиш ёфтани шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар гузариши онҳо аз шахси ҳуқуқӣ ба шакли соҳибкории инфиродӣ арзёбӣ мегардад.

Дар давраи таҳлилӣ аз майдони умумии заминҳои истифодаи кишоварзӣ 2570,0 ҳаз. гектар дар ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) қарор доштаанд, ки ин нисбат ба соли 2017 ба микдои 0,1 дарсад кам мебошад.

Тавре, ки аз ҷадвал ба назар мерасад, соли 2022 ба як хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) 29,5 га майдони умумии замин, 14,9 га заминҳои истифодаи кишоварзӣ, 3,2 га замини кишт ва 117,6 ҳаз. сомонӣ маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ рост меояд, ки ин нишондиҳандаҳо нисбат ба соли 2017-ум 41,9 фоиз зиёд аст.

Рақамҳои овардашуда собит месозанд, ки сол аз сол андозаи миёнаи масоҳати замини дар ихтиёри ХДФ қарордошта, тамоюл ба коҳишёбӣ доранд.

Бо вуҷуди он, ки давоми 6 соли охир саршумори ҳайвони калони шохдор ва моли майда дар ХДФ тақрибан 6,8–20,7 дарсад афзоиш ёфта бошад ҳам, вале ҳиссаи онҳо дар истеҳсоли маҳсулотҳои асосии соҳаи чорводорӣ чандон назаррас нест. (ҷадвали 2.1.10).

**Ҷадвали 2.1.10. Динамикаи тағйирёбии ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар истеҳсоли маҳсулоти асосии ҷорво давоми солҳои 2017– 2022, %**

| Намудҳои маҳсулот | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| Гӯшт, дар вазни зинда, ҳаз.тонна | 3,6 | 4,2 | 5,0 | 3,0 | 3,5 | 3,9 |
| Шир, ҳаз.тонна | 3,8 | 3,8 | 3,9 | 3,8 | 4,0 | 4,4 |
| Тухм млн. донна | 3,3 | 2,5 | 1,2 | 0,9 | 1,1 | 1,4 |
| Пашм, тонна | 12,5 | 14,0 | 14,3 | 16,4 | 16,9 | 17,1 |

**Манбаъ:** Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, Душанбе, 2023.-С.51.

Аз рақамҳои омории ҷадвали 2.1.10 маълум мегардад, ки ҳоло танҳо 3,9 дарсади истеҳсоли гушт, 4,4 дарсади истеҳсоли шир, 1,4 % истеҳсоли тухм, 17,1 дарсадӣ истеҳсоли пашм ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) рост меояд.

Ҳамин тавр, таҳлили вазъи муосири фаъолияти соҳибкорӣ нишон дод, ки:

1. Барои рушди соҳибкории кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқӣ муҳайё карда шуда, иҷрои онҳо метавонад ба рушди соҳибкории кишовазӣ замина гузорад.- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ" принсипҳои умумӣ, шаклҳо ва самтҳои сиёсатро дар сатҳи давлатӣ муайян мекунад ва аз ҷиҳати функсионалӣ мо тамоми системаи тадбирҳои дастгирии давлатии рушди соҳибкориро тасниф мекунад.

2. Новобаста аз мавҷуд будани асосҳои ҳуқуқии рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир нокифоя будани шароит барои фазои соҳибкорӣ, ки дар танзими барзиёд ва ғайрисамаранок, коррупсия, сарбории аз ҳад зиёди андозӣ ва душвориҳои маъмурикунонии андоз, сатҳи баланди монополизатсия, муҳофизати заифи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳуқуқҳои соҳибкорон ба чашм мерасад.

3. Таҳлил собит намуд, ки новобаста аз мушкилотҳои мавҷуда, шумораи шахсони ҳуқуқии ба қайд гирифташуда дар кишвар тамоюли афзоиш дошта, ҳиссаи соҳибкории кишоварзӣ баръакс тамоюли пастравиро касб намудааст. Дар шахсони ҳуқуқии ба қайд гирифташуда шумораи корхонаҳо то 30 нафар коргар дошта 82,3 фоизро ташкил менамояд. Корхонаҳои азими аз 200 нафар зиёд коргардошта танҳо 0,3 фоизро ташкил менамояд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки соҳибкории кишоварзӣ дар шакли корхонаҳои хурд фаъолият менамоянд.

4. Теъдоди хоҷагиҳои деҳқонии бақайдгирифташуда нисбат ба соли 2017 афзудааст. Андозаи миёнаи масоҳати замин ба як хоҷагии деҳқонӣ тамоюли пастравӣ дорад. Барҳамхурии соҳибкорони мақоми шахси ҳуқуқидошта тамоюли пастравӣ дошта бошад ҳам, вале дар давоми 6 сол 8027 ададро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳандаи нигаронкунанда аст.

5. Гарчанде, ки аз 50 то 75,2 дарсади майдони заминҳои зироатҳои кишоварзӣ дар ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) қарор дошта бошад ҳам, вале саҳми онҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсоли

маҳсулоти кишоварзӣ ҳамагӣ 39,5 дарсадро ташкил медиҳад, ки аз самаранокии пасти истифодаи замин гувоҳӣ медиҳад. Ҳиссаи соҳибкорони кишоварзӣ дар истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ ночиз боқӣ мемонад.

## 2.2. Таҳлили ҳолати муосири муҳити молиявии берунаи соҳибкорӣ

Дар зербоби 2.1. мо вазъи ташаккул ва фаъолияти соҳибкории кишоварзиро мавриди таҳқиқот қарор додем, вале мушкилоти асосии беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба душвориҳои давраи гузариш вобастаанд.

Дар Тоҷикистон вазъи муҳити молиявии рушди соҳибкориро бахши иқтисодиёт баҳо дода метавонад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд шудааст, ки «бахши молиявӣ ҳоло ҳамчун асоси маблағгузории иқтисодиёти миллӣ пурра ташаккул наёфтааст».[61] (ҷадвали 2.2.1).

**Ҷадвали 2.2.1. Сатҳи рушди бозори молияи Тоҷикистон**

| Нишондиҳанда | Таносуби дороиҳои бозори молия нисбат ба ММД |
|---|---|
| Дар ҷаҳон | 4:1 |
| Тоҷикистон | 0,26:1 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2022. –С.18.

Чуноне, ки аз рақамҳои ҷадвали 2.2.1. бар меояд, таносуби дороиҳои бозори молия нисбат ба ММД дар Тоҷикистон нисбат ба нишондиҳандаҳои молиявии мамлакатҳои ҷаҳон ночиз буда, танҳо 0,26 фоизро ташкил медиҳад.

Зариби сатҳи монетизатсия (аз рӯи нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул нисбат ба ММД) дар соли 2015 агар ба 0, 22 боробар бошад, пас он дар соли 2022 то 34,5 афзудааст (ҷадвали 2.2.2).

---

[61]Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.-С. 84

**Ҷадвали 2.2.2. Сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти Тоҷикистон дар солҳои 2005-2022, %**

| Солҳо | ММД номиналӣ, (млрд. сомонӣ) | Миқдори пул дар муомилот М4 (млрд. сомонӣ) | Коэффисиенти монетизатсия аз рӯи М4 |
|---|---|---|---|
| 2005 | 7 201,1 | 533 | 0,07 |
| 2010 | 24 704,7 | 4 458 | 0,18 |
| 2015 | 48 401.6 | 10 790 | 0,22 |
| 2022 | 115739,4 | 39884,0 | 34,5 |

**Сарчашма:** Омори бонки миллии Тоҷикистон. Бонки миллии Тоҷикистон. Солҳои мухталиф. 2022. – С.18

Сарфи назар аз дастовардҳо дар самти барқарорсозӣ ва рушди бахши воқеӣ, як қатор мушкилиҳо аҳамият ва миқёси худро нигоҳ доштаанд, ки хавфҳои гузариш ба соҳаҳои дорои технологияҳои баланд ва самараноки бахши воқеиро зиёд намуда, заминаҳои ба миён омадани душвориҳо ва таҳдидҳои нави амнияти энергетикӣ, озуқаворӣ, нақлиётӣ ва дар натиҷа амнияти иқтисодии кишварро фароҳам меоварад.

Тибқи маълумотҳои фаврии Агентии омори назди Президенти ҶТ дар соли 2022 рушди воқеии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) 8,0 фоизро ташкил дод, ки он нисбат ба соли қаблӣ 1,2 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст (ҷадвали 2.2.3).

**Ҷадвали 2.2.3. Динамикаи ММД дар солҳои 2016-2022, млрд. сомонӣ**

| Нишондиҳанда | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД | 54,5 | 64,4 | 68,8 | 77,4 | 82,5 | 98,9 | 115,7 |
| Суръати рушд, % | 6,9 | 7,1 | 7,3 | 7,5 | 4,5 | 9,2 | 8,0 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2023. –С.214

Дар соли 2022 вазъи низоми бонкӣ ва нишондиҳандаҳои асосии молиявии он тамоюли мусбати худро идома дода, дар устувории меъёрҳои сармоя, пардохтпазирӣ ва сифати дороиҳоро таъмин намуд.

Дар интиҳои соли 2022 сатҳи таварруми солона 4,2 фоизро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли гузашта 3,8 фоиз камтар аст. Тавре

нишондиҳандаҳо нишон медиҳанд, раванди таваррум нисбат ба соли 2016 1,9 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст (ҷадвали 2.2.4).

**Ҷадвали 2.2.4. Тағйирёбии сатҳи таваррум ва саҳми сохтории он дар солҳои 2016-2022, фоиз**

| Нишондиҳанда | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хӯроквори | 3,8 | 4,2 | 2,8 | 6,0 | 7,0 | 3,9 | 5,2 |
| Ғайрихӯроквори | 1,7 | 1,3 | 2,0 | 1,3 | 1,8 | 2,3 | 4,0 |
| Хизматрасонӣ | 0,6 | 1,1 | 0,7 | 0,8 | 0,6 | 1,8 | 1,9 |
| Таварруми солона | 6,1 | 6,7 | 5,4 | 8,1 | 9,4 | 8,0 | 4,2 |

**Сарчашма:** Омори бонки миллии Тоҷикистон. Бонки миллии Тоҷикистон. Солҳои мухталиф. 2022. – С.18

Бо дарназардошти афзоиши пардохтҳои расмӣ (қарзҳои имтиёзнок ва грантҳо), захираҳои умумии байналмилалӣ ва воруди интиқолҳои пулии фаромарзӣ ба кишвар, имконияти нигоҳдории устувории қурби сомониро фароҳам овард, ки дар натиҷа қурби расмии номиналии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА дар соли 2022 1,10 сомонӣ коҳиш ёфтааст (ҷадвали 2.2.5).

**Ҷадвали 2.2.5. Тағйирёбии қурби сомонӣ нисбат ба долл. ИМА- дар солҳои 2016-2022**

| Номгӯй | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Қурби сомонӣ нисбат ба доллари ИМА (ба охири давра) | 7,88 | 8,82 | 9,43 | 9,69 | 11,30 | 11,30 | 10,20 |
| Тағйирёбӣ (%, паҳлуи рост) | 12,7 | 12,0 | 6,9 | 2,7 | 16,6 | 0,0 | 0,0 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2023. –С.18

Дар ин давра дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ (ТҚ) дар интиҳои соли 2022 – 30,0 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2016 - 8,8 млрд афзудааст (ҷадвали 2.2.6).

**Ҷадвали 2.2.6. Сохтори дороиҳо, млрд, сомонӣ**

| Номгӯй | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Воситаҳои асосӣ | 3,1 | 4,2 | 4,2 | 4,1 | 4,6 | 1,8 | 1,9 |
| Пули нақд ва суратҳисобҳои муросилотӣ | 6,6 | 4,6 | 4,8 | 4,1 | 5,6 | 7,5 | 11,5 |
| Сармоягузорӣ | 2,0 | 2,6 | 3,4 | 3,3 | 3,4 | 1,2 | 1,0 |
| Дигар | 1,4 | 2,8 | 2,0 | 2,7 | 3,7 | 1,4 | 3,7 |
| Сандуқи қарзӣ | 8,2 | 6,8 | 6,6 | 7,8 | 9,0 | 10,5 | 11,9 |
| Дороиҳо ҳамагӣ | 21,2 | 20,9 | 21,2 | 22,0 | 26,3 | 22,4 | 30,0 |

**Сарчашма:** Омори бонки миллии Тоҷикистон. Бонки миллии Тоҷикистон. Солҳои мухталиф. 2022. – С.18

Дар ин давра воситаҳои асосии бонкҳо 38,7%, сармоягузорӣ 50,0% коҳиш ёфта бошад ҳам, вале пули нақд ва суратҳисобҳои муросилотӣ 74,2%, сандуқи қарзӣ 45,1% афзудааст.

Ӯҳдадориҳои ТҶ дар соли 2022 – 23,7 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2016-ум 51,0 фоиз афзудааст (ҷадвали 2.2.7). Дар ин давра амонатҳо, ӯҳдадориҳои байнибонкӣ нисбат ба соли 2016 зиёд шудаанд.

**Ҷадвали 2.2.7. Сохтори ӯҳдадориҳо, млрд сомонӣ**

| Номгӯй | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Амонатҳо | 9,2 | 9,3 | 9,7 | 9,7 | 11,4 | 10,2 | 15,5 |
| Коғазҳои қимматнок | 0,7 | 1,0 | 0,7 | 0,7 | 1,3 | 1,7 | 1,5 |
| Байнибонкӣ | 3,3 | 3,4 | 3,2 | 3,1 | 3,7 | 3,1 | 3,5 |
| Дигар | 2,4 | 1,6 | 1,7 | 2,2 | 2,7 | 2,2 | 3,2 |
| Ҳамагӣ | 15,7 | 15,2 | 15,3 | 15,7 | 19,1 | 17,2 | 23,7 |

**Сарчашма:** Омори бонки миллии Тоҷикистон. Бонки миллии Тоҷикистон. 2022. –С.18

Сармояи тавозунии ТҶ бошад 3,3 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2016 сармоя -2,4 млрд сомонӣ кам шуд. Тавре зикр гардид, ба раванди мазкур аксаран бозхонди иҷозатномаҳои бонкҳои мушкилотдор таъсири худро расонид (ҷадвали 2.2.8).

**Ҷадвали 2.2.8. Сохтори сармояи тавозунӣ, млрд. сомонӣ**

| Номгӯй | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Сармояи оинномавӣ | 5,7 | 5,9 | 5,8 | 5,9 | 6,3 | 2,5 | 3,3 |
| Захираҳо | 0,4 | -0,2 | -0,3 | 0,3 | 0,5 | 2,4 | 1,8 |
| Фоидаи соли ҷорӣ | -0,6 | 0,0 | 0,3 | 0,3 | 0,4 | 0,1 | 1,2 |
| Ҳамагӣ | 5,5 | 5,7 | 5,9 | 6,2 | 7,2 | 5,1 | 6,3 |

**Сарчашма:** Омори бонки миллии Тоҷикистон. Бонки миллии Тоҷикистон. 2022. –С.18

Меъёрҳои кифоятии сармоя ва пардохтпазирии аксари ТҚ аз талаботи ҳадди ақал барзиёд ҷамъбаст ёфтанд. Меъёри кифоятии сармоя 25,3 фоиз (талаботи меъёрӣ 12 фоиз) ва меъёри пардохтпазирӣ 94,8 фоиз (талаботи меъёрӣ 30 фоиз)-ро ташкил дод (ҷадвали 2.2.9).[62]

**Ҷадвали 2.2.9. Меъёри кифоятии сармоя, %**

| Номгӯй | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Кифоятии сармояи ТҚМ | 17 | 23 | 22 | 20 | 18 | 23,9 | 25,3 |
| Меъёр(К1-1>=12%) | 12 | 12 | 12 | 12 | 12 | 12 | 12 |
| Пардохтпазирии дороиҳои ТҚМ | 84 | 74 | 72 | 67 | 71 | 91,8 | 94,8 |
| Меъёр(К2-1>=30%) | 30 | 30 | 30 | 30 | 30 | 30 | 30 |

**Сарчашма:** Омори бонки миллии Тоҷикистон. Бонки миллии Тоҷикистон. 2022. –С.18

Ба ҳолати 31 декабри соли 2022 бақияи сандуқи қарзӣ 13,7 млрд. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба соли 2016 ба андозаи 3,9 млрд сомонӣ афзудааст,асосан аз ҳисоби қарзҳо ба шахсони воқеӣ.

Ҳаҷми қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ, алалхусус ба бахши хусусӣ, афзоиши назаррасро нишон дода, ҷалби пасандозҳои шахсони воқеӣ бошад, сарфи назар аз кам шудани теъдоди ТҚ устувор боқӣ монд.

Дар сохтори сандуқи қарзӣ бақияи қарзҳои бо пули миллӣ додашуда 9,8 млрд. сомонӣ ё худ 71,5 фоизро ташкил дода, афзоиши солонаи он 11,9 фоизро ташкил дод. Бақияи қарзҳои бо асъори хориҷӣ додашуда бошад

---
[62] Фонд страхования депозитов и сбережениии Таджикистана.2023 г

3,9 млрд. сомонӣ ё худ 28,5 фоизро ташкил дода, -36,1 фоиз коҳиш ёфт (ҷадвали 2.2.10).[63]

**Ҷадвали 2.2.10. Сохтори сандуқи қарзӣ аз рӯи асъор, млрд. сомонӣ**

| Номгӯй | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бо пули миллӣ | 3,7 | 3,4 | 3,8 | 4,9 | 6,3 | 8,0 | 9,8 |
| Бо асъори хориҷӣ | 6,1 | 5,1 | 4,8 | 4,8 | 4,6 | 4,0 | 3,9 |
| Бақияи сандуқи қарзӣ | 9,8 | 8,5 | 8,6 | 9,7 | 10,9 | 12,0 | 13,7 |

**Сарчашма:** Омори бонки миллии Тоҷикистон. Бонки миллии Тоҷикистон. 2022. –С.18

Дар сандуқи қарзӣ ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол дар соли 2022 – 1630,9 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта 2,1 фоиз афзудааст.

Дар баробари ин, ҳамчун омили мусбӣ ҳиссаи онҳо дар сандуқи қарзӣ кам гардида аз 13,4 фоиз то 12,0 фоиз кам шудааст (ҷадвали 2.2.11)[64].

**Ҷадвали 2.2.11. Сохтори қарзҳои батаъхирафтода, млрд. сомонӣ ва бо фоиз**

| Гуруҳбандии қарзҳо | 2021 | 2022 | Тағийрот (+, -) |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ (маҷмӯӣ), аз ҷумла | **11970,4** | **13577,6** | **1607,2** |
| Қарзҳои фаъол | 10363,6 | 11946,7 | 1583,2 |
| Қарзҳои ғайрифаъол | 1606,8 | 1630,9 | 24,1 |
| **Вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол** | **13,4%** | **12,0%** | **-1,4** |
| Вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол(холис) | 1,1% | -0,6% | -0,5 |

**Сарчашма:** Омори бонки миллии Тоҷикистон. Бонки миллии Тоҷикистон. 2022. –С.18

Бонкҳои собиқ низомсози мушкилотдор, бинобар беҳ нагардидан ва торафт бад шудани вазъи молиявиашон барҳам дода шуданд, зеро оқибатҳои идомаёбии номуайянӣ ва мушкилии бонкҳои муаммодор пайваста ба вазъи низоми бонкию молиявӣ, инчунин ба эътимоднокии аҳолӣ ба низоми бонкӣ таъсири манфии худро мерасонид.

Бақияи умумии пасандозҳо дар ТҶ дар интиҳои соли сипаришуда 15,5 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2016 ба андозаи – 6,3 млрд. сомони камтар мебошад (ҷадвали 2.2.12).

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки коҳишёбии ҳаҷми пасандозҳо асосан дар натиҷаи кам шудани амонатҳои дархостшавандаи бахши

[63] Фонд страхования депозитов и сбпережений Таджикистана.2023 г.
[64] Там же.

корпоративӣ (шахсони ҳуқуқӣ) ва амонатҳои бахши давлатӣ ба вуқуъ омадааст.[65]

**Ҷадвали 2.2.12. Сохтори амонатҳо, млрд. сомонӣ**

| Сохтори амонатҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дархостшаванда | 3,3 | 4,3 | 4,9 | 4,7 | 5,9 | 4,7 | 7,1 |
| Муҳлатнок | 3,8 | 3,5 | 3,3 | 3,3 | 3,4 | 3,4 | 4,2 |
| Пасандозӣ | 2,2 | 1,5 | 1,6 | 1,7 | 2,1 | 2,1 | 4,2 |
| Ҳамагӣ | 9,2 | 9,3 | 9,7 | 9,8 | 11,4 | 10,2 | 15,5 |

**Сарчашма:** Омори бонки миллии Тоҷикистон. Бонки миллии Тоҷикистон. 2022. –С.18

Инчунин суст шудани қобилияти амонатгузории аҳолӣ бинобар афзоиши сатҳи хароҷотҳо нисбат ба даромадҳои онҳо низ таъсири худро ба раванди болозикр расонид.

Дар сохтори умумии пасандозҳо бақияи пасандозҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ мувофиқан 5,6 млрд. сомонӣ ва 4,5 млрд.-ро ташкил дод.

Ҳиссаи пасандозҳо бо пули миллӣ 56,1 фоизи ҳаҷми умумии пасандозҳо ва бо асъори хориҷӣ бошад, 43,9 фоизи ҳаҷми умумии пасандозҳоро ташкил дод (ҷадвали 2.2.13). [66]

**Ҷадвали 2.2.13. Тағйирёбии ҳаҷми пасандозҳо, млрд. сомонӣ**

| Сохтор | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бо пули миллӣ | 2,6 | 3,5 | 4,1 | 5,2 | 6,4 | 5,6 | 8,7 |
| Бо асъори хориҷӣ | 6,0 | 5,8 | 5,1 | 4,6 | 5,0 | 4,5 | 6,8 |
| Бақияи пасандозҳо | 8,6 | 9,2 | 9,3 | 9,7 | 11,4 | 10,2 | 15,5 |

**Сарчашма:** Омори бонки миллии Тоҷикистон. Бонки миллии Тоҷикистон. 2022. –С.18

Ҳамин тавр, бояд қайд намуд, ки иқтидори сафарбаркунии пасандозҳо ва механизми табдилдиҳии онҳо ба қарзҳои бонкӣ ва сармоягузориҳо самаранок истифода намешавад. Ҳаҷми бақияи умумии пасандозҳои шахсони воқеӣ 5,4 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта 0,5 фоиз зиёд гардид. Ҳаҷми пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ бошад, тавре дар боло зикр гардид, аз ҳисоби амонатҳои дархостшаванда ва амонатҳои бахши давлатӣ ба андозаи -21,3 фоиз кам шуд.

---

[65] Омори Бонки миллии Тоҷикистон. Бонки миллии Тоҷикистон. 2022. –С.18
[66] Фонд страхования депозитов и сбережений Таджикистана.2023 г.

**С**атҳи нокифояи воситаҳои ниҳодҳои молиявии амалкунанда (бонкҳо, ТХҚ, ширкатҳои суғуртавӣ ва ғайра) боиси пешниҳоди номгӯи маҳдуди хизматрасонии молиявӣ, хусусан хизматрасонии кутоҳмӯҳлат гардида, ба талаботҳои бахши воқеӣ ҷиҳати азнавсозии иқтидори истеҳсоли онҳо мувофиқат намекунад. Сохтори номукаммали бахши молиявӣ ба назар мерасад, ки дар он бонкҳо бартарӣ дошта, бозори коғазҳои қиматнок маҳдуд аст, сегменти такрории он, аз ҷумла муомилоти коғазҳои қимматноки ширкатҳо вуҷуд надорад. Воситаҳои таъмини маблағгузории корхонаҳои БВИ маҳдуд буда, диферсификатсияи он дар сатҳи паст қарор дорад. Сатҳи баланди долларизатсияи бахши молиявӣ боқӣ мемонад. Ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ дар байни субъектҳои хоҷагидории иқтисодиёт дараҷаи баланди истифодаи маблағҳои пули нақд бартарӣ дорад. Ҳассосияти бахш ба тағйирёбии қурби асъори ҷаҳонӣ дастрасиро ба захираҳои молиявии беруна маҳдуд месозад . Сатҳи баланди нархҳо ба хизматрасониҳои молиявӣ, аз ҷумла фоизҳои баланд аз рӯи қарзҳо ба назар мерасад. Дараҷаи баланди хавфҳои хоси фаъолияти ниҳодҳои молиявӣ мавҷуданд.[67]

Дигар омиле, ки ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таъсир мерасонад, ҳалли масъалаҳои демографӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар Тоҷикистон таносуби суръати афзоиши нуфузи аҳолӣ нисбат ба бунёди ҷойҳои корӣ баланд аст.

Дар солҳои истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон тағйироти ҷиддии сохторӣ ба амал омад (ҷадвали 2.2.14).

Дар давраи таҳлилшуда бо афзоиши миёнаи солонаи аҳолӣ 142,9 ҳазор нафар афзоиши захираҳои меҳнатӣ 101,8 ҳазор нафар ва афзоиши қувваи корӣ 100,0 ҳазор нафар, шумораи аҳолии бо кор таъминшуда 17,9 ҳазор нафар, шумораи бекорони расман ба кайд гирифташуда 0,718 ҳазор

[67] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.-С. 28

нафар ва шумораи кувваи кории истифоданашуда 81,2 ҳазор нафар, аз чумла 12,2 ҳазор нафар хонандагонро ташкил намуд.

**Ҷадвали 2.2.14. Тағйирёбии сохтории нишондиҳандаҳои демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (ҳаз. нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | **1991** | **2000** | **2010** | **2015** | **2021** | **2022** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шумораи аҳолӣ** | ***5505,6*** | ***6264,6*** | ***7621,2*** | ***8551,2*** | ***9886,8*** | 10078,4 |
| Нисбат ба соли 1991, % | 100,0 | 113,8 | 138,4 | 155,3 | 179,6 | 183,1 |
| **Захираҳои меҳнатӣ, ҳамагӣ** | **2526** | **3186** | **4530** | **5111** | **5683** | **5754** |
| Нисбат ба соли 1991, % | 100,0 | 126,1 | 179,4 | 202,3 | 225,0 | 227,7 |
| Аз ҷумла: | | | | | | |
| **Қувваҳои корӣ** | 1971 | 1794 | 2280 | 2437 | 2587 | 2600 |
| Нисбат ба соли 1991, % | 100,0 | 91,0 | 115,7 | 123,6 | 131,3 | 131,9 |
| Аз онҳо: | | | | | | |
| **Аҳолии машғул** | 1971 | 1745 | 2233 | 2380 | 2534 | 2545 |
| Нисбат ба соли 1991, % | 100,0 | 88,5 | 113,3 | 120.8 | 128,6 | 129,1 |
| **бокории расмӣ** | 32 | 43 | 48 | 57 | 53 | 55 |
| Нисбат ба соли 1991, % | 100,0 | 134,4 | 150,0 | 178,1 | 165,6 | 171,9 |
| **Қувваҳои кории истифоданашуда** | 555 | 1392 | 2250 | 2674 | 3066 | 3154 |
| Нисбат ба соли 1991, % | 100,0 | 250,8 | 405,4 | 481,8 | 552,4 | 568,2 |
| **Аз ҷумла хонадагон** | 237 | 343 | 557 | 602 | 663 | 628 |
| Нисбат ба соли 1991, % | 100,0 | 144,7 | 235,0 | 254,0 | 279,7 | 265,0 |

**Манбаъ:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2023. –С.81.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳлил бо усули иктисоди оморӣ ошкор карда шуданд: ба ҳар 100 нафар. афзоиши аҳолӣ, афзоиши шумораи захираҳои меҳнатӣ 59 нафар, қувваи корӣ 37,4 нафар, дар истеҳсолот 26,4 нафар, бекорони расмӣ 0,5 нафар, қувваи кории кам истифодашуда 32,3 нафарро ташкил дод, ки аз он 7 нафари онҳо хонадагон мебошанд. Дигар нишондиҳандае, ки сатҳи муҳити молиявии соҳибкориро баҳо медиҳад, рушди истифодаи дастовардҳои илмӣ - техникӣ дар истеҳсолот ба ҳисоб меравад. Тибқи индикаторҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 хароҷотҳои умумӣ ба соҳаи илм дар соли 2015 ба 0,15 фоизи ММД баробар буд. Дар назар дошта шуда буд, ки он дар соли 2020 на кам аз 0,8 фоиз, дар соли 2025 на кам аз 1,2 фоиз ва дар соли 2030 на кам 1,5 фоизро ташкил диҳад.[68]

Тибқи маълумотҳо ин нишондиҳанда дар соли 2022 ба 0,25 фоиз расонида шудааст, ки нисбат ба нишондиҳадаи СМР 0,55% кам аст.

[68] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.-С. 100

Унсури асосии потенсиали илмию техникӣ ва тараққиёти илмию техникӣ, системаи ташкилотҳои илмӣ-тадкикотӣ ва таълимӣ, дар истеҳсолот ва иктисодиёт чорӣ намудани навигариҳо мебошад.

Сохтори фаъолияти тадқиқотӣ ва таълимӣ се риштаи асосиро дар бар мегирад:

1) ташкилотҳои тадқиқоти илмӣ, ки дар системам Академияи миллии илмҳо ҷамъ шудаанд, дар соли 2010 ба 65 адад баробар буд. Ҳоло бошад он 84 ададро ташкил медиҳад.

2) ташкилотҳое, ки дастовардҳои илмиро дар истеҳсолот ҷорӣ менамуданд (бюроҳои конструкторӣ, ташкилотҳои лоиҳакашӣ, институтҳои илмии соҳавӣ, заводҳои таҷрибавй ва корхонахои саноатие, ки бо фаъолияти илмӣ машгуланд) қариб аз байн рафтанд.

3) муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба 44 адад расида бошанд хам, вале натиҷаи тадкикоти сершумори ин соҳа нишон медиҳанд, ки тахассуси неруи кадрии ташкилотҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ хеле паст шудааст, зеро дар рафти ислоҳоти иқтисодиёти кишвар қисми зиёди мутахассисони соҳибихтисос аз онҳо ба соҳаҳои дигари аз ҷиҳати иқтисодӣ муфид кучиданд.[69]

Дар хусуси афзоиши шумораи донишҷӯёни мактабҳои олӣ бошад, нишондиҳандаҳо назарфиребанд, зеро бисёре аз донишҷӯён ба муассисаҳои таълимӣ ба тариқи пулакӣ бе озмун дохил шуда, боиси хеле паст шудани сифати таҳсилоти олӣ гардид. Ба замми ин, интихоби ихтисос дар байни довталабон, афзалиятҳоро илмҳои гуманитарӣ ва иҷтимоӣ (иқтисод, ҳуқуқ, психология ва ғ.) дар муқоиса бо илмҳои техникӣ касб намуданд, ҳарчанд барои рушди илмию техникӣ бояд ба илмҳои техникӣ афзалият дода шавад.[70]

Натиҷаҳои асосии ислоҳоти иқтисодиёти соҳаи илму техника ба он овард, ки шумораи коркунони илмӣ аз 8,6 ҳаз. нафар дар соли 1991, ба 5,6

[69] Ашуров И.С. Экономическая безопасность. Душанбе,Эр-граф, 2012. –С.46
[70] Ашуров И.С. Экономическая безопасность. Душанбе,Эр-граф, 2012. -47.

ҳаз. дар соли 2021 расид. Хароҷот ба илм ва хизматрасонии илмӣ нисбат ба ММД дар солҳои 1992-1999. камтар аз 1% ва баъд аз соли 2015 то 0,15% зиёд набуд, гарчанде ки аз рӯи таҷрибаи кишварҳои пешрафта барои рушди муътадили соҳаи илмию техникӣ ва таъмини пешрафти илмию техникӣ арзиши ин нишондиҳанда набояд аз 2 фоиз кам бошад.

Дараҷаи фарсудашавии фондҳои асосӣ дар иқтисодиёт аз рӯи арзиши баланси боқимонда дар соли 2021 ба 74,1 фоиз баробар буд. Дар баробари ин коэффитсиенти азнавсозии фондхои асосӣ (ба истифода додани фондҳои асосӣ) 35,1 фоизро ташкил медиҳад. Аз рӯи аксарияти намудҳои фаъолияти иқтисодие, ки бо истеҳсоли маҳсулоти саноат алоқаманданд, дараҷаи фарсудашавии фондҳои асосӣ дар сохтмон 20,8 фоиз, дар хоҷагии қишлоқ 16,0 фоиз, дар хоҷагии ҷангал 30,0 фоиз, дар нақлиёт 90,3 фоиз, дар алоқа 194,9 фоиз, дар савдо ва хӯроки умумӣ 43,4 фоиз, нигаҳдории тандурустӣ, варзиш ва таъминоти иҷтимоӣ 16,0 фоиз, маориф 19,8 фоиз, илм ва хизмати илмӣ 313,3 фоиз, маданият ва санъат 44,2 фоизро ташкил медиҳад.[71]

Сарфи назар аз тамоми талошҳои ҳукумат барои рушди бахшҳои баландтехнологии иқтисод ва саноати инноватсионӣ, вобастагии иқтисодиёти кишвар аз соҳаҳои аввалия, пеш аз ҳама, бахши нафту газ сол то сол меафзояд. Ин вазъият, дар навбати худ, тамоми иқтисодиёти кишварро аз муҳити нархҳои ҷаҳонӣ дар бозорҳои молӣ хеле вобаста намуда, онро хеле хавфнок месозад.

Сабабҳои нокомӣ дар рушди соҳаҳои баландтехнологӣ инҳоянд:

- қафомонии қавии аксари соҳаҳои саноат дар истифодаи техника ва технологияи муосир;
- барҳамхӯрии муносибатҳои истеҳсолӣ;
- дастгирии сусти давлатии корхонаҳои истеҳсолӣ;
- амалан вуҷуд надоштан ё нархи баланди сармоягузориҳои дарозмуддат ба иқтисодиёт;
- аз тарафи сохторҳои ҷиноятӣ дар натиҷаи хусусигардонӣ ба даст овардани бисьёр корхонаҳо;

---

[71] Ашуров И.С. Экономическая безопасность. Душанбе,Эр-граф, 2012. –С.47

- набудани таҷриба дар аксари корхонаҳо дар шароити рақобати шадид.[72]

Дигар нишондиҳандае, ки ба муҳити молиявии соҳибкорӣ баҳо медиҳад, вазъи иҷтимоии аҳолӣ ба ҳисоб меравад, зеро равнақи соҳибкорӣ ба қобилияти харидории аҳолӣ алоқаманд аст. Вазъи иҷтимоии аҳолиро аз рӯи сатҳи даромади хонавода, сатҳи музди меҳнат, нафақа, сатҳи шуғли аҳолӣ, сатҳи бекорӣ ва диг. баҳо медиҳанд. Нишондиҳандаҳои асосии вазъи иҷтимоии аҳолӣ дар ҷадвали 2.2.15 оварда шудаанд.

Аз рақамҳои ҷадвали 2.2.15 бармеояд, ки новобаста аз таъсири ҷараёнҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва коҳиш ёфтани воридоти асъор аз муҳоҷирати меҳнатӣ нишондиҳандаҳои иҷтимоии рушди иқтисодиёти Тоҷикистон тамоюли афзоиш доранд. Дар давоми шаш соли охир шумораи миёнаи солонаи машғулин дар иқтисодиёт 138,0, ҳаз. нафар, шумораи бекороне, ки расмӣ дар мақомоти хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд, 5,0 ҳаз. нафар афзуда, сатҳи бекорӣ 0,1 фоиз коҳиш ёфтааст. Даромади пулии аҳолӣ 57,9 млрд сомонӣ ва хароҷоти он 72,2 млрд сомонӣ афзудааст.

Ҳисоби миёнаи музди меҳнати ҳармоҳаи як корманд 53,8% афзуда, андозаи миёнаи ҳадди ақали нафақа ба ҳисоби миёна дар як моҳ 600 сомониро ташкил дод. Афзоиши даромадҳои аҳолӣ низ чун унсури рушди соҳибкорӣ дониста мешавад, зеро қобилияти харидории аҳолиро баланд менамояд. Масоҳати умумии манзил ба як нафар 10,2 $м^2$-ро ташкил дод. Шумораи беморхонаҳо 51, муассисаҳои рӯзонаи таҳсилоти умумӣ 97, шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 7, шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 17 адад афзуд, ки дар тайёр намудани соҳибкорон саҳмгузор мебошанд.

[72] Ашуров И.С. Экономическая безопасность. Душанбе,Эр-граф, 2012. – С.49

## Ҷадвали 2.2.15. Нишондиҳандаҳои асосии ваъи иҷтимоии аҳолӣ

| Нишондиҳандаҳо | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* | *2021* | *2022* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи миёнаи солонаи машғулин дар иқтисодиёт, ҳазор нафар | 2407 | 2426 | 2463 | 2506 | 2534 | 2545 |
| Шумораи бекороне, ки расмӣ дар мақомоти хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд, дар охири сол, ҳаз. нафар | 50 | 52 | 51 | 51 | 53 | 55 |
| Сатҳи бекорӣ, % | 2,2 | 2,1 | 2,0 | 2,1 | 2,1 | 2,1 |
| Даромади пулии аҳолӣ, млн. сомонӣ | 37247,5 | 41083,9 | 47986,3 | 65347,0 | 80508,8 | 95124,6 |
| Хароҷоти пулӣ ва пасандози аҳолӣ, млн. сомонӣ[8] | 38430,6 | 42346,4 | 48857,2 | 72555,7 | 91885,0 | 110606,2 |
| Ҳисоби миёнаи музди меҳнати ҳармоҳаи як корманд, сомонӣ | 1144,19 | 1233,82 | 1335,52 | 1393,78 | 1540,84 | 1760,29 |
| Андозаи миёнаи нафақаи як моҳа | | | | | | |
| бо сомонӣ | 270,67 | 309,94 | 303,21 | 320,90 | 321,35 | 323,72 |
| бо доллари ИМА | 31,67 | 33,87 | 31,82 | 31,1 | 28,4 | 29,7 |
| Андозаи миёнаи нафақа гирандагони ҳадди ақали нафақа ба ҳисоби миёна дар якмоҳ, сомонӣ | 400,00 | 400,00 | 400,0 | 400,0 | 400,0 | 600,0 |
| Андозаи миёнаи ҳадди ақали музди мехнат ба ҳисоби миёна дар як моҳ, сомонӣ[8] | 158,01 | 184,18 | 184,86 | 183,61 | 207,00 | 207,0 |
| Масоҳати умумии манзил ба як нафар, м$^2$ | 10,9 | 10,8 | 10,9 | 11,1 | 10,9 | 10,2 |
| Шумораи беморхонаҳо, воҳид | 484 | 490 | 494 | 525 | 523 | 535 |
| Шумораи катҳои беморхонаҳо ба 10 000 нафар аҳолӣ | 44,9 | 44,3 | 43,7 | 43,7 | 42,9 | 43,0 |
| Шумораи муассисаҳои рӯзонаи таҳсилоти умумӣ | 3870 | 3869 | 3884 | 3911 | 3940 | 3967 |
| хонандагон дар онҳо, ҳаз. | 1906,3 | 1970,0 | 2033,9 | 2108,9 | 2195,6 | 2232,1 |
| Шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | 39[4] | 39[4] | 40[4] | 41[4] | 41[4] | 46 |
| донишҷӯёни онҳо, ҳаз нафар | 195,7 | 209,8 | 229,6 | 245,9 | 239,5 | 218,1 |
| ба 10 000 аҳолӣ | 221 | 232 | 249 | 261 | 244 | 218 |
| Шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ | 67[4] | 70[4] | 74[4] | 78[4] | 79[4] | 84 |
| донишҷӯёни онҳо, ҳаз. нафар | 82,4 | 86,5 | 90,4 | 97,7 | 95,5 | 87,2 |
| ба 10 000 аҳолӣ | 92,0 | 96,0 | 98,0 | 104,0 | 97 | 87 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2023 –С.18

Дигар омили берунаи рушди муҳити молиявии соҳибкорӣ омилҳои экологӣ дониста мешаванд. Новобаста аз он, ки ҳамасола хароҷоти ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиат тамоюли афзоиш дорад, вале миқдори ҳолатҳои фавқуллода низ тамоюли афзоиш доранд. (ҷадвали 2.2.16).

**Ҷадвали 2.2.16. Вазъияти фавқуллода ва маблағгузории ҳифзи муҳити зист дар Тоҷикистон барои солҳои 2017-2022**

| Нишондиҳандаҳо | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* | *2021* | *2022* | *2022/2017,%* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ вазъиятҳои фавкулода | 537 | 2747 | 2601 | 2701 | 2923 | 3299 | 614,3 |
| Аз ҷумла: | | | | | | | |
| хусусияти табиидошта | 18 | 23 | 46 | 25 | 359 | 697 | 3872,2 |
| хусусияти техногенидошта | 519 | 2724 | 2555 | 2799 | 2564 | 2602 | 501,3 |
| маблағгузорӣ , *ҳаз. сомонӣ* | 12598,3 | 15266 | 120483 | 184866 | 70666 | 152496,2 | 1210,5 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2023. –С.209

Чуноне, ки аз рақамҳои ҷадвал бармеояд, дар давраи солҳо 2017-2022 дар Тоҷикистон вазъи фавқуллода 6,1 маротиба афзудааст. Аз ҷумла, хусусияти табиидошта 38,7 маротиба ва хусусияти техногенидошта 5,0 маротиба афзудааст. Маблағгузории барои экология ба 707666 ҳаз. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2017 – 12,1 маротиба зиёд аст.

Дар соли 2022 партови моддаҳои зарарнок ба атмосфера (аз рӯи ҳиссаҳо) (ингредиентҳо) 66,5 ҳаз. тоннаро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2017 –ум 19,8 ҳаз. тонна, ё 42,4 фоиз зиёд аст. Дар соли 2022 миқдори моддаҳои зараровар, ки ба воситаи дастгоҳҳо ва иншоотҳои газу чангкашак кашида гирифта (безарар карда) шудаанд, 153,8 ҳаз. тоннаро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017 –ум 11,7% кам аст. Миқдори моддаҳои зараровар, ки ба воситаи дастгоҳҳои софкунандадошта гирифта шудаанд, 76,8 ҳаз. тоннаро ташкил додаанд, ки истифода шудаанд.

Ҳамин тавр, таҳлили ҳолати муосири муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон имконият дод, ки ҷунин хулосабарорӣ намоем.

1.Вазъи сиёсии дохилии Тоҷикистон устувор буда, барои рушди соҳибкорӣ муҳити молиявии созгор бунёд намудааст. Асосҳои меъёрию ҳуқуқии рушди соҳибкорӣ таҳия ва қабул карда шудаанд. Қабули қонун “Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ”, “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” , принсипҳои умумӣ, шаклҳо ва самтҳои сиёсатро дар сатҳи давлатӣ

муайян мекунад ва аз ҷиҳати функсионалӣ тамоми системаи тадбирҳои дастгирии давлатии рушди соҳибкориро тасниф мекунад.

2.Гарчанде, ки Тоҷикистон дар рӯйхати даҳ кишвари дорои пешрафт дар ислоҳоти дастгирии соҳибкорӣ қарор дорад, аз рӯи рейтинги “Пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ 2018” ҷумҳурӣ ҷойи 123-ро ишғол мекунад, ки аз паст будани рушди ниҳодҳо ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад.

3.Дар Тоҷикистон вазъи муҳити молиявии рушди соҳибкориро бахши иқтисодиёт баҳо дода метавонад. Бахши молиявӣ ҳоло ҳамчун асоси маблағгузории иқтисодиёти миллӣ пурра ташаккул наёфтааст. Таносуби дороиҳои бозори молия нисбат ба ММД, ки сатҳи рушди бозори молияи Тоҷикистонро баҳо медиҳад нисбат ба нишондиҳандаҳои миёнаи ҷаҳон 15,4 маротиба паст мебошад. Зариби сатҳи монетизатсия (аз рӯи нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул нисбат ба ММД) дар 2022 34,5 фоизро ташкил додааст. Сатҳи таварруми солона 4,2 фоизро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли гузашта 3,8 банди фоизи  камтар аст. Қурби расмии номиналии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА дар соли 2022 нисбат ба соли 2016 ба андозаи 29,4 фоиз коҳиш ёфт.

**4.**Дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ дар интиҳои соли 2022 – 30,0 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2016 – 41,5 афзудааст.

Ӯҳдадориҳои ташкилотҳои қарзӣ дар соли 2022 – 23,7 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2016-ум 51,0 фоиз зиёд аст.

Ҳаҷми қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ, алалхусус ба бахши хусусӣ, афзоиши назаррасро нишон дода, ҷалби пасандозҳои шахсони воқеӣ бошад, сарфи назар аз кам шудани теъдоди ТҚ устувор боқӣ монд. Дар сандуқи қарзӣ ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол 1,6 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта -36,9 фоиз кам шуданд.

Дар баробари ин, ҳамчун омили мусбӣ ҳиссаи онҳо дар сандуқи қарзӣ кам гардида 13,4 фоизро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар соли 2016 ба 46,0% баробар буд.

Ҳаҷми пасандозҳо ба 15,5 миллиард сомонӣ ва ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда ба 39,9 миллиард сомонӣ расонида шуд, ки зиёда аз 36 фоиз ба соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки коҳишёбии ҳаҷми пасандозҳо асосан дар натиҷаи кам шудани амонатҳои дархостшавандаи бахши корпоративӣ (шахсони ҳуқуқӣ) ва амонатҳои бахши давлатӣ ба вуқуъ омадааст.

Коҳиш ёфтани ҳаҷми амонатҳои шахсони воқеӣ бо асъори хориҷӣ, ки дар соли сипаришуда дар натиҷаи бозхонди иҷозатномаҳои бонкҳои мушкилотдор мушоҳида гардид.

5.Дигар омиле, ки ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таъсир мерасонад ҳалли масъалаҳои демографӣ ба ҳисоб меравад, зеро Тоҷикистон таносуби суръати афзоиши нуфузи аҳолӣ нисбат ба бунёди ҷойҳои корӣ баланд аст. Ба ҳар 100 нафар. афзоиши аҳолӣ, афзоиши шумораи захираҳои меҳнатӣ 59 нафар, қувваи корӣ 37,4 нафар, дар истеҳсолот 26,4 нафар, бекорони расмӣ 0,5 нафар, қувваи кории кам истифодашуда 32,3 нафарро ташкил дод, ки 7 нафари онҳо хонадагон мебошанд.

6.Маблағгузории соҳаи илм дар соли 2021 ба 0,15 фоизи ММД баробар буд. Шумораи коркунони илмӣ аз 8,6 ҳаз. нафар дар соли 1991 ба 5,6 ҳаз. дар соли 2021 расид. Хароҷот ба илм ва хизматрасонии илмӣ нисбат ба ММД дар солҳои 1992-1999 камтар аз 1% ва баъд аз соли 2015 0,15% зиёд набуд, гарчанде ки аз рӯи таҷрибаи кишварҳои пешрафта барои рушди муътадили соҳаи илмию техникӣ ва таъмини пешрафти илмию техникӣ арзиши ин нишондиҳанда набояд аз 2 фоиз кам бошад.

Дараҷаи фарсудашавии фондҳои асосӣ дар иқтисодиёт аз рӯи арзиши балансии боқимонда дар соли 2021 ба 74,1 фоиз баробар буд. Дар баробари ин коэффициенти азнавсозии фондхои асосӣ (ба истифода додани фондҳои асосӣ) 35,1 фоизро ташкил медиҳад.

7.Вазъи иҷтимоии аҳолӣ ба равнақи соҳибкорӣ ба қобилияти харидории аҳолӣ алоқаманд аст. Вазъи иҷтимоии аҳолиро сатҳи даромади

хонавода, сатҳи музди меҳнат, нафақа, сатҳи шуғли аҳолӣ, сатҳи бекорӣ ва диг. баҳо медиҳанд.

Дар давоми шаш соли охир шумораи миёнаи солонаи машғулин дар иқтисодиёт 138,0, ҳаз. нафар, шумораи бекороне, ки расмӣ дар мақомоти хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд, 5,0 ҳаз. нафар афзуда, сатҳи бекорӣ 0,1фоиз коҳиш ёфтааст. Даромади пулии аҳолӣ  57,9 млрд сомонӣ ва хароҷоти он 72,2 млрд сомонӣ афзудааст.

8.Дигар омили берунаи рушди муҳити молиявии соҳибкорӣ омилҳои экологӣ дониста мешаванд. Новобаста аз он, ки ҳамасола хароҷоти ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиат тамоюли афзоиш дорад, вале миқдори ҳолатҳои фавқуллода тамоюли афзоиш доранд.

### 2.3. Баҳои ҳолати муосири микромуҳити молиявии соҳибкорӣ

Микромуҳит аз мавқеъи молия ва идоракунии корхонаҳо унсурҳои асосии зеринро дар бар мегирад: истеҳсолот, молия, маркетинг, идоракунии кадрҳо, сохтори ташкилӣ. Ҳар яке аз ин омилҳо маҷмуи равандҳо ва унсурҳои асосии соҳибкориро дарбар мегирад, ки ҳолати онҳо дар якҷоягӣ иқтидор ва имкониятҳои соҳибкорро муайян мекунад.

Мо ҳолати муосири микромуҳити молиявии соҳибкориро дар мисоли ҶДММ “Латиф Муродов”, кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан”-и шаҳри Ҳисор ва хоҷагии деҳқонии “Файзулло Саидов”-и ноҳияи Қубодиён, КТ “Сомончон”-и ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон таҳқиқ менамоем. ҶДММ “Латиф Муродов” ва кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан”-и шаҳри Ҳисор дар шимолу ғарбии шаҳри Душанбе ҷойгир шуда, аз пойтахт ҳамагӣ мутаносибан 24 ва 18 км фосила доранд. Иқлими хоҷагиҳо барои рушди соҳибкории кишоварзӣ мутобиқ аст. Зимистонаш на он қадар хунук буда, хеле кӯтоҳ аст. Вале баъзе солҳо сардии ҳаво (солҳои 2008 ва 2023) то 22 дараҷа ҳунук мешавад. Баҳораш сербориш буда, тобистон гармии ҳаво дар солҳои алоҳида ба 38-42 дараҷа мерасад. Тирамоҳаш низ на он қадар тӯл мекашад, зеро санаи 10 октябр ба замин шабнам мефарояд. Шароити табиӣ ва обу ҳаво барои ғаллакорӣ,

пахтакорӣ ва боғу токпарварӣ мусоид аст. ҶДММ "Латиф Муродов" дар рӯйхати хоҷагиҳои тухмипарварӣ ва заводи зотпарварӣ шомил буда, навъҳои ғаллаи Краснодар-99, Батко, Ласточка, Афина, Сарвар , Делта, Басирбай, Есаул, Ҷайҳун, Таня дар ҳамин хоҷагӣ аз санҷиши лабораторӣ гузашта ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ фиристода мешаванд. Хоҷагӣ тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (№ 245 аз 2.05.2007) ба шабакаи заводҳои зотпарварӣ шомил карда шудааст ва дорои комплекси калони чорводорӣ мебошад. Маҳсулнокии чорво нисбат ба дигар хоҷагиҳои ҷумҳурӣ баланд буда, дар соли 2022 он ба 5918 кг расид. Ҳамасола ба хоҷагиҳои дигар чорвои хушзоти сиёҳалои тоҷикиро мефурӯшад.

Ба хоҷагӣ 2539 га заминҳои таъйиноти кишоварзӣ вобаста карда шудааст, ки аз он 1349 га заминҳои киштшаванда мебошад. Дар ҳоҷагӣ дар майдони 45 га ниҳолҳои бисёрсола мавҷуд аст. Ҳоҷагӣ дорои 810 сар чорвои калони шохдор, аз он 355 сар модагов, 717 сар чорвои майда, 136 сар асп ва 40 оилаи занбӯри асал мебошад.

Кооперативи тиҷоратии "Баракати Ватан" низ ба соҳаи пахтакорӣ, ғаллакорӣ, мева ва чорводорӣ машғул аст. Ин ду хоҷагӣ дар шароити якхела қарор доранд.

Ҳоҷагии деҳқонии "Файзулло Саидов"-и ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон дар қисми ҷанубу ғарбии ҷумҳурӣ ҷойгир буда, иқлими хушк дорад. Ҳарорат дар тобистон то +48 дараҷа гарм ва дар зимистон то 20 дараҷа хунук мешвад. Хоҷагии деҳқонӣ дорои 767 га замин буда, асосан пахта, ғалла ва хӯроки чорво истеҳсол менамояд.

Сабаби асосии интихоби ин хоҷагиҳо дар он асос меёбад, ки онҳо ҳаҷман гуногунанд ва муҳити молиявии онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Яке аз нишондиҳандаҳои асосии баҳои ҳолати муосири микромуҳити молиявии соҳибкорӣ вазъи истеҳсолот ба ҳисоб меравад. Соҳибкор бояд барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ, ҳам аз нигоҳи давомнокии фаъолият ва ҳам хусусиятҳои амалии онҳо равияи истеҳсолии мувофиқ дошта бошад, то хароҷоти истеҳсолот то ҳадди ақал нигоҳ дошта

шавад. Ба омили истеҳсолӣ, ба ғайр аз омилҳои табиӣ, инчунин истеҳсоли маҳсулот, таъминот, нигоҳдорӣ дар анборҳо, нигоҳдории парки технологии таҷҳизот, татбиқи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, кори самаранок бо фармоишгарон дохил мешаванд.

Самтҳои асосии фаъолияти ҶДММ “Латиф Муродов” ва кооперативи истеҳсолии “Баракати Ватан” истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварӣ: ғалла, пахта, сабзавот, мева, гӯшт, шир, пилла ба ҳисоб меравад. Самти фаъолияти ХДФ “Файзулло Саидов” ғаллакорӣ, пахтакорӣ ва хӯроки чорво ба ҳисоб меравад.

Нишондиҳандаҳои асосии истеҳсолии хоҷагиҳои интихобшуда дар соли 2021 дар ҷадвали 2.3.1. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.3.1. Нишондиҳандаҳои асосии истеҳсолии ҶДММ “Латиф Муродов”, кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан”-и шаҳри Ҳисор ва хоҷагии деҳқонии “Файзулло Саидов”- ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон дар соли 2022,тонна**

| **Нишондиҳандаҳо** | ҶДММ “Латиф Муродов” | КТ “Баракати Ватан” | ХДФ “Файзулло Саидов”- |
|---|---|---|---|
| Майдони замини корам, ҳамагӣ | 1349,0 | 301,0 | 4,0 |
| Ғалла | 1050,3 | 451,5 | 3 |
| Пахта | 794,8 | 126,6 | 6 |
| Картошка | 713,0 | 211,0 | X |
| Сабзавот | 1858,5 | 250,8 | 50 |
| Мева | 120,8 | X | X |
| Ангур | 52,0 | X | X |
| Гӯшт | 96,0 | X | X |
| Шир | 1614,9 | 115,8 | X |
| Пилла | 1,0 | 1,5 | X |

**Сарчашма:** Ҳисоботҳои солонаи ҶДММ “Латиф Муродов”, кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан”-и шаҳри Ҳисор ва хоҷагии деҳқонии “Файзулло Саидов”- ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон

Нишондиҳандаҳои ҷадвал аз он шаҳодат медиҳад, ки хоҷагиҳои мавриди таҳқиқот қароргирифта дорои қитъаи гуногуни замин ҳастанд. Агар ба ҶДММ “Латиф Муродов” 1349 га заминҳои корам вобаста шуда бошад, пас ба кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан” 301 га ва хоҷагии деҳқонии “Файзулло Саидов” 4 га замини корам вобаста карда шудааст.

Дигар нишондиҳандаи асосии баҳои ҳолати муосири микромуҳити соҳибкорӣ вазъи молиявии соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад**.** Дар соҳаи фаъолияти молиявии хоҷагиҳои таҳқиқшуда, бояд ду нуқтаро дар назар

дошт: имкониятҳои молиявӣ ва дараҷаи хавфи фаъолият. Якум, ба вазъи молиявии соҳибкорӣ нишондиҳандаҳои фурӯши молҳои истеҳсолшаванда, яъне зариби молнокӣ, нархи бозор, арзиши аслии маҳсулот, бори андоз вобаста мебошад. Хавф бо машғул шудан ба фаъолиятҳое алоқаманд аст, ки метавонад ба харобии хоҷагӣ оварда расонад. Яке аз хавфҳое, ки ба фаъолияти молиявии хоҷагиҳои мазкур таъсир мерасонад, доимо паст шудани нархи хариди пахта, бемайлон афзун шудани нархи сӯзишворӣ ва нуриҳои минералӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлили ҳолати молиявии хоҷагиҳо дар ҷадвали 2.3.2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.3.2. Нишондиҳандаҳои самаранокии истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ дар ҶДММ “Латиф Муродов”, кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан”-и шаҳри Ҳисор ва хоҷагии деҳқонии “Файзулло Саидов”-и ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон дар соли 2022.**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Истеҳсол, т** | **Фурӯш, т** | **% молнокӣ** | **Харочот ба 1 сен/сомонӣ** | **Нархи фурӯш, сен./сомонӣ** | **Фоида(+), зарар (-)** | **Дараҷаи даромаднокӣ, %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **ҶДММ “Латиф Муродов”** | | | | | | | |
| Ғалла | 1050,3 | 645,9 | 61,5 | 167,2 | 365,7 | 198,5 | 118,7 |
| Пахта | 794,8 | 794,8 | 100,0 | 617,3 | 898,2 | 280,9 | 45,5 |
| Картошка | 713,0 | 472,2 | 66,2 | 333,0 | 340,4 | 7,4 | 22,4 |
| Сабзавот | 1858,5 | 1092,3 | 58,8 | 110,4 | 138,6 | 28,2 | 271,2 |
| Мева | 120,8 | 59,2 | 49,0 | 316,4 | 348,4 | 32,0 | 195,1 |
| Ангур | 52,0 | 23,2 | 44,6 | 249,6 | 322,0 | 72,4 | 2,0 |
| Гӯшт | 96,0 | 92,0 | 95,8 | 4952,3 | 4387,7 | -564,6 | -11,4 |
| Шир | 1614,9 | 1404,7 | 87,0 | 351.4 | 314,8 | -36,6 | -11,6 |
| Пилла | 1,0 | 1,0 | 100,0 | 2110,7 | 960,4 | -1150,3 | -119,8 |
| **Кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан”** | | | | | | | |
| Ғалла | 451,5 | 273,4 | 60,5 | 102,8 | 143,7 | 40,9 | 39,8 |
| Пахта | 126,6 | 126,6 | 100,0 | 567,5 | 673,1 | 105,6 | 18,6 |
| Картошка | 211,0 | 105,5 | 50,0 | 35,9 | 44,5 | 8,6 | 24,0 |
| Сабзавот | 250,8 | 125,7 | 50,1 | 40,1 | 34,2 | -5,9 | - |
| Шир | 115,8 | 89,1 | 76,9 | 367,9 | 478,1 | 110,2 | 30,0 |
| Пилла | 1,5 | 1,5 | 100,0 | 2918,0 | 1223,5 | -1694,5 | - |
| **Хоҷагии деҳқонии “Файзулло Саидов”** | | | | | | | |
| Ғалла | 3,0 | 1,0 | 33,3 | 180,0 | 300,0 | 120,0 | 66,7 |
| Пахта | 6,0 | 6,0 | 100,0 | 900,0 | 600,0 | -300,0 | - |
| Сабзавот | 50,0 | 45,0 | 90,0 | 120,0 | 220,0 | 100,0 | 83,3 |

**Сарчашма:** Хисоботҳои солонаи ҶДММ “Латиф Муродов”, кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан”-и шаҳри Ҳисор ва хоҷагии деҳқонии “Файзулло Саидов”-и ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон дар соли 2021.

Аз рақамҳои ҷадвали 2.3.2. бармеояд, ки дар ҶДММ “Латиф Муродов”, кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан”-и шаҳри Ҳисор

дараҷаи молнокии маҳсулотҳои асосии истеҳсолшаванда ба ғайр аз пахта ва пилла паст ба ҳисоб меравад. Зеро, дар ҶДММ "Латиф Муродов", сатҳи фоизи фурӯши ғалла ба 61,5%, картошка-60,5%, сабзавот-58,8%, мева-49,0%, ангур-44,6%. Нишондиҳандаи фурӯши гӯшт ва шир мутаносибан ба 95,8 ва 87,0% баробар аст.

Дар кооперативи тиҷоратии "Баракати Ватан" сатҳи фоизи фурӯши ғалла ба 61,5%, картошка-50,0%, сабзавот-50,1% ва шир 76,9% баробар аст.

Сатҳи пасти фоизи фурӯши маҳсулотҳои истеҳсолшуда гувоҳи он аст,ки қисми асосии он дар бозор рақобатпазир набуда, бештар дар сатҳи хонаводаҳо истеъмол мешавад, зеро хоҷагиҳо истеҳсоли картошка, сабзавот, мева ва ангурро бо роҳи иҷораи дохилихоҷагӣ истеҳсол менамоянд.

Дар хоҷагии деҳқонии "Файзулло Саидов" сатҳи фоизи фурӯши ғалла ба 33,3%, сабзавот-90,0% ва пахта ба 100% баробар аст.

Дар шароити муосир баҳои ҳолати микромуҳити соҳибкориро натиҷаҳои молиявии соҳибкор нишон медиҳад.

Таҳлили натиҷаҳои молиявии хоҷагиҳоро дар асоси таҳлили уфуқӣ ва амудӣ муайян намудан мумкин аст.

**Ҷадвали 2.3.3. Дараҷаи даромаднокии фаъолияти ҶДММ "Латиф Муродов", кооперативи тиҷоратии "Баракати Ватан" ва хоҷагии деҳқонии "Файзулло Саидов"дар соли 2022,ҳаз. сомонӣ**

| **Нишондиҳандаҳо** | ҶДММ "Латиф Муродов" | КТ "Баракати Ватан" | ХДФ "Файзулло Саидов" |
|---|---|---|---|
| Даромад аз фурӯши маҳсулотҳо, ҳаз. сомонӣ | 20169,1 | 1925,4 | 138,0 |
| Хароҷот барои истеҳсоли маҳсулотҳо, ҳаз. сомонӣ | 19464,5 | 1902,3 | 55,8 |
| Фоида аз фурӯши маҳсулотҳо, ҳаз. сомонӣ | 704,6 | 23,1 | 82,2 |
| Дараҷаи даромаднокӣ, % | 3,6 | 1,2 | 147,3 |

**Сарчашма:** Ҳисоботҳои солонаи ҶДММ "Латиф Муродов", КТ "Баракати Ватан", ХДФ "Файзулло Саидов".

Маълумот барои арзёбии динамикаи нишондиҳандаҳои даромад, хароҷотҳо ва фоида (ҷадвали 2.3.3) нишон дод, ки дар маҷмӯъ ҶДММ “Латиф Муродов”, кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан” ва хоҷагии деҳқонии “Файзулло Саидов” самаранок фаъолият менамоянд.

Дар соли 2021 даромад аз фурӯши махсулот дар ҶДММ “Латиф Муродов” 20169,1 сомониро ташкил дода, хароҷот бошад ба 19464,5 ҳаз. сомонӣ баробар буд. Хоҷагӣ солро бо 704,6 ҳаз. сомонӣ фоида ҷамъбаст намуд. Фоидаи кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан” 23,1 ҳаз сомониро ташкил дод. Дараҷаи даромаднокии ду хоҷагӣ мутаносибан ба 3,6 ва 1,2 фоиз баробар буд, ки ин нишондиҳандаи паст ба ҳисоб меравад. ХДФ “Файзулло Саидов” бошад аз ҳисоби фоидаи баланди истеҳсоли пиёз ва ғалла 82,2 ҳазор сомонӣ фоида гирифт ва дараҷаи даромаднокии он ба 147,3 фоиз барбар шуд.

Вазъи молиявии ҶДММ “Латиф Муродов” ва КТ “Баракати Ватан” хуб нест, зеро дар охири соли 2021 қарзҳои қарзҳои кредиторӣ мутаносибан 8501,1 ва 2026,7 ҳаз. сомониро ташкил додааст. Қарзҳои дебиторӣ низ мутаносибан 3945,4 ва 175,4 ҳаз. сомониро ташкил додааст, ки аз паст будани қобилияти пардохпазирии харидорон гувоҳӣ медиҳад. Аз қарзҳои дебиторИи КТ “Баракати Ватан” 63,9 ҳаз. сомониаш муҳлаташ аз 36 моҳ гузаштааст, ки қарзҳои бебозгашт דониста мешавад (ҷадвали 2.3.4).

ХДФ “Файзулло Саидов” бошад аз захираҳои қарзӣ беҳтар истифода бурдааст.

**Ҷадвали 2.3.4. Бақияи воситаҳои қарзӣ дар ҶДММ “Латиф Муродов”, кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан” ва хоҷагии деҳқонии “Файзулло Саидов”дар соли 2022,ҳаз. сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳо | ҶДММ “Латиф Муродов” | КТ “Баракати Ватан” | ХДФ “Файзулло Саидов” |
|---|---|---|---|
| Карзҳои дебиторӣ, ҳаз. сомонӣ | 3945,3 | 175,4 | X |
| Аз ҷумла муҳлаташ гузашта | X | 63,9 | X |
| Аз он аз 36 моҳ зиёд | X | 63,9 | X |
| Карзҳои кредиторӣ, ҳаз. сомонӣ | 8501,1 | 2026,7 | X |

Сарчашма: Ҳисоботҳои солонаи хоҷагиҳо дар соли 2021.

Нишондиҳандаи дигари микромуҳити молиявии соҳибкорӣ ҳисоббаробаркунӣ бо буҷет ба ҳисоб меравад. Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.3.5. бармояд, ки хоҷагиҳо дар муҳлатҳои муайяншуда бо буҷет ҳисобӣ менамоянд.

**Ҷадвали 2.3.5. Ҳисоббаробаркунӣ бо буҷет дар ҶДММ "Латиф Муродов", кооперативи тиҷоратии "Баракати Ватан" ва хоҷагии деҳқонии "Файзулло Саидов"дар соли 2022, сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳо | Бақия дар аввали сол | Ҳисоб карда шудааст | Пардохт | Бақия дар охири сол |
|---|---|---|---|---|
| ҶДММ "Латиф Муродов" | | | | |
| Андоз аз даромад | 113,0 | 69521,0 | 62889,0 | -6745,0 |
| Андоз аз нақлиёт | 1197,0 | 3271,0 | 4526,0 | +58,0 |
| Андози ягона | 87590 | - | 102778 | +15188,0 |
| Андоз аз даромадии (подох.) | 54772 | 458686 | 431244 | +82214 |
| Барои хизматрасонии об | X | 132092 | 601447 | +469355 |
| Фонди ҳифзи иҷтимоӣ,25% | X | 973319 | 973319 | x |
| Фонди суғуртаи иҷтимоӣ, 1% | X | 38506 | 38506 | x |
| КТ "Баракати Ватан" | | | | |
| Андоз аз моликият | 288 | 24353 | 24998 | 357 |
| Андози ягона | 237 | | | 237 |
| Андоз аз даромадии (подох.) | -17732 | 86469 | 42203 | -26534 |
| Барои хизматрасонии об | 72578 | 20664 | 26575 | - 66667 |
| Фонди ҳифзи иҷтимоӣ,25% | X | 152732 | 136908 | -15824 |
| Фонди суғуртаи иҷтимоӣ, 1% | X | 5919 | 7500 | -1581 |
| ХДФ "Файзулло Саидов" | | | | |
| Андоз аз даромад | - | - | - | - |
| Андоз аз нақлиёт | - | - | - | - |
| Андози ягона | - | - | - | - |
| Андоз аз даромадии (подох.) | - | 2400 | 2400 | - |
| Барои хизматрасонии об | - | 480 | 480 | - |
| Фонди ҳифзи иҷтимоӣ,25% | - | 1200 | 1200 | - |
| Фонди суғуртаи иҷтимоӣ, 1% | - | 12 | 12 | - |

**Сарчашма:** Хисоботҳои солонаи ҶДММ "Латиф Муродов", кооперативи тиҷоратии "Баракати Ватан" ва хоҷагии деҳқонии "Файзулло Саидов".

ҶДММ "Латиф Муродов"дар охири сол аз ҳисоби андоз аз даромад ба маблағи 6745 сомонӣ қарздор буда, аз ҳисоби андоз аз нақлиёт- 58 сомонӣ, андози ягона -15188 сомонӣ, аз ҳисоби андоз аз даромади музди меҳнат-82214 сомонӣ ҳақдор мебошад.

Кооперативи тиҷоратии "Баракати Ватан" дар охири сол аз ҳисоби андоз аз даромад ба маблағи 357 сомонӣ, андози ягона -237 сомонӣ, аз ҳисоби андоз аз даромади музди меҳнат-26534 сомонӣ, барои хизматрасонии об -66667 сомонӣ, фонди ҳифзи иҷтимоӣ,25% - 15824 сомонӣ қарздор буда, аз фонди суғуртаи иҷтимоӣ, 1% 1581 сомонӣ ҳақдор мебошад.

**Ҷадвали 2.3.6. SWOT-таҳлили баҳои ҳолати истеҳсолот дар ҶДММ “Латиф Муродов” ва кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан”**

| Таъсири мусбӣ | Таъсири манфӣ |
|---|---|
| **Ҷанбаҳои мусбӣ:**<br>-шароитҳои мусоиди табиию иқлимӣ;<br>-мавҷуд будани захираҳои зиёди меҳнатӣ ва иқтидорҳо барои рушди минбаъда;<br>-мавҷуд будани талабот ба истеҳсолӣ маҳсулотҳо;<br>-мавқеи муносиби ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва наздик будан бо истеъмолкунандагон;<br>-мавҷуд будани иқтидорҳои захиравӣ ҷиҳати бунёди кластерҳои истеҳсолӣ;<br>- мавҷудияти захираҳои гидроэнерге-тикӣ;<br>-рушди босуръати алоқаи мобилӣ ва тех-нологияҳои иттилоотӣ;<br>-афзоиши шумораи аҳолии синни қобили меҳнат | **Ҷанбаҳои манфӣ:**<br>-рушд наёфтани заминаи технологӣ;<br>-сатҳи пасти фаъолияти инноватсионӣ;<br>-технологияҳои сермасраф ва ифлоскунанда;<br>-сатҳи баланди хӯрдашавии фондҳои асосӣ;<br>-вобастагӣ аз нархҳои ҷаҳонии пахта;<br>-набудани корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти истеҳсолоти кишоварзӣ;<br>-нокифоя будани шароит барои фазои соҳибкорӣ; |
| **Имкониятҳо:**<br>-афзун намудани истеҳсоли маҳсулотҳо;<br>-баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат;<br>-баланд бардоштани боздеҳии фондҳо;<br>-имконияти истифодаи технологияи инноватсионӣ | **Таҳдидҳо:**<br>- хавфи баланди офатҳои табиӣ ва осебпазирӣ ба оқибатҳои тағйирёбии иқлим;<br>- паст будани суръати тараққиёт;<br>- сатҳи баланди фарсудашавии инфрасохтор;<br>- гузаштан ба меҳнатӣ камсамари дастӣ; |

Бо истифода аз методи SWOT-таҳлил ба ҳолати микромуҳити истеҳсолии хоҷагиҳои мазкур баҳо медиҳем. ҶДММ “Латиф Муродов” ва кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан” дар канори ҳамдигар қарор гирифта, дорои техника, заминҳои корами обӣ, мавқеи ҷуғрофиашон хуб буда, ба бозорҳои фурӯш наздиканд ва захираҳои меҳнатӣ мерасанд. Кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан” нисбат ба ҶДММ “Латиф Муродов” қариб 4,5 маротиба камтар заминҳои корам дошта бошад ҳам, вале натиҷаҳои истеҳсолиашон ба ҳам наздиканд.

**Ҷадвали 2.3.7. SWOT-таҳлили баҳои муҳити молиявии хоҷагии деҳқонии “Файзулло Саидов”-и ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон.**

| Таъсири мусбӣ | Таъсири манфӣ |
|---|---|
| **Ҷанбаҳои мусбӣ:**<br>-шароитҳои мусоиди табиию иқлимӣ;<br>-мавҷуд будани захираҳои зиёди меҳнатӣ;<br>-мавҷуд будани талабот ба истеҳсолӣ маҳсулотҳо;<br>-мавҷудияти захираҳои истеҳсолӣ;<br>-рушди босуръати алоқаи мобилӣ ва технологияҳои иттилоотӣ;<br>-афзоиши шумораи аҳолии синни қобили меҳнат; | **Ҷанбаҳои манфӣ:**<br>-маҳдуд будани заминҳои корам;<br>-истифодаи меҳнати дастӣ;<br>-рушд наёфтани заминаи технологӣ;<br>-сатҳи пасти фаъолияти инноватсионӣ;<br>-технологияҳои сермасраф ва ифлоскунанда;<br>-сатҳи баланди хӯрдашавии фондҳои асосӣ;<br>-вобастагӣ аз нархҳои ҷаҳонии пахта;<br>-набудани корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти истеҳсолоти кишоварзӣ;<br>-нокифоя будани шароит барои фазои соҳибкорӣ;<br>-мавқеи номуносиби ҷойгиршавии ҷуғрофӣ;<br>-дастрас набудани захираҳои қарзӣ;<br>-мавҷуд набудани иқтидорҳои захиравӣ ҷиҳати бунёди кластерҳои истеҳсолӣ;<br>-вобаста будан аз монополистони хариди пахта;<br>-қиммат будани арзиши захираҳои сӯзишворӣ ва нуриҳои минералӣ. |
| **Имкониятҳо:**<br>-афзун намудани истеҳсоли маҳсулотҳо, бо истифодаи навъҳои серҳосили ғалла, пахта ва сабзавот; | **Таҳдидҳо:**<br>- хавфи баланди офатҳои табиӣ ва осебпазирӣ ба оқибатҳои тағйирёбии иқлим;<br>- паст будани суръати тараққиёт;<br>- сатҳи баланди арзиши қарз;<br>- нархи пасти хариди пахта, хавфи аз пахтакорӣ даст кашидан;<br>- гузаштан ба меҳнатӣ камсамари дастӣ; |

Таҳлили гузаронида аз он шаҳодат медиҳад, ки бинобар зиёд будани заминҳои корами вобасташуда дар ҳар ду хоҷагӣ муҳити молиявӣ беҳтар аст, зеро хоҷагиҳо дар наздикии шаҳри Душанбе ва шаҳри Ҳисор ҷой гирифтаанд, инфрасохтори истеҳсолиашон хуб буда, аз меҳнати техника самаранок истифода мебаранд. Шири истеҳсолкардаашонро ба шаҳри Душанбе интиқол медиҳанд ва аз истеҳсоли шир даромади иқтисодӣ мебинанд. Имконияти афзун намудани истеҳсоли маҳсулот, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва имконияти истифодаи технологияи инноватсиониро доро мебошад.

Ҳамин тавр вазъи молиявии ҶДММ “Латиф Муродов”-ро мавриди таҳқиқот қарор дода бо истифода аз методи SWOT-таҳлил ҷанбаҳои мусбӣ, манфӣ, имкониятҳо ва таҳдидҳоро муайян намудан мумкин аст. Агар ҷанбаҳои мусбии вазъи молиявии хоҷагӣ мавҷуд будани захираҳои

истеҳсолӣ ва мутахассисони варзида бошад, пас ҷанбаҳои манфии он сатҳи пасти зариби молнокӣ, даромаднокӣ, ҳосилнокии меҳнат, нарасидани воситаҳои молиявӣ, зиёд будани қарзҳои бонкӣ дониста мешавад (ҷадвали 2.3.8).

**Ҷадвали 2.3.8. SWOT-таҳлили баҳои ҳолати молиявӣ дар соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Таъсири мусбӣ | Таъсири манфӣ |
|---|---|
| Ҷанбаҳои мусбӣ:<br>мавҷуд будани заҳираҳои замин ва чорвои маҳсулдеҳ;<br>сатҳи баланди мутахассисон дар хоҷагӣ;<br>афзоиши дороиҳо; | Ҷанбаҳои манфӣ:<br>-паст будани ҳосилнокии меҳнат;<br>-нарасидани воситаҳои молявии худӣ;<br>-зиёд будани қарзҳои бонкӣ;<br>-зиёд будани қарзҳои дебиторӣ;<br>-пешпардохти андозҳо;<br>-сатҳи пасти даромаднокӣ аз истеҳсолот;<br>-сатҳи пасти зариби молнокӣ. |
| Имкониятҳо:<br>–баланд бардоштани зариби молнокии маҳсулот;<br>-сафарбар намудани захираҳои дохилӣ барои коҳиш додани арзиши аслӣ;<br>-дуруст таксим кардан ва истифода бурдани фоида;<br>-дурурст муайян намудани талабот ба сармояи қарзӣ;<br>-истифодаи оқилонаи сармояи хоҷагӣ | Таҳдидҳо:<br>-зарар аз истеҳсоли шир ва гӯшт боиси аз байн рафтани соҳа мегардад;<br>-сатҳи пасти молнокӣ боиси паст шудани рақобатпазирӣ;<br>-суръати афзоиши нархи захираҳо нисбат ба нархи маҳсулотҳои соҳа боиси аз истеҳсолот дур шудани соҳибкорон мегардад;<br>-сатҳи баланди пардохтҳои иҷтимоӣ боиси пинҳон намудани фонди музди меҳнат мегардад. |

Ба имкониятҳои молиявии рушди хоҷагиҳо баланд бардоштани зариби молнокии маҳсулот, сафарбар намудани захираҳои дохилӣ барои коҳиш додани арзиши аслӣ, дуруст тақсим кардан ва истифода бурдани фоида, дуруст муайян намудани талабот ба сармояи қарзӣ, самаранок истифодабарии сармояи хоҷагӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҳолати зараровар будани фаъолият дар соҳаи чорводорӣ хатари аз байн рафтани соҳа мегардад.

Яке аз омилҳои ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таъсиррасонада равандҳоеро дар бар мегирад, ки бо фурӯши маҳсулот алоқаманданд. Инҳо стратегияи истеҳсоли маҳсулот, стратегияи нархгузорӣ ва пешбурди маҳсулот дар бозор, интихоби системаҳои бозор ва тақсимот, таъмини даромаднокӣ, фароҳам овардани имкониятҳои сармоягузорӣ ва ғайра мебошанд.

Дар ҶДММ “Латиф Муродов”, кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан” ва хоҷагии деҳқонии “Файзулло Саидов” фурӯши маҳсулотҳо ба ғайр аз пахта, пилла ва шир асосан тавассути бозор ба амал бароварда мешавад. Харидорони шир асосан комбинати шири шаҳри Душанбе, пахта заводи пахтатозакунии “Шарора”-и шаҳри Ҳисор ба ҳисоб мераванд. Бинобар шакли иҷоравии ташкили истеҳсолот сабзавот, мева, ангур ва гӯшт дар бозори озод ба фурӯш баровада мешавад. Нархи миёнаи фурӯши маҳсулотҳо вобаста ба минтақа гуногун мебошад. як килограмм ғалла-3-3,65 сомонӣ, пахта-6-8,98, картошка-3- 3,40, сабзавот-1,38 -2,20 , мева-3,48-4,00, ангур-3,22-4,00, гӯшт- 40-43, шир -3,85 – 4,0 сомониро ташкил дод, ки ба нархҳои яклухти бозорӣ мутобиқ мебошад. Вале нархи захираҳои дар соҳибкории кишоварзӣ истифодашаванда тамоюли афзоиш доранд (ҷадвали 2.3.9).

Таъсири таъминкунандагон ба фаъолияти молиявии корхона назаррас буда, метавонад ба натиҷаҳои манфӣ оварда расонад.

Чуноне, ки аз ҷадвали 2.3.9 бармеояд, дар ҶДММ “Латиф Муродов”, кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан” ва хоҷагии деҳқонии “Файзулло Саидов” дар соли 2022 арзиши нуриҳои азотӣ, карбамид, аммофос, сӯзишвории дизелӣ, автобензин ва равғани дизелӣ аз ҳам фарқ менамоянд.

**Ҷадвали 2.3.9. Нархҳои захираҳои воридотӣ дар ҶДММ “Латиф Муродов”, кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан” ва хоҷагии деҳқонии “Файзулло Саидов” дар соли 2022, сомонӣ**

| **Нишондиҳандаҳо** | ҶДММ “Латиф Муродов” | КТ “Баракати Ватан” | ХДФ “Файзулло Саидов” |
|---|---|---|---|
| Нархи хариди пахтаи хом | 8,98 | 6,73 | 6,00 |
| Ғалла | 3,65 | 1,44 | 3,00 |
| Нуриҳо: азотӣ | 5,28 | 5,30 | 6,00 |
| Карбамид | 5,02 | 5,02 | 6,00 |
| Аммофос | 4,75 | 7,03 | 7,30 |
| Маҳсулоти нафтӣ: | | | |
| сӯзишвории дизелӣ | 9,35 | 8,80 | 11,40 |
| автобензин | 8,91 | 9,27 | 9,40 |
| равғани дизелӣ | 19,42 | 19,92 | 21,00 |

**Сарчашма**: Ҳисоботҳои солонаи ҶДММ “Латиф Муродов”, кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан” ва хоҷагии деҳқонии “Файзулло Саидов”

Хусусан нархи захираҳо дар ХДФ “Файзулло Саидов” нисбатан баландтар аст. Дар ин давра нархи фурӯши пахта дар ХДФ “Файзулло Саидов” нисбат ба дигар хоҷагиҳо пасттар мебошад. Ин маънои онро дорад, ки суръати афзоиши нархи захираҳо нисбат ба нархи маҳсулотҳои кишоварзӣ тамоюли афзоиши бештар доранд.

Баланд шудани нархи масолеҳ асосан ба афзоиши нархи махсулоти хоҷагӣ таъсир мерасонад. Нарасидани нуриҳои минералӣ боиси вайрон шудани қоидаҳои агротехникӣ мегардад. Нарасидани маводҳои сӯзишворӣ ба вайрон намудани мӯҳлати гузаронидани корҳои саҳроӣ таъсири манфӣ мерасонад, графикҳои фиристодани махсулоти тайёри ин ё он корхона мегардад. Аз ин ру, хоҷагӣ шартҳои пардохтро вайрон мекунад, ки боиси пайдо шудани қарзҳои кредиторӣ мегардад ва зиёни иқтисодӣ мебинад.

**Ҷадвали 2.3.10. Нишондиҳандаҳои асосии ҶДММ “Латиф Муродов” (I) ва кооперативи тиҷоратии “Баракати ватан” (II) - дар соли 2022.**

| Нишон-диҳандаҳо | % молнокӣ | | Ҳосилнокӣ, с/га | | Арзиши аслии 1 сент/сомонӣ | | Дараҷаи даромаднокӣ, % | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | I | II | I | II | I | II | I | II |
| Ғалла | 61,5 | 49,6 | 21,5 | 33,6 | 167,2 | 106,9 | 118,7 | 64,5 |
| Пахта | 100,0 | 100,0 | 30,1 | 25,3 | 617,3 | 511,4 | 45,5 | 19,2 |
| Картошка | 66,2 | 50,0 | 157,3 | 250,0 | 333,0 | 389,0 | 22,4 | 68,6 |
| Сабзавот | 58,8 | 91,2 | 252,5 | 328,7 | 110,4 | 120,0 | 271,2 | 104,6 |
| Мева | 49,0 | X | | X | 316,4 | X | 195,1 | X |
| Ангур | 44,6 | X | | X | 249,6 | x | 2,0 | x |
| Гӯшт | 95,8 | 100,0 | X | x | 4952,3 | 6189,8 | -11,4 | -46,8 |
| Шир | 87,0 | 77,1 | 4549 | 1362 | 351.4 | 543,32 | -11,6 | -38.5 |
| Пилла | 100,0 | 100,0 | X | x | 2110,7 | 2160,0 | -119,8 | -66,3 |

**Сарчашма:** Хисоботҳои солонаи ҶДММ “Латиф Муродов” барои солҳои мухталиф.**I-** ҶДММ “Латиф Муродов” **II-**“Баракати ватан”-

Рақибон ташкилотҳое мебошанд, ки чун қоида, ба фаъолияти ин корхона бо роҳи ишғол намудани ҳиссаи бештари бозор, бо истифода аз бартариҳои рақобатӣ (моли сифати баланд, нархи паст, доираи васеи молҳо ва ғайра) таъсири манфӣ мерасонанд.

Дигар омили ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таъсиррасонанда фаъолияти рақибон ба ҳисоб меравад. Ба ҶДММ “Латиф Муродов”

метавонад кооперативи тиҷоратии “Баракати ватан”- и шаҳри Ҳисор рақиб бошад, зеро дар ҳамсоягӣ қарор дорад ва ба шаҳри Душанбе наздиқтар аст.

Муқоисаи нишондиҳандаҳои асосии ҶДММ “Латиф Муродов” ва кооперативи тиҷоратии “Баракати ватан”- дар соли 2021 нишон дод, ки қариб аксари нишондиҳандаҳои молнокии ҶДММ “Латиф Муродов” ба ҷуз аз гӯшт баланд аст. Ҳосилнокии зироатҳои ғалла, картошка, сабзавот дар ҶДММ “Латиф Муродов” нисбатан паст буда, ҳосилнокии пахта ва ширҷушӣ хеле баланд аст. Арзиши аслии маҳсулотҳо дар ҶДММ “Латиф Муродов” ба ҷуз ғалла нисбатан паст буда, дараҷаи даромаднокии зироатҳо низ хеле фарққунанда аст. Аз ин ҷо метавон гуфт, ки ҶДММ “Латиф Муродов” дар аксари ҳолатҳо рақобатпазир буда, метавонад дар рақобати бозор тоб оварад.

Дигар омиле, ки ба муҳити молиявии хоҷагиҳо таъсир мерасонанд, миёнаравҳо – шахсони алоҳида, ташкилотҳое мебошанд, ки ба хоҷагиҳо дар пешбурд, тақсим ва фурӯши маҳсулоти тайёр дар байни харидорон кумак мекунанд ва ба ин васила ба ҳаҷми даромади гирифташуда таъсир мерасонанд. Миёнаравҳоро барои ташкили тақсимоти молҳо, инчунин миёнаравҳои маркетингию молиявию кредитӣ ҷудо мекунанд.

Фурӯшандагон ба тиҷорат кӯмак мекунанд, ки харидоронро пайдо кунанд ва бевосита ба онҳо маҳсулоти тайёрро фурӯшанд. Онҳо барои фурӯши маҳсулоти тайёр бо хароҷоти камтар ба хоҷагӣ шароити мусоид фароҳам меоваранд. Имрӯзҳо хоҷагиҳо дар фурӯши нахи пахтаи истеҳсолшуда душворӣ мекашанд. Масалан, ҶДММ “Латиф Муродов” 240 тонна нахи пахтаи дар анбори заводи пахтаи «Шарора» маҳфуз бударо фурӯхта натавониста, бо сабаби паст шудани нархи биржавӣ хоҷагӣ зарар мебинад. Мутаассифона, пахтаи хомро заводҳои пахта аз хоҷагӣ бо нархи паст харидорӣ менамоянд ва дар натиҷа хоҷагиҳо аз ҳар як килограмм пахта то 5 сомонӣ зарари иқтисодӣ мебинанд.

Миёнаравҳои маъмулӣ ташкилотҳои ноҳиявии системаи «Тоҷикматлубот» ба ҳисоб мерафтанд, вале мутассифона онҳо вазифаи

худро иҷро намекунанд. Аз ин ҷо нархи пиёз дар соли нав аз 10 сомонӣ боло рафт, зеро хоҷагиҳо шароити нигоҳ доштани онҳоро надоштанд ва сармои имсола захираи бударо низ нест кард. Аз ин ҷо зарурати ташкили сохторҳои давлатии захираи маҳсулотҳои кишоварзӣ ба миён омадааст, ки маҳсулотҳоро харида, захира намуда, дар вақти зарурӣ ба бозор интиқол намоянд.

Миёнаравҳои маркетингӣ бояд ба тадқиқоти маркетингӣ, инчунин мушкилоти омӯзиш ва арзёбии хавфи соҳибкорӣ (агентҳои таблиғотӣ, ширкатҳои машваратӣ ва ғ.) машғул шаванд. Вазифаи асосии онҳо ба истеҳсолкунандагон ёрӣ расондан аст. Дурусттар аст, ки онҳо ба истеҳсолкунанда кӯмак намуда, маҳсулоти тайёрро харад ва бо камтарин хатар ва даромади ҳадди аксар фурӯшад. Аммо дар айни замон корхонаҳои истеҳсолӣ аз хизмати чунин ширкатҳо хеле кам истифода мебаранд, ки фаъолияти маркетингии онҳоро хеле мушкил мекунад.

Миёнаравҳои молиявию қарзӣ аз ҷониби бонкҳо, ташкилотҳои қарзӣ, ширкатҳои суғурта намояндагӣ мекунанд, ки вазифаи асосии онҳо маблағгузории амалиёти истеҳсолкунанда оид ба даст овардани захираҳои истеҳсолӣ ва фурӯши маҳсулоти тайёри худ, суғурта аз соҳибкорӣ ва дигар намудҳои хавфҳои вобаста ба он мебошад. Қариб ҳамаи хоҷагиҳо дар таъминоти молиявии муомилот аз ёрии миёнаравҳои молиявию қарзӣ истифода мебаранд. Баландшавии арзиши қарз ва (ё) кам шудани имкониятҳои қарздиҳӣ, афзоиши арзиши хизматрасониҳои суғуртавӣ, инчунин бӯҳронҳои молиявӣ, ки кори миёнаравҳои молиявию қарзиро фалаҷ мекунанд, метавонанд ба вазъи молиявии соҳибкорон таъсири назаррас расонанд.

Дигар омиле, ки ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таъсир мерасонанд, мизоҷон ба ҳисоб мераванд, ки метавон ба гурӯҳҳои зерин тақсим намуд:

- харидорони бозори истеъмолӣ – шахсони воқеие, ки маҳсулотҳои хоҷагиҳоро барои истеъмоли шахсӣ аз худи хоҷагиҳо мехаранд;

- харидорони бозори истеҳсолкунандагон – ташкилотҳое, ки маҳсулотҳои хоҷагиро барои истифодаи минбаъда дар раванди истеҳсоли маҳсулоти дигар мехаранд. Ба ин гурӯҳ заводҳои коркарди шир, комбинатҳои коркарди пахта, гӯшт, пашм, пилла дохил мешаванд;
- харидорони бозори бозфурӯшӣ– шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки маҳсулоти хоҷагиро барои бозфурӯши минбаъда ва фоида дар соҳаи муомилот харидорӣ мекунанд. Ба инҳо дохил мешаванд зерсохторҳои ҷамъияти «Тоҷикматлубот» ва дигар тоҷирони бозор;
- харидорони давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ мебошанд, ки маҳсулотҳоро барои истеъмоли худ, инчунин барои истифода дар муассисаҳои коммуналӣ ё бо мақсадҳои хайрия мехаранд. Ба инҳо дохил мешаванд: Кумитаи захираҳои давлатӣ, қисмҳои ҳарбӣ, муассисаҳои ислоҳотӣ, ҳифзи иҷтимоӣ;
- харидорони бозори байналмилалӣ шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ мебошанд, ки маҳсулотҳоро харида ба хориҷи кишвар интиқол менамоянд. Ба инҳо метавон тоҷирони маҳаллӣ ва мамлакатҳои хориҷа, ки маҳсулотро харидорӣ намуда ба Афғонистон, Покистон, Россия ва дигар самтҳо мебароранд. Хусусан пахта ва дигар маҳсулотҳои саноатӣ чун ашёи хом баровarda мешавад..

Дар хариди маҳсулотҳои хоҷагиҳо тамоми сохторҳои номбаршуда иштирок менамоянд.

Дигар омили ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таъсир мерасонанд, воситаҳои ахбори умум ва реклама ба ҳисоб мераванд. Ба ин ҳама гуна гурӯҳе дохил мешаванд, ки ба фаъолияти хоҷагӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, ба қобилияти ба даст овардани даромад дар ҷараёни фаъолияти иқтисодӣ таъсир мерасонанд. Инҳо метавонанд воситаҳои ахбори омма, мақомоти давлатӣ, гурӯҳҳои амалиёти шаҳрвандӣ бошанд. Гурӯҳҳои ВАО ташкилотҳое мебошанд, ки дар матбуот, телевизион ва радио хабарҳо, мақолаҳо ва шарҳҳоро паҳн мекунанд. Муассисаҳои давлатӣ ба корхонаи мушаххас тавассути талабот, манъкунӣ, тавсияҳо, дастурҳо, ки бояд аз

ҷониби корхонаҳо ба инобат гирифта шаванд ва амалӣ карда шаванд, таъсир мерасонанд. Гурӯҳҳои амалиёти гражданиро иттифоқҳои матлубот, экологҳо, диндорон ва дигарон намояндагӣ мекунанд. Одатан оммаи васеъ нисбат ба хоҷагӣ ҳамчун қувваи муташаккил амал намекунад, вале натиҷаҳои фаъолияти тиҷоратии он вобаста аст, ки вай симои корхонаро чи тавр дарк мекунад. Ба гӯруҳҳои алоқаи дохилӣ коргарону хизматчиёни корхона ва роҳбарони он дохил мешаванд.

Дигар омиле, ки ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таъсир мерасонад, идоракунии кадрҳо ба ҳисоб меравад. Идоракунии кадрҳо аз равандҳои ҳамкории мутақобилаи роҳбарон ва коргарон, ба кор қабул кардан, таълим додан ва пешбарӣ кардани кормандон, инчунин баҳодиҳии натиҷаҳои кор ва ҳавасмандкунии он, эҷод ва нигоҳ доштани муносибатҳои байни кормандон ва ғайра иборат аст. Дар ҶДММ "Латиф Муродов" ва кооперативи тиҷоратии "Баракати ватан" шакли идоракунии хос дорад, зеро тамоми коллектив дар идоракунии ҷамъият иштирок менамояд. Органи олии идоракунӣ, маҷлиси умумии аъзоёни ҷамъият ба ҳисоб рафта, органи иҷроия раёсати ҷамъият мебошад, ки дар назди маҷлиси умумӣ ҳисобот медиҳад. Қарорҳои ҷорӣ аз ҷониби раёсат қабул карда мешавад. Роҳбарии раёсатро раиси хоҷагӣ ба уҳда дорад. Фоидаи хоҷагӣ дар маҷлиси умумии аъзоёни хоҷагӣ дар охири соли ҳисоботӣ тақсим карда мешавад. Фоидаи соли 2021 бо таносуби зерин тақсим карда шудааст: 25 фоиз ба фонди ҳавасмандии моддӣ, 30 фоиз ба фонди рушди истеҳсолот ва 45 фоиз ба фонди рушди иҷтимоӣ сарф карда шудааст.

Сохтори ҶДММ "Латиф Муродов"ва кооперативи тиҷоратии "Баракати ватан", тибқи низомнома тартиб дода шуда аз рӯи ҷадвали ташкилию штатии он фаъолият менамояд. Низомнома тақсимоти ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳоро муайян мекунад.

Дигар омили муайянкунандаи муҳити молиявӣ фарҳанги хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад, ки ба арзишҳо, эътиқодҳо, муносибатҳо ва

рафторҳо дахл дорад. ҶДММ “Латиф Муродов”, дорои фарҳанги қавии ташкилӣ мебошад, ки дар давоми фаъолияти бисёрсолааш 6 маротиба номи худро иваз карда бошад ҳам, вале танҳо се роҳбар иваз намудааст. Эҳтиром дар хоҷагӣ дар сатҳи аввал меистад. Ҳамаи кормандон дарк мекунанд, ки хоҷагии онҳо чӣ гуна фаъолият менамояд. Фарҳанги ташкилӣ ба рушд кардани хоҷагӣ дар муборизаи рақобатӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, ба ҳолати муосири микромуҳити молиявии соҳибкорӣ баҳо дода чунин хулосабандӣ намудан мумкин аст.

1.Микромуҳити молиявии соҳибкорӣ унсурҳои истеҳсолот, молия, маркетинг, идоракунии кадрҳо, сохтори ташкилиро дар бар мегирад ва ҳолати онҳо дар якҷоягӣ иқтидор ва имкониятҳои соҳибкорро муайян мекунад.

2.Таҳлили муосири микромуҳити молиявии соҳибкории ҶДММ “Латиф Муродов”, кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан” ва ХДФ “Файзулло Саидов” нишон дод, ки дар баробари дастовардҳои истеҳсолӣ хоҷагиҳо ба рушди истеҳсолот як қатор монеаҳо мавҷуд аст. Бо истифода аз методи SWOT-таҳлил ба ҳолати микромуҳити истеҳсолии хоҷагиҳои мазкур баҳо дода шуд. Ҷанбаҳои мусбӣ, манфӣ, имкониятҳо ва таҳдидҳо ошкор гардиданд. Ба ҷанбаҳои мусбӣ шароитҳои мусоиди табиию иқлимӣ, мавҷуд будани захираҳои зиёди меҳнатӣ ва иқтидорҳо барои рушди минбаъда, мавҷуд будани талабот ба истеҳсолӣ маҳсулотҳо, мавқеи муносиби ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва наздик будан бо истеъмолкунандагон, мавҷуд будани иқтидорҳои захиравӣ ҷиҳати бунёди кластерҳои истеҳсолӣ ҳисоб мешаванд. Ба ҷанбаҳои манфӣ: рушд наёфтани заминаи технологӣ, сатҳи пасти фаъолияти инноватсионӣ, технологияҳои сермасраф ва ифлоскунанда, сатҳи баланди хӯрдашавии фондҳои асосӣ, вобастагӣ аз нархҳои ҷаҳонии пахта, набудан корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти истеҳсолоти кишоварзӣ мансубанд. Ба ҷанбаи имкониятҳо: афзун намудани истеҳсоли маҳсулотҳо, баланд бардоштани ҳосилнокии

меҳнат, баланд бардоштани боздеҳии фондҳо, ташкили кластерҳои саноатӣ, истифодаи технологияи пешқадам ва диг. Ба таҳдидҳо хавфи баланди офатҳои табиӣ ва осебпазирӣ ба оқибатҳои тағйирёбии иқлим, сатҳи пасти технология метавонад боиси коҳиш ёфтани рақобатпазирӣ гардад.

3.Вазъи молиявии ҶДММ “Латиф Муродов”, кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан”хуб нест, зеро дар охири соли 2021 қарзҳои кӯтоҳмуддати бонкӣ, қарзҳои кредиторӣ баланд буда, дараҷаи даромаднокиашон паст мебошад. Ҳолати молиявии ХДФ “Файзулло Саидов” беҳтар арзёбӣ мегардад.

SWOT-таҳлил ҷанбаҳои мусбӣ, манфӣ, имкониятҳо ва таҳдидҳои молиявиро муайян намуд. Агар ҷанбаҳои мусбии вазъи молиявии хоҷагӣ мавҷуд будани захираҳои истеҳсолӣ ва мутахассисони варзида бошад, пас ҷанбаҳои манфии он сатҳи пасти зариби молнокӣ, даромаднокӣ, ҳосилнокии меҳнат, нарасидани воситаҳои молиявӣ, зиёд будани қарзҳои бонкӣ дониста мешавад.

Дигар омили ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таъсир расонда равандҳои маркетинг, фурӯши маҳсулот ба ҳисоб меравад. Таҳлил собит намуд, ки паритети нархҳои маҳсулотҳои кишоварзӣ ва захираҳои истифодашаванда нобаробар афзун меёбанд.

4.Омили дигари ба муҳити молиявии хоҷагӣ таъсиррасонанда мавқеи рақибон ба ҳисоб меравад. Муқоисаи нишондиҳандаҳои се хоҷагӣ нишон дод, ки мавқеъи ҶДММ “Латиф Муродов”дар бозор мустаҳкамтар аст.

5.Таъсири миёнаравҳо, фурӯшандагон, мизоҷон, воситаҳои ахбори умум, реклама баръало ҳис карда мешавад. Омили муҳими рушди муҳити молиявӣ идоракунии кадрҳо ба ҳисоб меравад, ки хоҷагӣ аз он танқисӣ намекашад. Роҳбарияти устувор дошта, дар таърихи 74 солааш танҳо се роҳбарро иваз намудааст. Фарҳанги хоҷагидорӣ баланд буда, эҳтиром дар хоҷагӣ дар сатҳи аввал меистад.

# БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ МУҲИТИ МОЛИЯВИИ СОҲИБКОРӢ

## 3.1. Самтҳои асосии беҳтар намудани муҳити молиявӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ

Мо дар боби якуми диссертатсия омилҳои макроиқтисодии ба муҳити молиявии сармоягузорӣ таъсиррасонандаро мавриди тадқиқот қарор дода будем.

Дар ин зербоб бо истифода аз методологияи STEP –таҳлил мо омилҳои ба муҳити молиявӣ таъсиррасонро ба чор гуруҳ тақсим намуда дурнамои муҳити молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сатҳи макроиқтисодӣ барои то солҳои 2030 муайян менамоем.

Мо омилҳои ба муҳити молиявӣ таъсиррасонро ба чор гуруҳ тақсим намуда миёнаи арифметикии ҳар як блокро маълум намудем ва дар натиҷа коэфитсенти рушд маълум карда шудааст.(1)

$$КБ = \frac{X1+x2+x3+xn}{N}*100\%\ (1)$$

Вобаста аз ин мо дурнамои омилҳои сиёсии рушди муҳити молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳисоб намудем, ки дар ҷадвали 3.1.1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.1.1. Дурнамои омилҳои сиёсии рушди муҳити молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

| | 2021, воқеӣ | Дурнамо | | Ҳисоби миёна |
|---|---|---|---|---|
| | | 2025 | 2030 | |
| 1.Суботи сиёсии дохили кишвар, хол | 10 | 10 | 10 | 10 |
| 2.Гирдиҳамоиҳо, хол | 10 | 10 | 10 | 10 |
| 3.Корпартоиҳо, хол | 10 | 10 | 10 | 10 |
| 4.Муносибат бо мамлакатҳои ҳамсоя, хол | 5 | 7,5 | 10 | 7,5 |
| 5.Вазъи сиёсии мамлакатҳои ҳамсоя, хол | 7,5 | 7,5 | 10 | 8,3 |
| 6.Мавҷудияти амалиёти ҷангӣ, хол | 2,5 | 2,5 | 10 | 5 |
| 7.Вазъи демократия, хол | 5 | 7,5 | 10 | 7,5 |
| 8.Моратория тафтиши фаъолияти соҳибкорӣ, хол | 10 | 10 | 10 | 10 |
| 9.Дастгирии давлатии соҳибкорӣ, хол | 10 | 10 | 10 | 10 |
| 10.Сатҳи дастгирии дастовардҳои илмӣ-техникӣ, хол | 5 | 6 | 7 | 6 |
| Ҳамаи холҳо | 75 | 81,0 | 97 | 84,3 |

Тибқи ҳисобҳои мо аз 10 омили сиёсии ба муҳити молиявӣ таъсиррасон ва 100 холи имконпазир дар соли 2025 он ба 81 хол ва соли 2030 ба 97 хол

мерасад. Мо ба омилҳои сиёсӣ суботи сиёсии дохили кишвар, гирдиҳамоиҳо, корпартоиҳо, муносибат бо мамлакатҳои ҳамсоя, вазъи сиёсии мамлакатҳои ҳамсоя, мавҷудияти амалиёти ҷангӣ, вазъи демократия, мораторияи тафтиши фаъолияти соҳибкорӣ, дастгирии давлатии соҳибкориро мансуб дониста ба ҳолати муосири он дар соли 2021 ва дурнамо дар солҳои 2025 ва 2030 холгузорӣ намудем.

Хушбахтона дар кишвар фазои сулҳу субот ҳукмфармост, гирдиҳамоиҳо, корпартоиҳо вуҷуд надоранд ва ба назари мо то солҳои 2030 ин вазъият нигоҳ дошта мешавад. Муносибат бо мамлакатҳои ҳамсоя, аз ҷумла бо Афғонистон ва Қирғизистон хуб нест, вале то соли 2025 бо Қирғизистон муносибат хуб шуда, фақат бо Афғонистон муносибат чунин боқӣ мемонад. Вале муносибат бо Афғонистон барои рушди муҳити молиявии Тоҷикистон чун омили манфӣ боқӣ мемонад, зеро сармоягузорони хориҷӣ ба он баҳои манфӣ медиҳанд. Вазъи демократия бо назардошти баҳои экспертҳои хориҷӣ дода шудааст, ки тамоюли беҳшавӣ дорад ва то соли 2030 ислоҳи худро меёбад.

Мо дарк мекунем, ки тамоми таҳдидҳои эҳтимолӣ ба амнияти сиёсӣ имруз ва ояндаи наздик нест, вале ҳолати имрӯзаи вазъ дар Афғонистон ва муносибатҳои сарҳади бо Қирғизистонро нодида гирифтан мумкин нест.

Ба гуфтаи Э. Раҳмон «дар шароити ниҳоят ҳассосу мураккаби минтақа ва ҷаҳон дар назди мо вазифаҳои бағоят мубрами амниятӣ, аз ҷумла мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир, силоҳ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, инчунин, муҳоҷирати ғайрирасмӣ қарор доранд, ки вобаста ба ҳодисаҳои Афғонистони ҳамсоя торафт шиддат гирифта истодаанд.

Барои таъмини истиклолият ва якпорчагии территория мо бояд давлати дӯсту тавоно ва боэътимод дошта бошад. Бинобар ин мо муносибатҳои эътимодноки худро бо Россия ва Хитой тахким диҳем.

Алоқаю ҷараёнҳои ҳамгироии мо бо давлатхои Осиёи Миёна ва Ховари Миёна бояд таҳким ёбад. Стратегияи дарозмуддати рушди Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ, Бонки умумиҷаҳонӣ, бонкҳои рушди Осиё, Аврупо ва Исломии Рушд вобаста аст, ки мебояд такмил дод».[73]

Дигар омили рушди муҳити молиявии соҳибкорӣ омили ташкилӣ ба ҳисоб меравад. Мо ба омили ташкилии рушди муҳити молиявии соҳибкорӣ ташкили фаъолияти соҳибкориро тавассути шаҳодатнома, патент, шахси ҳуқуқӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), пешбурди бизнес, дастрасии иқтисодӣ ба маҳсулоти хӯрока, таъсиси ҷойҳои кори доимӣ, ҳиссаи соҳаи саноат, соҳаи кишоварзӣ, хизматрасонӣ дар ташаккули ММД баҳо дода, дурнамои онро бо истифода аз методологияи оморӣ то соли 2030 муайян намудем (ҷадвали 3.1.2).

**Ҷадвали 3.1.2. Дурнамои шаклҳои ташкилии фаъолияти соҳибкорӣ то соли 2030**

| №т/т<br>Фаъолият тибқи | 2021 | 2025 | 2030 | Ҳисоби миёна | Холи миёна |
|---|---|---|---|---|---|
| 1.Шаҳодатнома, ҳаз адад. | 36,6 | 38,4 | 40,3 | 38,4 | 3,8 |
| 2.Патент, ҳаз адад. | 104,2 | 113,2 | 123,3 | 113,6 | 11,4 |
| 3.Шахси ҳуқуқӣ, ҳаз адад. | 35,5 | 40,4 | 46,0 | 40,6 | 4,1 |
| 4.ХДФ, ҳаз адад. | 167 | 169,5 | 172,0 | 169,5 | 17,0 |
| 5.Пешбурди бизнес, ҷой | 80 | 70 | 60 | 70 | 7,0 |
| 6.Дастрасии иқтисодӣ ба маҳсулоти хӯрока, % | 52-50 | 47-45 | 42-40 | 46 | 4,6 |
| 7.Таъсиси ҷойҳои кори доимӣ, ҷой | 61,0 | 100,0 | 100,0 | 87 | 8,7 |
| 8.Ҳиссаи соҳаи саноат дар ММД, % | 13,2 | 16 | 20,5 | 16,6 | 1,7 |
| 9.Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар ММД, % | 21 | 20,1 | 19,5 | 20,5 | 2,1 |
| 10.Ҳиссаи хизмаирасонӣ дар ММД, % | 37 | 34 | 28 | 33 | 3,3 |
| Ҳамагӣ | Х | Х | Х | 635,2[1] | 63,7 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф бо истифода аз Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2023. –С. 15 -19. Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030. –С.82-85. [1] Эзоҳ. Ба як низом оварда шудааст, ададҳо ба 10 тақсим карда шудааст.

Таҳлил нишон дод, ки ҳоли миёнаи омилҳои ташкилии муҳити молиявӣ ба 63,7 баробар аст.

---

[73] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21.12.2021.

Гурӯҳи дигари омилҳои иқтисодии ба муҳити молиявӣ таъсиррасонанда ба худ гардиши савдои хориҷӣ, қарзгузории иқтисодиёт, фоизи қарз, миқдори пул дар муомилот, ҷалби сармоягузории дохилӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ, сатҳи таваррум, андозбандии иқтисодиёт, тағйирёбии қурби асъор, сатҳи худтаъминкунӣ бо маводи хӯроквориро дар бар мегирад (ҷадвали 3.1.3).

**Ҷадвали 3.1.3. Дурнамои омилҳои иқтисодии муайянкунандаи муҳити молиявии соҳибкорӣ то солҳои 2030.**

| Номгӯи омил | 2021, воқеӣ | Дурнамо | | *Ҳисоби миёна* | *Ҳол* |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2025 | 2030 | | |
| 1.Гардиши савдои хориҷӣ, млн. доллар | 6359,1 | 8139,6 | 13023,4 | 9174,0 | 9,2 |
| 2.Қарзгузории иқтисодиёт, млрд. Сомонӣ | 24871,1 | 44767,0 | 92023,0 | 53887,0 | 53,9 |
| 3.Фоизи қарз, % | 24,47 | 19,58 | 15,66 | 19,90 | 0,02 |
| 4.Миқдори пул дар муомилот, млрд сомонӣ | 10500,0 | 11550,0 | 12750,0 | 11600 | 11,6 |
| 5.Ҷалби сармоягузории дохилӣ, млрд. Сомонӣ | 16005,0 | 19958,2 | 24887,9 | 20283,7 | 20,3 |
| 6.Ҷалби сармоягузории хориҷӣ, млн. Сомонӣ | 650,2 | 826,0 | 921,0 | 799,1 | 0,8 |
| 7.Сатҳи таваррум, % | 8,0 | 7,0 | 7,0 | 7,3 | 0,01 |
| 8.Андозбандии иқтисодиёт, млрд сомонӣ | 19,7 | 26,4 | 35,4 | 27,2 | 0,03 |
| 9.Тағйирёбии қурби асъор, сомонӣ/долл. ИМА | 11,30 | 14.46 | 18,51 | 14,75 | 0,01 |
| 10.Сатҳи худтаъминкунӣ бо маводи хӯроквbooрӣ, % | 60 | 65 | 70 | 65 | 0,07 |
| Ҳисоби миёна | Х | Х | х | 95,9[1] | 95,9[1] |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф бо истифода аз Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2023. –С. 15 -19. (433с.). Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030. –С.82-85

[1] Эзоҳ. Ба як низом оварда шудааст, ададҳо ба 1000 тақсим карда шудааст.

Дурнамо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки афзоиши гардиши савдои хориҷӣ, сатҳи қарзгузории иқтисодиёт, миқдори пул дар муомилот, ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ метавонанд омили мусбии муҳити молиявии соҳибкорӣ гарданд. Хусусан, қарзгузории иқтисодиёт дар ҳолати нигоҳ доштани сатҳи афзоиши солҳои 2018-2021 дар соли 2025 ба 92023 млн. сомонӣ мерасад, ки метавонад муҳити молиявии соҳибкориро такмил диҳад. Дар ин давра фоизи қарз аз 24,47 то 15,66 коҳиш ёфта то андозае барои рушди

соҳибкорӣ сабаб мешавад. Миқдори пул дар муомилот дар солҳои минбаъда нисбат ба соли 2021 ба андозаи 10,0 фоиз афзуда дар соли 2030 ба 12750 млн. сомонӣ баробар мегардад. Дар ҳолати нигоҳ доштани сатҳи рушди сармоягузории дохилӣ дар соли 2030 он ба 24887,9 млн. сомонӣ мерасид. Сармоягузории хориҷӣ дар як сол метавонад ба 921 млн. долл. баробар шавад, ки нисбат ба соли 2018 ба андозаи 41,6 фоиз зиёд аст. Сатҳи таваррум дар соли 2021 ба 8,0 фоиз баробар буд ва дар ҳолати нигоҳ доштани сатҳи тағйирот то соли 2030 метавонад ба 7,0% баробар шавад, ки ба нишондиҳандаҳои СМР-2030 мувофиқ аст. Дар ин давра андозбандии иқтисодиёт нисбат ба соли 2022 ба андозаи 79,7 фоиз афзоиш хоҳад ёфт. Тағйирёбии қурби асъор, ки яке аз омилҳои асосии рушди соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад тадриҷан афзуда, ба қобилияти харидории асъори миллӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Дигар гурӯҳи омилҳои ба муҳити молиявӣ таъсиррасонанда омилҳои иҷтимоӣ, экологӣ ба ҳисоб мераванд(ҷадвали 3.1.4).

**Ҷадвали 3.1.4. Дурнамои омилҳои иҷтимоӣ-экологии муайянкунандаи муҳити молиявии соҳибкорӣ то солҳои 2030.**

| Номгӯи омил | 2021, воқеӣ | Дурнамо | | *Ҳисоби нисбӣ* | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2025 | 2030 | | |
| 1.Сатҳи шуғли аҳолӣ, млн нафар | 2534 | 2668,3 | 2809,7 | 10,51 | 105,1 |
| 2.Шуғли ғайрирасмӣ, ҳаз. нафар | 2350 | 3671,5 | 3474,0 | 0,2 | 2,0 |
| 3.Табақаи миёнаи аҳолӣ, ҳаз. нафар | 2915,0 | 4196,0 | 5790,0 | 0,135 | 1,4 |
| 4.Сатҳи камбизоатӣ, ҳаз. нафар | 1943,4 | 1888,2 | 1737,0 | 0,09 | 0,9 |
| 5.Сатҳи бекорӣ,% | 2,1 | 2,2 | 2,4 | 0,106 | 1,1 |
| 6.Музди миёнаи меҳнат, сомонӣ | 1540,84 | 2080,0 | 2808,2 | 0,134 | 1,3 |
| 7.Сатҳи нафақа, сомонӣ | 321,5 | 381,9 | 453,7 | 0,118 | 1,2 |
| 8.Ҳадди аққали музди меҳнат, сомонӣ | 207,0 | 600,0 | 800,0 | 0,337 | 3,4 |
| 9.Даромади моҳонаи аҳолӣ, сомонӣ | 684,17 | 978,36 | 1252,0 | 0,136 | 1,4 |
| 10.Таъминот ба манзил, $м^2$ | 10,9 | 11,1 | 11,3 | 0,136 | 1,4 |
| *Ҳисоби миёна* | Х | х | х | 120,0[1] | 119,2[1] |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф бо истифода аз Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2023. –С. 15 -19. (433с.). Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030. –С.82-85

[1]Бузургии нисбӣ ба 10 соли молиявӣ зарб карда шудааст (11,902Х10)=120.

Мо зарур мешуморем, ки бо мақсади баҳо додани муҳити молиявии соҳибкории дар кишвар аз усули методологияи STEP –таҳлил мо омилҳои ба муҳити молиявӣ таъсиррасонро ба чор гуруҳ тақсим намуда миёнаи арифметикии ҳар як блокро маълум намуда, коэфитсенти миёнаро бо истифодаа аз формулаи (2) маълум намудем.

$$x = \frac{\mathbf{KS+KT+KE+KP}}{\mathbf{n}} \ \mathbf{(2)}$$

Ҳамин тавр, бо истифода аз формулаи 2 таъмини муҳити молиявӣ дар Тоҷикистон мо ҳосили ҳисобҳои чор гурӯҳи омилҳоро ба ҳам ҷамъ намуда, ҳисоби миёнаи арифметикии онро мебарорем. Тибқи ҳисобҳои мо холи миёна ба (84,3+63,5+95,5+119,2)=362,5:4=90,6 баробар мешавад. Ин маънои инро дорад, ки муҳити молиявии соҳибкории Тоҷикистон аз 100 холи имконпазир ба 90,6 хол баробар аст (ҷадвали 3.1.5).

Бо назардошти ҳамбастагӣ бо равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъсири равандҳои демографӣ ба таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ хеле муҳим мебошанд. Тибқи СМР-2030 нуфузи аҳолии ҷумҳурӣ бемайлон афзоиш ёфта, дар соли 2030 ба 11,5 млн. нафар хоҳад расид. Ба муҳити молиявии соҳибкорӣ афзоиши шумораи аҳолии синни қобили меҳнат таъсири бевосита мерасонад, зеро он захираи хеле арзони суръатбахши рушди соҳибкорӣ мебошад. Яке аз омилҳои ташкили корхонаҳои муштарак байни Тоҷикистон ва дигар мамлакатҳо маҳз қувваи кории арзон ба ҳисоб меравад, зеро тақрибан 60 фоизи аҳолии синни қобили меҳнат аз 15 то 64 – сола мебошанд. Категорияи мазкур соли 2030 асоси аҳолии қобили меҳнатро ташкил хоҳад дод, аз ин рӯ истифодаи самараноки он метавонад омили рушди устувори соҳибкорӣ гардад. Ба фикри мо, истифодаи нерӯи кориро дар соҳаи кишоварзӣ, ки сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат дорад истифода бурдан хато аст. Дар солҳои 1990 дар ин соҳа каме бештар аз 500 ҳаз. нафар фаъолият менамуданд, вале дар

соли 2021 алакай дар ин соҳа зиёда аз 1,5 млн захираҳои меҳнатӣ машғуланд, ки самаранок нест.

**Ҷадвали 3.1.5. STEP-таҳлили баҳои таъмини муҳити молиявӣ дар Тоҷикистон**

| **ОМИЛҲОИ СИЁСӢ** | Хол | **ОМИЛҲОИ ТАШКИЛӢ** | Хол |
|---|---|---|---|
| 1.Суботи сиёсии дохили кишвар | 10 | Шаҳодатнома | 3,8 |
| 2.Гирдиҳамоиҳо | 10 | Патент | 11,4 |
| 3.Корпартоиҳо | 10 | Шахси ҳуқуқӣ | 4,1 |
| 4.Муносибат бо мамлакатҳои ҳамсоя | 7,5 | ХДФ | 17,0 |
| 5.Вазъи сиёсии мамлакатҳои ҳамсоя | 8,3 | Пешбурди бизнес, ҷой | 7,0 |
| 6.Мавҷудияти амалиёти ҷангӣ | 5 | Дастрасии иқтисодӣ ба маҳсулоти хӯрока, % | 4,6 |
| 7.Вазъи демократия | 7,5 | Таъсиси ҷойҳои кори доимӣ, ҷой | 8,7 |
| 8.Мораторияи тафтиши фаъолияти соҳибкорӣ | 10 | Ҳиссаи соҳаи саноат дар ММД, % | 1,7 |
| 9.Дастгирии давлатии соҳибкорӣ | 10 | Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар ММД, % | 2,1 |
| 10.Сатҳи дастгирии дастовардҳои илмӣ-техникӣ | 6 | Ҳиссаи хизмаирасонӣ дар ММД, % | 3,3 |
| Ҳамаи холҳо | 84,3 | Ҳамаи холҳо | 63,7 |
| **ОМИЛҲОИ ИҚТИСОДӢ** | Хол | **ОМИЛҲОИ ИҶТИМОӢ-ДЕМОГРАФӢ** | Хол |
| 1.Гардиши савдои хориҷӣ, млн. доллар | 9,2 | Сатҳи шуғли аҳолӣ, млн нафар | 105,1 |
| 2.Қарзгузории иқтисодиёт, млрд. сомонӣ | 53,9 | Шуғли ғайрирасмӣ, ҳаз. нафар | 2,0 |
| 3.Фоизи қарз, % | 0,02 | Табақаи миёнаи аҳолӣ, ҳаз. нафар | 1,4 |
| 4.Миқдори пул дар муомилот, млрд сомонӣ | 11,6 | Сатҳи камбизоатӣ, ҳаз. нафар | 0,9 |
| 5.Ҷалби сармоягузории дохилӣ, млрд. Сомонӣ | 20,3 | Сатҳи бекорӣ,% | 1,1 |
| 6.Ҷалби сармоягузории хориҷӣ, млн. Сомонӣ | 0,8 | Музди миёнаи меҳнат, сомонӣ | 1,3 |
| 7.Сатҳи таваррум, % | 0,01 | Сатҳи нафақа, сомонӣ | 1,2 |
| 8.Андозбандии иқтисодиёт, млрд сомонӣ | 0,03 | Ҳадди ақкали музди меҳнат, сомонӣ | 3,4 |
| 9.Тағйирёбии қурби асъор, сомонӣ/долл. ИМА | 0,01 | Даромади моҳонаи аҳолӣ, сомонӣ | 1,4 |
| 10.Сатҳи худтаъминкунӣ бо маводи хӯрокаворӣ, % | 0,07 | Таъминот ба манзил, м² | 1,4 |
| Ҳисоби миёна | 95,9[1] | *Ҳисоби миёна* | 119,2[1] |

Тибқи ҳисобҳои Тоҳирҷонов Б.Т. "ҳангоми афзоиши аҳолӣ ба миқдори 100 нафар, шумораи захираҳои меҳнатӣ 85 нафар, қуввaҳои корӣ

15 нафар, шумораи машғулин 13 нафар, бекорони расмӣ 0,7 нафар, ва қувваи кории истифоданашаванда 69 нафарро ташкил медиҳад”.[74]

Аз ин ҷо шумораи қувваҳои кории истифоданашаванда дар соли 2021 ба 3066 ҳаз.нафар баробар буд.[75] Ҳалли масъалаҳои таъмини шуғли аҳолӣ масъалаи муҳимтарини иқтисодии Тоҷикистон боқӣ мемонад.

Ҳамин тавр, такмили омилҳои иқтисодии муҳити молиявӣ пеш аз ҳама ба рушди иқтисодёти солим нигаронида шуда ба риояи 10 принсипи асосӣ такя менамояд.

1.Дахолати маҳдуди давлат ба иқтисодиёт (вале ин маънои онро надорад, ки тамоман бетараф бошад).

2.Суст шудани рушди соҳаҳои алоҳида аз нав дида баромадани нақши давлатро талаб мекунад.

3.Мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ ба фаъолияти хоҷагидорӣ дахолат накунанд.

4.Давлат дар иқтисодиёт бояд заминаи ҳуқуқии бозорро ба вуҷуд оварад (ташкили заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, бақайдгирии ҳуқуқи моликият, ташкили бозорҳои рақобатпазир, воситаҳои боэътимоди танзими зиддиинҳисорӣ, нигоҳ доштани сиёсати фискалӣ ва пулию қарзӣ, рушди шабакаи амнияти иҷтимоӣ, таъмини рушди инфраструктураи зарурӣ, маориф, нигаҳдории тандурустӣ ва ба вучуд овардани сиёсати пурзури экологӣ).

5.Дар он ҷое, ки бозорҳо ҳанӯз суст нашъунамо ёфтаанд, дар он ҷое, ки фазои бозор танг карда мешавад, дар он ҷо давлат бояд барои рушди бозор ва тоза кардани ин фазо дахолат кунад.

6.Дар ҳоле ки худи иқтисодиёт дар марҳилаи гузариши рушди ноустувор қарор дорад, нақши танзимкунандаи давлат ва дахолати он бояд мувофиқ бошад.

---

[74] Тохирджонов Б.Т. диссер. на соис. уч. степ к.э.н. «Совершенствование управления воспроизводством и использованием трудовых ресурсов в сельской местности (на примере Республики Таджикистан), 2022. –С.55

[75] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2022. -С.80

7.Давлат бояд кафили иктисоди озод гардад. Вазифаи он муқаррар кардани қоидаҳои бозор ва сипас иҷрои онҳост, риояи одилона ва беғаразона.

8.Давлат ба мушоҳидагар табдил наёбад. Баръакс, он бояд хеле қавӣ бошад, то ба қонунҳо риоя кунад, аз бозорҳои ҷаҳонӣ ва дохилӣ босалоҳият ва огоҳ бошад, то ба тағйироти вазъ омода бошад, кори худро фаъолона ба нақша гирад, то ба бесарусомонӣ роҳ надиҳад.

9.Давлат бояд манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни аҳолиро муайян кунад, афзалиятҳои тараққиётро ошкор кунад, бо сектори хусусӣ ҳамкории зич дошта, бо ҳамин ҷомеаро муттаҳид ва мустаҳкам намояд.

10.Давлат бояд андозу боҷро чун омили ҳавасмандӣ истифода барад, маошу нафақаро сари вақт пардохт намояд, иҷрои қонуну фармонҳоро таъмин намояд.

Стратегияи халли масъалаҳои макроиқтисодӣ:

- ба эътидол овардани ҳолати буҷет, яъне кам кардани касри буҷети давлатӣ ва пай дар пай пеш гирифтани сиёсати қатъии пулию қарзӣ;
- сатҳи таваррум мӯътадил нигоҳ дошта шуда, қурби пули миллӣ паст нагардад;
- маблағи зиёди пули нақд метавонад ба қурби пули мо зарари ҷиддӣ расонад ва ин боиси коҳиш ёфтани воридот ва афзоиши содирот гардад;
- стратегияи сармоягузории молиявии хориҷиро таҳия намудан зарур аст;
- хусусигардонии корхонахо асосан ба охир расида бошанд ҳам, вале аксари корхонаҳои хусусишуда фаъолият наменамоянд. Зарурати таъмини онҳо бо воситаҳои пулӣ расидааст ва дар акси ҳол метавон шартномаҳои хариду фурӯшро бекор кард;
- бахши истеҳсолӣ аз низоми андоз азият кашида аз фаъолият даст мекашад.Механизми дастгирии соҳаҳои афзалиятнок бояд ёфта шавад.
- ҳимояи сармоягузорони хориҷӣ омили асосии таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дониста мешавад;

➢ рушди соҳаҳои сармояталаб низ ба беҳтар шудани фазои сармоягузорӣ мадад мерасонанд;

➢ бо истифода аз роҳҳои нақлиётии байниминтақавӣ режими либералии сармоягузории хориҷиро ҷорӣ намудан, имкон медиҳад, ки бо мамлакатҳои хориҷӣ мубодилаи мунтазами тичоратиро ба роҳ монем.

➢ сиёсати сармоягузории ошкоро ва либералӣ бо қонунҳои возеҳ, муассир ва қатъӣ иҷрошаванда, пурқувваттарин ангезаи ҷалби сармояи хориҷӣ мебошад. Таҳияи чунин сиёсат бояд яке аз вазифаҳои асосии давлат бошад, зеро тасаввур кардан душвор аст, ки Тоҷикистон чӣ гуна ба рушди босуръати иқтисодӣ бе сармоя, технология ва таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ноил хоҳад шуд.

➢ зарурати таҳияи стратегияи технологии саноатии Тоҷикистонро таҷрибаи ҷаҳонӣ тақозо мекунад. Ҳама кишварҳои рӯ ба тараққӣ, аз саноати меҳнатталаб ба технология доништалаб гузаштанд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ аз бемайлон кам шудани ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ, саноати истихроҷ дар сохтори ММД ва баръакс, афзоиши ҳиссаи саноати коркард ва пеш аз ҳама илмталаб, дорои арзиши иловагии баланд, инчунин сохаи хизматрасониро талқин менамояд.

Барои он ки ба мамлакати ашьёи хом табдил наёбем, бештар бо суръати тезтар бояд саноатро барои истеҳсоли нуриҳо сафарбар намуда, аз ин ҳисоб афзоиши маҳсулотҳои озуқавориро таъмин намоем.

Бояд сиёсати фаъоли диверсификатсияи саноатро пеш гирифт. Бо роҳи тараққӣ додани ин соҳаҳо на танҳо масъалаҳои сохтории иқтисодиёт, балки масъалаҳои бо кор таъмин намудани аҳолӣ ва камбизоатиро ҳам ҳал мекунем, ки ин дар давраи ҳозира махсусан муҳим аст.

Стратегияи пешниҳоднамудаи мо оид ба иҷрои ин афзалияти ҷомеаи бунёдгузор ҷузъҳои зеринро дар бар гирад:

➢ таъмини рушди ягонагӣ дар асоси баробарии имкониятҳо барои ҳамаи шаҳрвандони кишвар;

- дар ҷамъият фарқи доро ва камбағалон кам карда, ба проблемаҳои деҳот доимо диққати махсус дода шавад;
- проблемаҳои иҷтимоие, ки дар давраҳои гузариш ва минбаъда ба миён меоянд, устуворона ҳал бояд кард;
- боз ҳам қавитар бунёд кардани Тоҷикистони сарватманд, ки ҳам суботи сиёсӣ ва ҳам муттаҳидшавии ҷомеаро дар дарозмуддат таъмин мекунад;
- инкишоф додани ҳамаи шаклхои муносибати байни одамон;
- таҳкими эҳтироми мутақобила, таҳаммулпазирӣ ва эътимод байни конфессияҳои гуногун;
- коҳиш додани фарқияти байни шаҳр ва деҳот дар сатҳи маош, нафака, ақибмонӣ, камбизоатию бекорӣ, инфрасохтор, маорифу тандурустӣ, офатхои экологӣ.

Омилҳои иҷтимоӣ ба худ дараҷаи шуғли (бекории) ахолӣ, дараҷаи тахассуси кадрҳо, тайёр кардан ва бозомузии онҳо; ҳифзи иҷтимоии аҳолиро муттаҳид менамояд.

Омилҳои экологӣ ба худ муҳити экологӣ, мавҷудияти захираҳои табиӣ, ҳолати муҳити табиӣ, ҳолати муҳити зист, нарасидани навъҳои алоҳидаи захираҳо, ашьёи хом; бо иншоотҳои тозакунӣ мусаллаҳ намудани корхонаҳои саноатӣ, кам кардани истеҳсолоти хавфнок, дахолати давлат ба раванди истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ; маблағгузорӣ ба бунёди технологияҳои безарар ва сатҳи татбиқи онҳоро таҷассум мекунад.

Таҳдидҳои назарраси демографӣ ва экологӣ, ки бо онҳо кишвар рӯ ба рӯ шудааст, талабот ба шароитҳои манзилу маиширо афзуда, ифлосшавии муҳити зист ва сатҳи пасти идоракунии экосистемаҳо, нигоҳдории гуногунии биологӣ, харобшавии заминҳо, осебпазирӣ ба оқибатҳои тағйирёбии иқлим, дастрасӣ ба оби тоза ва санитария, аз ҷумла нобудкунии партовҳои маиширо дар бар мегиранд.

**Ҷадвали 3.1.6. Самтҳои асосии тадбирҳои таҳкими ҳифзи иҷтимоии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон**

| Самтҳо | Тадбирҳо |
|---|---|
| Дар самти рушди низоми таъмини инкишофи фарогир ва коҳиш додани нобаробарӣ: | ✓ ташаккул додани низоми дастрасии умумӣ ба хизматрасониҳои сифатноки иҷтимоии ҷамъиятӣ (бо назардошти талаботу имкониятҳои аҳолии камбизоат ва табақаи миёна);<br>✓ пешбурди низоми шаффофият ва ҳисоботдиҳии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, дастгирии мониторинги ҷамъиятии иҷрои уҳдадориҳои ба зимма гирифташуда оид ба аз нав тақсимкунии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва сифати онҳо, рушди низоми муколамаи иҷтимоӣ;<br>✓ дарёфти механизмҳои дастгирии ташаббусҳои минтақавӣ, бо назардошти барномаҳои рушди сармояи инсонӣ а ҳамгироии байниминтақавӣ;<br>✓ таҳия ва ҷорӣ намудани таҷрибаи гузоришҳои миллӣ оид ба ташхиси афзоиш ва фарогир будани рушд. |
| Дар самти такмилдиҳии сиёсати таъмини баробарии гендерии воқеӣ: | ✓ такмил додани қонунгузорӣ бо мақсади амалисозии кафолатҳои давлатӣ оид ба фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои занон ва мардон;<br>✓ таҳияи механизмҳои институтсионалӣ дар сиёсатҳои соҳавӣ оид ба ҷорӣ намудани уҳдадориҳои миллӣ ва байналмилалӣ вобаста ба таъмини баробарии гендерӣ ва тавсеаи имкониятҳои занон;<br>✓ фаъол намудани механизмҳои таъмини саводнокии ҳуқуқӣ ва ҷалби иҷтимоии занон, бо назардошти занони деҳот;<br>✓ баланд бардоштани неру ва ҳассосияти гендерии кормандони тамоми шохаҳои ҳокимият;<br>✓ ҷорӣ намудани буҷеткунонии гендерӣ дар раванди таҳияи буҷет. |
| Дар самти пешгирии ҳамаи шаклҳои зӯроварӣ нисбат ба занону духтарон: | ✓ рушди заминаи қонунгузорӣ ва меъёрӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ нисбат ба занон ва расонидани кумак ба қурбониёни зӯроварӣ;<br>✓ ташкили ниҳодҳо оид ба ҳамоҳанг сохтан ва тавсеа додани фаъолияти сохторҳои давлатӣ дар самти пешгирии зӯроварӣ ва кумак ба қурбониёни зӯроварӣ;<br>✓ васеъ намудани доираи тадбирҳо оид ба таъмини дастрасӣ ва сифати хизматрасонӣ ба занону духтарони гирифтори зӯроварӣ;<br>✓ такмил додани омори гендерӣ ва бунёди махзани маҷмӯӣ оид ба тамоми шаклҳои зӯроварӣ;<br>✓ таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба тағйирдиҳии идрок ва шаклҳои рафторе, ки хушунатро нисбати занон ва духтарон асоснок мекунанд. |
| Дар самти таъмини некӯаҳволии кӯдакон: | ✓ ба миён овардани таҷрибаи таҳия намудани гузоришҳои миллӣ дар самти некӯаҳволии кӯдакон ва набудани иштироки иҷтимоӣ ва ё иштироки иҷтимоии кӯдакони маъюб, ятим, кӯдакон аз оилаҳои камбизоат, кӯдакони дар низоъ бо қонунбуда;<br>✓ рушди институтсионалии низоми ҳимояи давлатии ҳуқуқҳои кӯдак, ташаккули сиёсати беҳтар намудани вазъи кӯдакон (дар қонун ҷорӣ намудани мафҳуми “адолати ҳуқуқӣ барои кӯдакон”);<br>✓ ташаккули низоми пешгирии бадшавии некӯаҳволии кӯдакон;<br>✓ таъсис додани ниҳоди ҳифзи ҳуқуқи кӯдак (Омбудсмен) ва гузаронидани ислоҳоти ҳуқуқӣ дар робита ба адлияи ювеналӣ (нécholиғон). |

**Сарчашма:** Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

Ҳамин тавр, роҳҳои асосии таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ таҳқиқ карда чунин хулоса намудан мумкин аст.

Омилҳои ба муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ таъсиррасонадаро ба омилҳои сиёсӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ гурӯҳбандӣ намудем. Дар доираи тадқиқоти диссертатсионӣ самтҳои таҳкими ин омилҳоро пешниҳод намудем, ки чунинанд:

- дар самти омилҳои сиёсӣ. Новобаста аз он ки суботи сиёсии дохили кишвар таъмин аст, вале хавф вобаста ба вазъи сиёсии Афғонистон ҷой дорад. Барои пешгирии онҳо монеаҳои наверо, ки дар роҳи ваҳдат душворӣ меоранд, новобаста аз он ки ин монеаҳо ба одатҳо, дилбастагӣ, манфиатҳои махсус, таассуф, дин, ҷомеаи синну сол ва дигар омилҳо асос ёфтаанд барҳам диҳем. Аз ҳама шаклҳои муколама истифода бурда, таҳкими робита ва муносибатҳои мутақобилаи байни одамонро бояд афзун намуд;
- дар самти омилҳои иқтисодӣ. Такмили муҳити молиявӣ пеш аз ҳама ба рушди иқтисодёти солим нигаронида шуда, ҷалби сармояи назарраси хориҷиро таъмин намояд. Он ба иҷрои 10 принсипи асосӣ такя менамояд, ки муносибати давлат ба соҳибкориро муайян мекунад. Маҳаки асосӣ дар он аст, ки давлат дар иқтисодиёт бояд заминаи ҳуқуқии бозорро ба вуҷуд оварад.

Стратегияи халли масъалаҳои макроиқтисодӣ ба эътидол овардани касри буҷети давлатӣ, таҳким додани сиёсати пулию қарзӣ, дар ҳолати мӯътадил нигоҳ доштани сатҳи таваррум, кам кардани микдори пули накд дар муомилот, баланд бардоштани иқтидори содиротӣ, танзими низоми андоз, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва ғ тақозо менамояд.

Зарурати таҳияи стратегияи гузаштан аз саноати меҳнатталаб ба технологияи доништалаб ба миён омадааст. Тадриҷан кам намудани ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ, саноати истихроҷ дар сохтори ММД ба афзоиши ҳиссаи саноати коркард ва пеш аз ҳама илмталаб;

- дар самти омилҳои демографӣ ба муҳити молиявии соҳибкорӣ афзоиши шумораи аҳолии синни қобили меҳнат таъсири бевосита мерасонад, зеро он захираи хеле арзони суръатбахши рушди соҳибкорӣ

мебошад. Яке аз омилҳои ташкили корхонаҳои муштарак байни Тоҷикистон ва дигар мамлакатҳо маҳз қувваи кории арзон ба ҳисоб меравад. Истифодаи нерӯи кориро дар соҳаи кишоварзӣ, ки сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат дорад истифода бурдан хато аст. Дур шудан аз бартарияти ҳиссаи шуғл дар соҳаи кишоварзӣ бояд қисми муҳими ислоҳот дар соҳаи шуғл ва афзоиши маҳсулнокии меҳнат гардад. Самтҳои асосии тадбирҳои таъмини шуғли захираҳои меҳнатӣ дар Тоҷикистон пешниҳод гардиданд;

- дар самти омилҳои илмӣ-техникӣ дараҷаи тараққиёти илм ва такмили техника, суръати тағирёбии технология, сатҳи сармоягузорӣ ба инноватсия, иштироки давлат дар тадқиқоти илмию технологиро дар бар мегирад. Бунёди иқтидори инноватсионӣ, корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию лоиҳакашии худмаблағгузор, ки бо истеҳсолот алоқаи зич доранд ва бояд давом дода шаванд. Самтҳои асосии тадбирҳои таъмини шуғли захираҳои меҳнатӣ дар Тоҷикистон дар намуди ҷадвал оварда шудаанд;
- дар самти такмили омилҳои иҷтимоӣ афзудани дараҷаи шуғли ахолӣ, дараҷаи тахассуси кадрҳо, тайёр кардан ва бозомузии онҳо, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар назар дошта шудааст.

Сатҳи нобаробарӣ аз рӯи даромад ва нобаробарии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон баланд боқӣ мемонад. Мушкилоти асосӣ сатҳи баланди тафовути даромад ва имкониятҳо, тақсимоти нобаробари ҷуғрофии имкониятҳои иқтисодӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, рушди нокифояи инфрасохтори иҷтимоӣ, бахусус дар деҳот, зуҳуроти шаклҳои мухталифи зӯроварӣ нисбати занон ба ҳисоб меравад. Барои рафъи ин мушкилотҳо рушди низоми таъмини инкишофи фарогир ва коҳиш додани нобаробарӣ, паст намудани нобаробарии гендерӣ дар асоси такмили сиёсат оид ба таъмини воқеии баробарии гендерӣ, пешгирии ҳама гуна шаклҳои зӯроварӣ нисбат ба занону духтарон, таъмини некӯаҳволии кӯдакон дар намуди ҷадвал тадбирҳо пешниҳод гардиданд;

➢ дар самти такмили омилҳои экологӣ тадбирҳо оид беҳтар намудани ҳолати муҳити зист, бо иншоотҳои тозакунӣ мусаллаҳ намудани корхонаҳои саноатӣ, кам кардани истеҳсолоти хавфнок, дахолати давлат ба раванди истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, маблағгузорӣ ба бунёди технологияҳои безарар, сатҳи пасти идоракунии экосистемаҳо, нигоҳдории гуногунии биологӣ, харобшавии заминҳо, осебпазирӣ ба оқибатҳои тағйирёбии иқлим, дастрасӣ ба оби тоза ва санитария, аз ҷумла нобудкунии партовҳои маишӣ системаи тадбирҳо пешниҳод гардидаанд.

## 3.2. Таҳияи стратегияи молиявӣ ҳамчун самти асосии беҳтар намудани муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ

Дар иқтисодиёти муосир самаранокии соҳибкорӣ асосан аз рӯи стратегияи молиявии он муайян карда мешавад, ки он дар баланд бардоштани рақобатпазирӣ, таъмини ҷалб ва истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ, ҳамоҳангсозии ҷараёни онҳо нақши муҳим бозида, баланд шудани арзиши бозории корхона ва некуаҳволии сохибони онро таъмин мекунад.

Воситаи муҳими идоракунии корхона стратегияи молиявӣ мебошад. Ин нақшаи генералии чорабиниҳо мебошад, ки ташаккули молия ва банақшагирии онҳо барои таъмини устувории молиявии корхонаро дар бар мегирад, ки аз:

а) банақшагирӣ, баҳисобгирӣ, таҳлил ва назорати вазъи молиявӣ;

б) такмили сармояи асосӣ ва гардон;

в) тақсимоти фоидаро дар бар мегирад.[76]

Стратегияи молиявии ташкилот маҷмӯи тадбирҳоест, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои молиявии дарозмуддат нигаронида шудаанд.

Вазифаҳои стратегияи молиявӣ дар ҷадвали 3.2.1 оварда шудааст.

---

[76] Горицкая Н. Финансовая стратегия. URL: http://www.manage-ment.com.ua/finance/fin112.html

**Ҷадвали 3.2.1. Вазифаҳои стратегияи молиявӣ**

| Вазифаҳо | Моҳияти онҳо |
|---|---|
| Вазифаи ташкилӣ | раванди таҳия ва татбиқи стратегияи молиявӣ бо захираҳои зарурии меҳнатӣ, зеҳнӣ ва молиявӣ таъмин карда, дар мутобиқ намудани амалиёти идораю шахсони манфиатдор, ҳавасмандгардонӣ, мукофот ва ҷазо додани кадрҳо, назорати фаъолияти онҳо таҷассум меёбад. |
| Вазифаи таъминкунӣ | сари вақт бо захираҳои молиявии барои фаъолият таъмин намудани соҳибкорӣ, пешгӯӣ ва банақшагирии даромади онҳо, ҷустуҷӯи омезиши оптималии манбаъҳои ҷалби онҳо иборат аст |
| Вазифаи тақсимотӣ | пешгӯӣ ва банақшагирии мӯҳлат ва ҳаҷми сармоягузорӣ, дигар хароҷотҳо ва ҷустуҷӯи объектҳои сармоягузории асосӣ |
| Вазифаи иттилоотӣ | мутамарказсозӣ, ба низом даровардан ва коркарди иттилооти воридшаванда ва дар асоси он ташаккул додани тавсияҳо оид ба ташкили фаъолияти молиявӣ, истеҳсолӣ ва фурӯш, инчунин таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили самтҳои фаъолияти стратегӣ |
| Вазифаи зиддибӯҳронӣ | саривақт муқаррар намудани пешгирии хатарҳои гуногун дар муҳити берунӣ ва дохилӣ ва аз бухрони молиявӣ самараноктар баромадани фаъолияти соҳибкорӣ |
| Вазифаи оптимизатсия | таъмин намудани самаранокии фаъолияти сармоягузориҳо ва ҷалби захираҳои молиявӣ, ба даст овардани самараи синергетикӣ |
| Вазифаи мутобиқшавӣ | мутобиқсозии доимии стратегияи молиявӣ ба шароити тағйирёбандаи муҳити беруна ва дохилӣ бо мақсади истифодаи имкониятҳои нав ва ҳифзи соҳибкорӣ аз таҳдидҳои нав муайяншуда |
| Вазифаи назорат | омӯзиши тамоюлҳои таҳия ва татбиқи стратегияи молиявӣ, муайян намудани омилҳои берунӣ ва дохилие, ки ба раванди идоракунии стратегӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Таҳияи пешниҳодҳо оид ба бартараф намудани онҳо ё паст кардани таъсири онҳо иборат аст |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси: Оводков Д. А. Финансовая стратегия предприятия и механизм ее разработки. Воронеж, 2008. 25 с.

Коршиносони соҳаи менеҷменти молиявӣ стратегияи молиявиро ҳамчун ҷузъи стратегияи умумии ширкат дар баробари маҳсулот, сармоягузорӣ, маркетинг ва дигар намудҳои стратегия пешниҳод мекунанд ва ин бевосита онҳоро муттаҳид мекунад. Аммо дар баробари ин фарқиятҳои назаррас вуҷуд доранд. Ҳамин тариқ, Н.Н.Симоненко ҳангоми муайян кардани стратегияи молиявӣ равиши функсионалии методологиро истифода мебарад [10, с. 8].[77] В.А.Щербаков ва Е.А.Приходко стратегияи молиявиро воситаи ноил шудан ба ҳадафҳои идоракунии молиявӣ ва иҷрои вазифаҳои идоракунӣ мешуморанд [13, с. 74].[78]

Муҳаққиқи дигар Д.А.Оводков стратегияи молиявиро ҳамчун категорияи иқтисодии мутеъи қонунҳои бозор таҳлил мекунад. Истифодаи маблағҳои захираҳои молиявӣ аз муҳити беруна аз

[77] Симоненко Н. Н., Симоненко В. Н. Краткосрочная и долгосрочная финансовая политика фирмы. М.: Магистр; ИНФРА-М, 2012. 508 с.
[78] Щербаков В. А., Приходько Е. А. Краткосрочная финансовая политика. М.: КноРус, 2012. 272 с.

мавҷудияти воридот ва натиҷаҳои табдилёфтаи системаи мавҷуда гувоҳӣ медиҳад.[79]

Хусусиятҳои муҳимтарини стратегияи молиявии соҳибкорӣ дар расми 3.2.1 оварда шудаанд.




Расми 3.2.1. Хусусиятҳои муҳимтарини стратегияи молиявии соҳибкорӣ.
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси: Оводков Д. А. Финансовая стратегия предприятия и механизм ее разработки. Воронеж, 2008. 25 с.

Моҳияти стратегияи молиявӣ дар вазифаҳои мушаххаси он, ки бо вазифаҳои молияи соҳибкорӣ ва идоракунии стратегии он муайян карда мешаванд, зоҳир мегардад.

Мақсади асосии стратегии молиявӣ таъмини соҳибкорӣ бо захираҳои зарурӣ ва кофии молиявӣ мебошад. Стратегияи молиявӣ мувофиқи ҳадафҳои асосии стратегии зерин таҳия карда мешавад (ҷадвали 3.2.2).

[79] Оводков Д. А. Финансовая стратегия предприятия и механизм ее разработки. Воронеж, 2008. 25 с.

**Ҷадвали 3.2.2. Хусусиятҳои муҳимтарини стратегияи молиявии соҳибкорӣ.**

| № т/т | Ҳадафҳои асосии стратегияи молиявӣ |
|---|---|
| 1 | ташаккули захираҳои молиявӣ ва идоракунии мутамаркази стратегии онҳо |
| 2 | муайян намудани самтҳои муҳим ва равона кардани ҷидду ҷаҳд ба иҷрои онҳо, истифодабарии чандирии захираҳо аз тарафи идораи молиявӣ |
| 4 | рутбабандӣ ва марҳила ба марҳила расидан ба вазифаҳо |
| 5 | мувофиқати амалиёти молиявӣ ба вазъияти иктисодӣ ва имконияхтои моддии соҳибкор |
| 6 | баҳисобгирии объективии вазъи молиявию иқтисодӣ ва вазъи воқеии молиявии соҳибкор дар давоми сол, семоҳа, моҳ |
| 7 | ташкил ва омода намудани захираҳои стратегӣ бо назардошти имконияхтои иктисодию молиявии соҳибкор ва ракибони он |
| 8 | муайян намудани хатари асосии рақибон, сафарбар намудани қувваҳо барои бартараф намудани он ва интихоби моҳиронаи самтҳои амали молиявӣ |
| 9 | мубориза барои ба даст овардани бартарии қатъӣ нисбат ба рақибон |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси: *Карпова Е. Н.,Кочановская О. М. и др. Долгосрочная финансовая политика организации. М.: Альфа-М; ИНФРА-М, 2014. –С.10 (208 с.).*

Барои ноил шудан ба ҳадафи асосии стратегӣ мувофиқи талаботи бозор ва имконияхтои соҳибкор стратегияи умумии молиявии соҳибкорӣ таҳия карда мешавад. Он бояд чорабиниҳои зеринро амалӣ намояд (ҷадвали 3.2.3).

**Ҷадвали 3.2.3. Низоми чорабиниҳо барои ноил шудан ба ҳадафи асосии стратегӣ.**

| № т/т | Низоми чорабиниҳо |
|---|---|
| 1 | омузиши мохият ва шаклҳои ташаккули молиявӣ дар шароити иктисоди бозорӣ |
| 2 | таҳия ва омода намудани вариантҳои имконпазири ташаккули захираҳои молиявӣ ва амалҳои идоракунии молиявӣ дар ҳолати ноустувор ё бӯҳрони вазъи молиявии соҳибкорӣ |
| 4 | муайян намудани муносибатҳои молиявӣ бо таъминкунандагон ва харидорон, буҷетҳои ҳамаи сатҳҳо, бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявӣ |
| 5 | ошкор намудани захираҳо ва сафарбар намудани онҳо барои хеле окилона истифода бурдани иқтидорҳои истеҳсолӣ, фондҳои асосӣ ва фондҳои гардон |
| 6 | бо захираҳои молиявии барои фаъолияти истеҳсолии зарур таъмин намудани соҳибкорӣ |
| 7 | таъмини истифодаи самарабахши маблағҳои муваққатан озод бо мақсади ба даст овардани фоидаи бештар |
| 8 | муайян кардани роҳҳои амалӣ гардондани стратегияи бомуваффақияти молиявӣ ва истифодаи стратегии имконияхтои молиявӣ, навъҳои нави маҳсулот ва таълими ҳаматарафаи кадрҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ, такмили сохтори ташкилӣ ва таҷҳизонидани фаъолият |
| 9 | омӯзиши нуқтаи назари стратегии молиявии рақибони эҳтимолӣ, имконияхтои иқтисодӣ ва молиявии онҳо, таҳия ва татбиқи чораҳои таъмини суботи молиявӣ |
| 10 | таҳияи роҳҳои баромадан аз вазъияти бӯҳронӣ ва ҳамоҳангсозии кӯшишҳои тамоми кормандон барои рафъи бӯҳрони молиявӣ |
| 11 | таҳияи усулҳои идоракунии кадрҳои корхона дар шароити ноустувор ё бӯҳрони молиявӣ |

Сарчашма: Кытманов А. В. Финансовая стратегия как фактор устойчивого развития предприятия. Ижевск, 2005. 25 с.

Ҳангоми таҳияи стратегияи молиявӣ ба инҳо диққати махсус дода мешавад:

- ➢ муайян кардани даромади пулӣ;
- ➢ сафарбар намудани захираҳои дохилӣ;
- ➢ ҳадди аксар кам кардани хароҷоти истеҳсолот;
- ➢ таксим ва истифодаи дурусти фоида;
- ➢ муайян кардани талабот ба сармояи муомилот;
- ➢ истифодаи оқилонаи сармояи корхона.[80]

Стратегияи молиявӣ, ки ҳадафи асосии он ноил шудан ба худидоракунии пурра ва мустақилияти соҳибкорӣ дар асоси принципхои муайяни ташкилӣ ба ҳисоб меравад, чунин самтҳоро дар бар мегирад:

- ❖ банақшагирии молиявии ҷорӣ ва дарозмуддат, ки тамоми даромадҳо ва самтҳои асосии харҷи онҳоро муайян мекунад;
- ❖ мутамарказонидани захираҳои молиявӣ дар самтҳои асосии фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ;
- ❖ ташаккули захираҳои молиявие, ки фаъолияти устувори соҳибкориро дар шароити тағйирёбии эҳтимолии шароити бозор таъмин мекунанд;
- ❖ иҷрои бечунучарои ӯҳдадориҳои молиявӣ дар назди шарикон;
- ❖ таҳияи сиёсати ҳисобдорӣ, молиявӣ ва истеҳлоки соҳибкорӣ;
- ❖ ташкил ва пешбурди баҳисобгирии молиявии соҳибкорӣ ва бахшҳои тиҷорат дар асоси стандартҳои ҷорӣ;
- ❖ тартиб додани ҳисоботи молиявӣ тибқи меъёру қоидаҳои амалкунанда, бо риояи талаботи стандартҳо;
- ❖ таҳлили молиявии фаъолияти соҳибкорӣ ва бахшҳои он (сегментҳои афзалиятноки иқтисодию географӣ, дигар сегментхо ҳамчун як қисми моддаҳои таксимнашуда);
- ❖ назорати молиявии корхона ва тамоми бахшҳои он.[81]

---

[80] *Соколова Н. Н., Егорова Т. Н. Финансовая стратегия как важная составляющая общей стратегии компании // Фундаментальные исследования.*
*2015. № 2-12. С. 2701-2704.*
[81] Карпова Е. Н., Кочановская О. М. и др. Долгосрочная финансовая политика организации. М.: Альфа-М; ИНФРА-М, 2014. –С.6. (208 с.).

Стратегияи молиявӣ тамоми шаклҳои фаъолияти молиявии соҳибкорро (беҳсозии сармояи асосӣ ва муомилот, ташаккул ва тақсими фоида, ҳисоббаробаркуниҳои пулию қарзӣ ва сиёсати сармоягузорӣ) фаро гирифта, қонунҳои объективии иқтисодии муносибатҳои бозориро таҳқиқ мекунад, шаклу усулҳои зинда мондан ва инкишофро дар шароити нав таҳия менамояд.

Стратегияи молиявӣ усулҳо ва амалияҳои ташаккули захираҳои молиявӣ, банақшагирии онҳо ва таъмини устувории молиявии соҳибкориро дар бар мегирад. Стратегияи молиявӣ бо назардошти ҳамаҷонибаи имкониятҳои молиявӣ, ба таври объективӣ баҳодиҳии хусусияти омилҳои берунӣ ва дохилиро таъмин менамояд, ки имкониятҳои молиявию иқтисодии соҳибкор ба шароитҳои дар бозор мавҷудбуда мувофиқат кунад ва фаъолият дар мӯҳлати дарозмуддатро таъмин намояд.

Ҳадафҳои стратегияи молиявӣ бояд ба стратегияи умумии рушди иқтисодӣ тобеъ бошанд ва ба ҳадди аксар расонидани фоида ва арзиши бозории он нигаронида шаванд.

Тамоми маҷмӯи омилҳои дохилӣ ва беруние, ки ба ташаккули стратегияи молиявӣ таъсир мерасонанд ба чор гурӯҳи асосӣ тақсим кардан мумкин аст:

1.омилҳое, ки ба ҷузъи иҷтимоии стратегияи молиявӣ таъсир мерасонанд (масалан, рушди пешбинишудаи иқтисодиёти кишвар ва тағирёбии шароити бозори молиявӣ дар заминаи сегментҳои алоҳидаи он);

2.омилҳое, ки ба ҷузъи экологии стратегияи молиявӣ таъсир мерасонанд;

3.омилҳое, ки ба ҷузъи молиявию иқтисодии стратегияи молиявӣ таъсир мерасонанд (масалан, самаранокии технологии лоиҳаҳои сармоягузорие, ки барои татбиқ интихоб карда мешаванд; номгӯи воситаҳои молиявие, ки ташаккули портфели самараноки сармоягузориро таъмин мекунанд, сатҳи хавфҳо барои фаъолияти молиявӣ) ;

4.омилҳое, ки ба ҷузъи институтсионалии стратегияи молиявӣ таъсир мерасонанд (масалан, обрӯи кории корхона, сатҳи назорат аз болои фаъолияти молиявии воҳидҳои сохторӣ, сатҳи қаноатмандии моддӣ ва иҷтимоии роҳбарони молиявӣ).




Расми 3.2.2. Омилҳое, ки ба ташаккули стратегияи молиявии соҳибкорӣ таъсир мерасонанд.
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси: Оводков Д. А. Финансовая стратегия предприятия и механизм ее разработки. Воронеж, 2008. 25 с.

Таҳияи унсурҳои асосии стратегияи молиявӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ба натиҷаҳои он вобаста аст. Маҳсулоти ниҳоии он аз вазъи молиявии стратегии он вобаста мебошад, зеро имкониятҳои рушди молиявиро дар заминаи ҳар як самтҳои стратегии бартаридоштаи фаъолияти соҳибкорӣ ба даст овардан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, стратегияи молиявии соҳибкорӣ маҷмӯи тадбирҳоест, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои молиявии дарозмуддат нигаронида шудаанд.

Таҳияи стратегияи молиявӣ ҷанбаи муҳимтарини фаъолияти идоракунӣ мебошад, зеро стратегияи самаранок ва оқилона ба корхона имкон медиҳад, ки дар сахти муҳити беруна бомуваффақият рушд ва фаъолият кунад.

Тибқи равиши системавӣ ба идоракунӣ, соҳибкорӣ низоми кушодаест, ки якпорчагии он бо унсурҳои ташаккулёфта таъмин карда мешавад. Маҷмӯи ин унсурҳо муҳити дохилии соҳибкориро ташкил медиҳанд. Тарҳрезӣ ва эҷоди он хусусиятҳои фаъолияти ташкилот, доираи истеъмолкунандагон, шароити бозор, шароити тиҷорат, рақобат дар бозор ва ғайраҳоро ба назар мегирад.

Яке аз таърифҳои маъмултарин муҳити дохилии соҳибкориро ҳамчун маҷмӯи омилҳое баррасӣ мекунад, ки аз ҷониби он эҷод ва назорат карда мешавад. Дигар муҳаққиқон ин мафҳумро ҳамчун маҷмӯи унсурҳо, зерсистемаҳо, ҷузъҳо ва омилҳои ба ҳам алоқаманд шарҳ медиҳанд, ки асоси соҳибкориро ташкил медиҳанд, аз ҷониби роҳбарон ва кормандони он назорат карда мешаванд ва дар натиҷа даромаднокии дарозмуддат ва муваффақияти онро дар бозор таъмин менамояд.

Одатан, муҳити дохилиро роҳбарони ташкилот мувофиқи ақидаҳои онҳо дар бораи кадом унсурҳо фаъолият ва рушди самараноки онро таъмин мекунанд, ташаккул медиҳанд. Бо таҳлили равишҳои гуногуни илмӣ ба сохтори муҳити дохилӣ, мо метавонем назарияҳои маъмултаринро барои тасниф кардани ҷузъҳои дохилии созмон муайян кунем.

Масалан, Пальцев Н.И. муҳити дохилии ташкилотро ҳамчун маҷмӯи сохтори ташкилӣ, технологияи истеҳсолӣ ва фарҳанги корпоративӣ тавсиф мекунад, ки ба ақидаи ӯ, афзалиятҳои рақобатии ширкатро то ҳадди аксар ташаккул медиҳанд.[82]

[82] Пальцев Н.И. Формирование благоприятной предпринимательской среды как фактор социального развития региона : диссертация ... кандидата экономических наук : 08.00.05 / Ставрополь, 2009.- 180 с.

Комилов С.Ҷ., омилҳои муҳити дохилиро тасниф намуда, унсурҳои зеринро нишон дод: низоми молиявӣ, андоз, қарз, суғурта, имтиёз ва қарордодҳои маъмурӣ.[83]

Гришин И.Г. омилҳои зерини муҳити дохилиро муайян кардааст, ки ба туфайли онҳо ташкилот метавонад бартарии ракобатӣ ба даст орад: омилхои сохторӣ, захиравӣ, техникӣ, идоракунӣ, бозорӣ ва самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ.[84]

Агар хусусиятҳои соҳибкорӣ ҳамчун меъёри сохторӣ истифода шаванд, он гоҳ муҳити дохилӣ маҷмӯи омилҳо ба монанди стратегияҳои ҷорӣ, имкониятҳои ташкилӣ, бартариҳои рақобатӣ, ҷанбаҳои қувваю заъф ва мушкилоти эҳтимолии стратегӣ ба ҳисоб меравад.

Бо вуҷуди ин, маъмултарин ҳоло ҳам модели классикии муҳити дохилӣ мебошад. Тибқи ин модел панҷ давраи асосии таҳияи модел мавҷуданд, ки сохтори муҳити дохилии ҳар як ташкилотро ташкил медиҳанд (расми 3.2.3).




Расми 3.2.3. Давраҳои таҳияи модели стратегияи молиявӣ

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси: А. В. Миляев, Как построить финансовую модель. Журнал «Планово-экономический отдел» № 6, 2022. –С. 16.

[83] Комилов С.Ҷ,\., Низомова Т.Д.,Давлатзод У. Иқтисоди корхона.Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олии таҳсилоти низоми кредитӣ. 2015. –С.185 (640)с.
[84] Гришин И.Г.Формирование предпринимательской среды малого бизнеса в регионе: диссертация ... кандидата экономических наук : 08.00.05 / Воронеж, 2000.- 190 с.

Пас аз ҷамъбаст кардани равишҳои асосии назариявӣ ба сохтори муҳити дохилии ташкилот, мо метавонем ба хулосае расем, ки он аз рӯи хусусиятҳои функсионалӣ ё расмиёт амалӣ карда метавонад.

Агар сохтор ба хусусиятҳои функсионалӣ асос ёбад, пас асоси он изҳорот аст, ки соҳаҳои функсионалӣ барои ҳама системаҳои истеҳсолӣ универсалӣ мебошанд. Аз ин рӯ, муҳити дохилӣ аз функсияи кадрӣ, функсияи молия ва ҳисобдорӣ, занҷири таъминот, тадқиқот ва конструкторӣ, тақсимоти маҳсулот, функсияи истеҳсолӣ, маркетинг иборат аст.

Ҳамаи унсурҳои муҳити дохилӣ бо хам алоқамананд, бинобар ин тағйир ёфтани ҳар кадоми онҳо ба андозаи муайян ба ҳамаи дигарон таъсир мерасонад.

1.Миссия ва ҳадафҳо. Рисолати ташкилот ҳадафи асосии берунии он, ҳадафи асосии он мебошад, ки хусусияти фаъолият, шароити тиҷорат, истеъмолкунандагони маҳсулот ва роҳҳои қонеъ кардани талаботи онҳоро муайян мекунад. Рисолати ташкилот дар ҳадафҳо - ҳолатҳои мушаххаси ниҳоӣ ё натиҷаҳои дилхоҳе, ки соҳибкор ба онҳо ноил шудан мехоҳад, таҷассум ёфтааст. Ҳадафҳо бештар ба омилҳои дохилӣ алоқаманданд, зеро онҳо ба муҳити дохилӣ нигаронида шудаанд, дар ҳоле ки миссия ба муҳити беруна нигаронида шудааст. Бояд гуфт, ки ин ду ҷузъ бо ҳам алоқаманданд, зеро ҳадафҳо таркиби асосии миссияро муайян мекунанд; Бо ноил шудан ба онҳо созмон тадриҷан, зина ба зина ба ҳадафи асосии худ наздик мешавад.

2. Структура унсури дуюми муҳити дохилист, ки таркиб ва муносибати сохторҳои дохилии онро (сеххо, участкаҳо, шуъбаҳо ва дигарҳо), ки механизми ягонаи хоҷагидориро ташкил медиҳанд, муайян мекунад.

Фарқ кардани сохтори умумӣ, истеҳсолӣ ва ташкилии корхона анъанавӣ аст. Умуман, мо тамоми сохтори мавҷудаи ташкилотро дар назар дорем: маҷмӯи воҳидҳои истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва ёрирасон,

инчунин дастгоҳи идоракунии ташкилот. Баръакси сохтори умумӣ, сохтори истеҳсолӣ шакли ташкили раванди истеҳсолот буда, аз рӯи андозаи ташкилот, шумораи участкаҳои истеҳсолӣ, анборҳо ва устохонаҳо, хизматрасонӣ ва ҷойҳои корӣ, ба нақша гирифтан, ташкил ва назорати онҳо муайян карда мешавад. Дар мавриди сохтори ташкилӣ бошад, он ҳамчун маҷмӯи алоқаҳои ба ҳам алоқаманди идоракунӣ (вазифаҳо, алоқаҳо ғайра) амал мекунад.

Бояд гуфт, ки мақсади асосии ҳар як сохтори ташкилӣ таъмини ташаккули дуруст ва фаъолияти самараноки он дар шароити бозори беруна мебошад.

3.Унсури навбатии муҳити дохилӣ вазифаҳо мебошанд. Вазифаҳо ҳамчун кори мушаххас ё як қисми он фаҳмида мешаванд, ки бояд бо тартиби қаблан мувофиқашуда, дар муддати муайян анҷом дода шаванд. Умуман, тамоми номгӯи вазифаҳо дар корхона ба се категория тақсим карда мешавад: вазифаҳои марбут ба кор бо одамон (идоракунӣ); супоришҳо барои кор бо объектҳо (вазифаи коргар); вазифаҳои кор бо иттилоот (вазифаҳое, ки маркетологҳо, молиячиён ва дигар мутахассисон иҷро мекунанд).

4.Технология. Як ҷузъи муҳими муҳити дохилии ташкилот технология мебошад. Технология маҷмӯи малакаҳои коргарон, таҷҳизот, асбобҳо, инфрасохтори истеҳсолӣ ва донишҳои дахлдори техникӣ мебошад, ки барои оқилона табдил додани тамоми захираҳои мавҷудаи ташкилот ба маҳсулот заруранд.

Тағйироти технология тағйироти муҳити дохилии ташкилотро тақозо мекунад: истифодаи технологияи нав рақобатпазирии баланди маҳсулотро (аз рӯи сифат ва арзиш) таъмин менамояд. Аз ин рӯ, ташкилот бояд технологияи мавҷударо мунтазам тағир диҳад, то мавқеи рақобатии худро суст накунад.

5.Одамон ва маданият. Ташкилот, пеш аз ҳама, гурӯҳи одамоне мебошад, ки тамоми қувваҳои худро якҷоя намуда, барои расидан ба мақсад

муттаҳид мешаванд. Аз ин рӯ, омили инсонӣ яке аз омилҳои муҳимтарини муҳити дохилии ташкилот мебошад. Нақши ӯро қобилият ва истеъдоди кормандон, талабот ва рафтори онҳо, дониш ва муносибат ба кор, мавқеъ, дарки арзишҳо, муҳити зист, мавҷудияти сифатҳои роҳбарӣ ва ғайра муайян мекунад.

Менеҷерон бояд барои кормандон шароит фароҳам оваранд, ки рафтори аз ҷониби созмон матлубро пешбарӣ кунанд. Азбаски нақши омили инсонӣ дар фаъолияти ташкилот вақтҳои охир ба таври назаррас афзудааст, ин ташаккули фарҳанги муайяни ташкилиро тақозо мекунад, ки манфиатҳои кормандони онро муттаҳид карда, намуди дилхоҳи муносибатҳои ташкилиро ба вуҷуд меорад. Маданияти ташкилӣ ба ҳам мувофиқ шудани манфиатҳои коллективӣ ва шахсии коркунонро таъмин намуда, ташаббуси онҳоро сафарбар менамояд, садоқат ба ташкилотро тарбия мекунад, ҷараёнҳои муоширaт, иклими маънавию психологиро беҳтар мекунад. Ҳамаи ин дар якҷоягӣ иҷрои самараноки вазифаҳои гузоштташуда ва ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии созмонро таъмин мекунад.

Бо муайян ва тавсиф кардани маънои ҷузъҳои асосии муҳити дохилӣ, бояд қайд кард, ки ҳамаи онҳо механизми ягонаи интегралиро ташкил медиҳанд, ки аз фаъолияти самараноки он муваффақияти ҳар як ташкилот дар бозор вобаста аст.

Барои нигоҳ доштани мутобиқати муҳити дохилӣ ба шароити муосири тиҷорат, ташкилот бояд ҳолати дохилиро доимо назорат кунад ва дар асоси натиҷаҳои бадастомада қарорҳои зарурии идоракунӣ қабул кунад. Бо дарназардошти он, ки ташкилоти муосир системаи кушода аст ва фаъолияти он бештар аз таъсири муҳити беруна вобаста аст, инчунин таҳлил ва ба назар гирифтани омилҳои беруна муҳим аст.

Ҳамин тариқ, барои ҷамъбаст бояд қайд кард, ки вобаста ба шакл, ҳаҷм, намуди фаъолият, сегменти бозор ва дигар омилҳои муҳим ҳар як ташкилот бояд механизми дохилии дақиқ муайян ва ташаккулёфта дошта бошад. Ғайр аз он, ҳар як унсури муҳити дохилӣ бояд на танҳо ҷузъҳои

дигарро пурра кунад, балки инчунин ба тағирёбии омилҳои мухталифе, ки аз муҳити беруна таъсир мерасонанд, самаранок мутобиқ шаванд. Дар ниҳоят, муҳити муассири дохилӣ калиди муваффақияти созмон дар шароити беруна мебошад.

Якчанд усулҳои сохтани моделҳои молиявӣ мавҷуданд. Принсипи сохтани методология аз интихоби самти ҳаракат дар иерархияи сатҳҳои банақшагирӣ вобаста аст. Барои ба даст овардани моделҳои мураккаб системаи моделҳои бо ҳам алоқамандро барои ҳама сатҳҳои банақшагирӣ аз стратегӣ то амалиётӣ ё баръакс таҳия кардан лозим аст. Вариантҳои зерини раванди сохтани моделро фарқ мекунанд:

•Аз боло ба поён;

•Сарчаппа;

•Самти муқобил.

Ҳар як равиш афзалиятҳо ва нуқсонҳои худро дорад.

Сохтани модели молиявӣ бо истифода аз усули муқобил самаранок-тар аст. Ин усул мутавозинтарин буда, ҷанбаҳои манфии ду усули қаблиро аз байн мебарад. Бо ин усул, менеҷмент тавсияҳои умумиро оид ба ҳадафҳои тиҷорат баён мекунад ва арзишҳои ба нақшагирифтаи нишондиҳандаҳоро муқаррар мекунад (ҷадвали 3.2.4).

Менеҷерони поёнӣ ва миёна барои сатҳҳои худ моделҳо эҷод мекунанд ва ба ҳадафҳои аз ҷониби боло гузошташуда тамаркуз мекунанд. Бо ин равиш, ҳама сатҳҳо кор мекунанд; иҷрокунандагон нақшаҳои худро дарк мекунанд, зеро онҳо дар омодасозии онҳо иштирок мекунанд. Роҳбарият дурустии ҳама ченакҳоро пас аз такрор (аз поён ба боло) дарк мекунад ва интизориҳои зиёд надорад.

Омӯзиши омилҳое, ки ба интихоби самтҳои асосии ташаккули стратегияи молиявии соҳибкорӣ таъсир мерасонанд, дар асоси ташкилоти мушаххас - хоҷагии деҳқонии «Ифтихор»-и ноҳияи Ёвон гузаронида шуд.

**Ҷадвали 3.2.4. Афзалиятҳо ва нуқсонҳои усулҳои сохтани моделҳои стратегияи молиявӣ**

| **Намудҳо** | **Принсипҳои тахия** | **Бартариятҳо** | **Норасоиҳо** |
|---|---|---|---|
| Аз боло ба поён | Аз таҳияи стратегия то нақшаи ҷорӣ | -баҳисобгирии мақсадҳои таҳияи стратегия;<br>-аз байн бурдани мувофиқасозӣ сатҳҳои идора | ҳавасмандии пасти тамоми сатҳҳои таҳияи стратегия |
| Аз поён ба боло | Аз нақшаҳои ҷорӣ то таҳияи стратегия | - ҳавасмандии хуби тамоми сатҳҳои таҳияи стратегия | -вобастагии мувофика намудани тамоми сатҳи таҳияи стратегия;<br>- эҳтимолияти паст шудани фоида ва афзоиши хароҷотҳо барои таҳияи стратегия |
| Усули муқобил | Таҳияи баробари стратегияи молиявӣ ва ба нақшагирии ҷорӣ | Таъмини ҳавасмандии ҳамаи сатҳҳои таҳияи стратегия ва нақшаҳои ҷорӣ | |

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси: Викулина А. Финансовая модель: зачем нужна. как построить, пример. Интернет рессурсы. https://wiseadvice-it.ru/o-kompanii/blog/articles/finansovaya-model-chto-eto-i-kak-postroit/. Санаи муроҷиат: 17.10.2023.

Хоҷагии деҳқонии (фермерӣ) «Ифтихор»-и ноҳияи Ёвон соли 1997 таъсис ёфта, зиёда аз 16 сол боз фаъолият дорад. Фаъолияти асосии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) парвариши зироатҳои ғалладона, боғдорӣ ва истеҳсоли хӯроки чорво ба ҳисоб меравад.

Дар рафти омӯзиши фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ бо истифода аз усулҳои илмӣ (муқоиса, таҳлили амудӣ, уфуқӣ, тавозунӣ) таҳлили ба ҳолати муосири хоҷагӣ баҳо дода шуд. Барои асоснок кардани зарурати таҳияи стратегияи молиявии ташкилот мо динамикаи дороиҳои хоҷагии деҳқонии «Ифтихор»-ро дар соли 2022 таҳлил намуда, дурнамои онро дар солҳои 2025 -2030 бо истифода аз усулҳои оморӣ муайян менамоем. (ҷадвали 3.2.5).

**Ҷадвали 3.2.5. Динамикаи дороиҳои хоҷагӣ дар солҳои 2022-2030, сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | Фарқ (+,-) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2022 | 2025 | 2030 | 2025 | 2030 |
| Воситаҳои асосӣ | 30343 | 33377 | 36715 | 3034 | 6379 |
| Захираҳо | 20847 | 22932 | 25225 | 2085 | 4378 |
| Андоз аз арзиши илова-шуда ба воситаҳои хари-дашуда | 877 | 987 | 1097 | 110 | 220 |
| Карзҳои дебиторӣ | 6092 | 5483 | 4935 | -609 | 1157 |
| Воситаҳои пулӣ ва воси-таҳои ба он баробар | 1307 | 1438 | 1582 | 131 | 275 |
| Дороиҳои гардон | 29123 | 32035 | 35239 | 2912 | 6116 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботи молиявии хоҷагии деҳқонии «Ифтихор»-и ноҳияи Ёвон.

Дар хоҷагии деҳқонии «Ифтихор» аз ҳисоби зиёд шудани фондҳои асосӣ зиёд шудани дороиҳои гардон мушоҳида карда мешавад. Ин метавонад ҳам аз ҳисоби фурӯши воситаҳои асосӣ ва ҳам аз ҳисоби истеҳлок, яъне фарсудашавии физикии воситаҳои асосӣ ба амал ояд.

Динамикаи афзоиши фондҳои асосӣ дар солҳои 2025 ва 2030 аз бо назардошти ҳисоби миёнаи афзоиш дар панҷ соли охир ҳисоб карда шудааст, ки ба ҳисоби миёна 10 фоизро ташкил медиҳад. Афзоиши дороиҳо дар натиҷаи кам шудани карзи дебиторӣ ба амал омад.

Сармояи худии корхона дар давоми солҳои оянда аз ҳисоби фоидаи тақсимнашуда хеле афзояд. Ин маънои онро дорад, ки хоҷагӣ ба қарзҳои дарозмуддат ва қарзҳо камтар ниёз дорад.

Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат дар тамоми давраи таҳқиқшаванда ба таври номуайян тағйир ёфтанд.

Дар ҳаҷми умумии ӯҳдадориҳо сармояи худии хоҷагии деҳқонӣ тамоюли авзоиш дорад. Ҳиссаи ӯҳдадориҳои дарозмуддат ҳар сол кам мешавад. Ҳиссаи бештари ӯҳдадориҳои дарозмуддат, ки танҳо аз маблағҳои қарзӣ иборат аст, дар соли 2022 – 24,2 фоиз, камтарин дар соли 2030 – 8,9 фоизро ташкил дод. Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат дар соли 2022 25,5% аз ҳаҷми умумии ӯҳдадориҳои корхонаро ташкил доданд. Дар соли 2025 ҳис-

саи онҳо ба 35,5% афзуда, дар соли 2030 то 27,8% коҳиш ёфтааст. Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати ширкат аз маблағҳои қарзӣ ва қарзи кредиторӣ иборатанд (ҷадвали 3.2.6).

**Ҷадвали 3.2.6. Динамикаи сарчашмаи захираҳо дар хоҷагӣ дар солҳои 2022-2030, сомонӣ**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | **Фарқ (+,-)** | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2022 | 2025 | 2030 | | |
| Сарчашмаҳои иловашуда | 1301 | 1301 | 1301 | 0 | 0 |
| Азнавтақсимкунии фоида | 28592 | 30289 | 42577 | 1697 | 12288 |
| Сармояи худӣ ва захираҳо | 29893 | 31590 | 43878 | 1697 | 12288 |
| Захираҳои қарзӣ | 14410 | 10174 | 6144 | -4236 | -4030 |
| Уҳдадориҳои дарозмуддат | 14410 | 10174 | 6144 | -4236 | -4030 |
| Захираҳои қарзӣ | 11000 | 13000 | 12059 | 2000 | -941 |
| Карзҳои кредиторӣ | 4163 | 9974 | 7197 | 3811 | -2777 |
| Уҳдадориҳои кутоҳмуддат | 15163 | 22974 | 19256 | 7811 | -3718 |
| Тавозун | 59466 | 64738 | 69258 | 5272 | 4540 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботи молиявии хоҷагии деҳқонии «Ифтихор»-и ноҳияи Ёвон.

Ҳамин тавр, дар давраи таҳқиқшуда дар корхона аз ҳисоби зиёд шудани захираҳо ва қарзҳои дебиторӣ ва кам шудани ҳиссаи дороиҳои ғайримукаррарӣ аз ҳисоби кам шудани фондҳои асосӣ афзоиши дороиҳои ҷорӣ ба назар мерасад. Динамикаи мусбати сармояи худӣ аз ҳисоби афзоиши фоидаи тақсимнашуда ва кам шудани ӯҳдадориҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат ба назар мерасад. Дар соли 2025 таназзули фаъолияти молиявию хоҷагии корхона мушоҳида шуда, соли 2030 вазъ дар хоҷагӣ беҳтар мегардад.

Муваффақияти фаъолияти молиявии хоҷагӣ аз дуруст интихоб кардани самтҳои таҳияи стратегияи молиявӣ вобаста аст. Тавсия дода мешавад, ки стратегияи молиявии корхона бо истифода аз нишондиҳандаҳои даромаднокӣ ва устувории молиявӣ таҳия карда шавад.

Самаранокии молиявии фаъолияти корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ аз ҳалли масъалаҳои зерин вобаста аст:

➢ рафъи тағйирёбии мавсимии нархҳо дар бозори кишоварзӣ ва таъмини ҳифзи ин маҳсулот аз воридот;

➢ баланд бардоштани даромаднокии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ;

➢ таъмини дастрасии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба бозорҳо барои фурӯши махсулоти онҳо;

➢ рушди сатҳи ҳамкории маркетингӣ дар самти ҳимояи манфиатҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини рақобат бо занҷирҳои мавҷудаи савдои чакана;

➢ дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна;

➢ таҳияи стратегияи молиявӣ бо назардошти хавфи аз даст додани фоида дар натиҷаи таъсири омилҳои табиию иқлимӣ ва ғайра.

Иҷрои вазифаҳои дар боло зикрёфта самараи фаъолияти молиявиро баланд бардошта, хароҷотро дар кишоварзӣ кам карда, сармояи худии корхонаҳои хочагии кишлокро зиёд мекунад.

Барои таъмини фаъолияти самараноки молиявии хоҷагӣ пешниҳод карда мешавад:

1.Барои гирифтани қарзи имтиёзноки дарозмуддат мурочиат намоед. Баъзе банкҳо барномаҳои махсусе тартиб медиҳанд, ки хусусиятҳои кори хоҷагии кишлокро ба назар мегиранд. Дастгирии давлат ба бахши кишоварзӣ, аз чумла грантҳои давлатӣ ва субсидияҳои фоизӣ низ дар ин самт накши муҳим дорад. Агар хоҷагии деҳқонии «Ифтихор» қарзи имтиёзнок гирад, пас то охири соли 2030 ба хоҷагӣ 22807 сомонӣ лозим мешавад. ҳамчун маблағи иловагӣ, ки ин назар ба фоизи қарзи миёнамӯҳлати банк 2693 сомонӣ кам аст.

2.Коҳиш додани хароҷоти нигоҳдории мол дар анбор. Ҳамин тавр, агар миқдори бори корхонаро ба ҳадди ақалл кам кунем, он гоҳ ин имкон медиҳад, ки ҳадди аксар маблағро барои рушди тиҷорат озод кунем. Хоҷагии деҳқонии «Ифтихор» аз иҷора истифода бурда, майдони васеи анборҳо сохта, бо ҳамин хароҷотро кам карда, муомилоти молҳоеро, ки бевосита аз истеҳсолкунандагон меояд, зиёд мекунад.

3.Барои кам кардани қарзи дебиторӣ тадбирҳои зерин андешида шаванд:

- ➢ мониторинги ҳамарӯзаи ҳолати ҳисоббаробаркуниҳо бо мизоҷон, махсусан ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи қарзҳои ба таъхир гузошташуда;
- ➢ барои қарздорон шароити махсуси қарздиҳиро фароҳам оварад, аз ҷумла: додани тахфиф ба муштариёне, ки пули молро сари вақт пардохт мекунанд, дар сурати напардохтан, ҷарима дар муҳлати муайян ва ғайра;
- ➢ таносуби қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ ба назар гирифта шавад;
- ➢ баҳодиҳии мунтазами фаъолияти молиявии мизоҷонро мутобиқи давраи қаблӣ амалӣ намояд;
- ➢ ташкили сиёсати самараноки дифференсиалии кор бо мизоҷон.

4.Баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилот тавассути ҷорӣ намудани навъҳои зироатҳое, ки дар бозори муосир маъмуланд ва ҳаҷми фурӯши маҳсулот зиёд карда шаванд.

Мо дар доираи таҳқиқоти худ механизми ҷорӣ ва татбиқи стратегияи молиявиро барои як сол таҳия намудем (расми 3.2.4).

Ҳамин тавр, ҷорӣ намудани механизми амалӣ гардондани стратегияи молиявӣ дар давоми як сол афзоиши ҳосилнокии меҳнатро 5 фоиз, даромади хоҷагиро 15 фоиз зиёд мекунад.

Аз ин рӯ, таҳияи стратегияи молиявии хоҷагӣ маҷмӯи тадбирҳоро дар бар мегирад, ки ба таъмини устувории молиявии он ва ноил шудан ба ҳадафҳои молиявии он нигаронида шудаанд. Таҳияи механизми татбиқи стратегияи молиявӣ ба корхона имкон медиҳад, ки дар фаъолияти идоракунӣ натиҷаи мусбӣ ба даст орад ва боиси рушди фаъолият дар муҳити рақобати шадид мегардад.




Расми 3.2.4. Механизми ҷорӣ ва татбиқи стратегияи молиявӣ

## 3.3. Мукаммалсозии механизми танзими давлатии фазои соҳибкорӣ ҳамчун пояи асосии таҳкими муҳити молиявии он

Дар шароити муосири рушди иқтисодию- иҷтимоии Тоҷикистон нарасидани воситаҳои молиявӣ баръало ҳис карда мешавад. Сатҳи капитализатсияи иқтисодиёт дар соли 2021 то 10 фоиз коҳиш ёфт. Арзиши қарзҳои бонкӣ то 30 фоиз расидаанд. Лизинги молиявӣ ҳанӯз рушд накарда истодааст.

Мо дар доираи тадқиқоти диссертатсионии худ матритсаи таҳкими муҳити молиявии соҳибкориро таҳия намудем (ҷадвали 3.3.1).

Дар матриса мушкилоти асосӣ дар соҳаи беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва шароити муосир оварда шудааст.

Ба онҳо маҳдуд будани бозори дохилӣ ва ҳамгироии заифи байналмилалии тиҷоратию иқтисодӣ, рушди нокифояи инфрасохтори истеҳсолӣ, мавҷуд набудани механизми худмаблағгузорӣ (иттиҳодҳои қарзӣ, ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила ва ғайра);вусъатдиҳии нокифояи инфрасохтори сармоягузорӣ (инфрасохтори бонкӣ, иттилоотию таҳлилӣ, машваратӣ ва дигар) ва камбудиҳо дар механизмҳои таъмини ҳуқуқҳои молу мулкӣ, инкишофи заифи муносибатҳои шартномавӣ оварда шудаанд.[85]

Дар матритса дар қатори мушкилотҳои мавҷуда афзалиятҳо ва роҳҳои беҳсозии фазои сармоягузорӣ нишон дода шудаанд.

[85] Набиева П.Н.Таҳлили вазъи сармоягузорӣ ва истещсолоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон Паёми молия ва иқтисод.с.2023.№3 с.423-434

**Ҷадвали 3.3.1. Матритсаи таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи солҳои 2030**

Сарчашма: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

| Мушкилоти асосӣ дар соҳаи беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва шароити сармоягузорӣ аз инҳо иборат аст: | Ба афзалиятҳо ва беҳсозии фазои сармоягузорӣ инҳо дохил мешаванд: |
|---|---|
| ➢ маҳдуд будани бозори дохилӣ ва ҳамгироии заифи байналмилалии тиҷоратию иқтисодӣ, ки бо дурдаст аз бозорҳои калони ҷаҳонии истеъмолӣ ва роҳҳои асосии тиҷоратию нақлиётӣ алоқаманд аст;<br>➢ рушди нокифояи инфрасохтори истеҳсолӣ ва мушкилоти мавсимӣ бо таъмини неруи барқ, нархи баланди захираҳо;<br>➢ монеаҳои маъмурӣ дар роҳи пешрафти соҳибкорӣ ва мавҷуд набудани механизми худмаблағгузорӣ (иттиҳодҳои қарзӣ, ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила ва ғайра);<br>➢ вусъатдиҳии нокифояи инфрасохтори сармоягузорӣ (инфрасохтори бонкӣ, иттилоотию таҳлилӣ, машваратӣ ва дигар) ва камбудиҳо дар механизмҳои таъмини ҳуқуқҳои молу мулкӣ, инкишофи заифи муносибатҳои шартномавӣ;<br>➢ номукаммал будани низоми ҳавасмандиҳои андозӣ ва рушд наёфтани механизмҳои дастгирии молию қарзӣ ва суғуртаи хавфҳои соҳибкорӣ, ноустуворӣ дар бозори асъор ва равандҳои таваррумӣ;<br>➢ сатҳи пасти таъсирбахшии механизмҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳибкорӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ;<br>➢ мураккаб будани тартиби (монеаҳои тарифӣ ва ғайритарифӣ) воридот ва содирот ва мавҷуд набудани ҳамкории зарурии минтақавӣ, бахусус дар соҳаи тиҷорат, транзит ва табодули иттилоотӣ-экологӣ;<br>➢ нокифоя будани алоқамандии лоиҳаҳои кумакҳои беруна бо афзалиятҳои чорабиниҳои миллӣ стратегияҳои соҳавии барномаҳои рушди минтақавӣ. | ➢ рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва саноат оид ба коркарди ашёи хоми ватанӣ, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам ва баланд бардошани иқтидори содиротии кишвар;<br>➢ кам кардани монеаҳои маъмурӣ ва ташаккули инфрасохтори рушд ва дастгирии соҳибкории хурд ва миёна дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ;<br>➢ ташаккулдиҳии низоми иттилоотии соҳибкорӣ дар саноат ва мусоидат ба ташкил намудани бизнес-инкубаторҳо бо назардошти талаботи мардон ва занон, соҳибкорони деҳот;<br>➢ пурзӯр намудани ҳуқуқҳои молу мулкӣ, рушди рақобат ва таъсисдиҳии ниҳод (институт)-и Омбудсмен оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон;<br>➢ истифодаи механизмҳои ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ дар соҳаи энергетика, сохтмон ва барқарорсозии роҳҳои автомобилгард ва инфрасохтори роҳи оҳан ва барқарорсозии фурудгоҳҳо, дар соҳаи ХМК, маориф ва тандурустӣ;<br>➢ таҳкими механизмҳои ҳамкорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд тавассути истифодаи таҷрибаи пешқадами раванди Ҳамкориҳои глобалӣ оид ба ҳамкории самарабахш барои рушд (ҲГҲСБР).<br>➢ дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон ва содироткунандагони молҳои ватанӣ. |

Яке аз роҳҳои асосӣ рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва саноат оид ба коркарди ашёи хоми ватанӣ, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо ҷорӣ

намудани технологияҳои пешқадам ва баланд бардошани иқтидори содиротии кишвар ба ҳисоб меравад.

Зеро тибқи маълумотҳои оморӣ ҳоло дар соҳаи саноати кишвар сатҳи истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ ба  52 фоиз баробар аст. Тибқи маълумотҳои оморӣ ба ҳолати 1 январи соли 2023 дар ҷумҳурӣ шумораи корхонаҳои саноатии фаъолиятнакарда 489 ададро ташкил дод, ки аз онҳо 293 корхонаҳои мавсимӣ мебошанд.

Дигар роҳ истифодаи механизмҳои ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ дар соҳаи энергетика, сохтмон ва барқарорсозии роҳҳои автомобилгард ва инфрасохтори роҳи оҳан, таҳкими механизмҳои ҳамкорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд тавассути истифодаи таҷрибаи пешқадами раванди Ҳамкориҳои глобалӣ оид ба ҳамкории самарабахш барои рушд (ҲГҲСБР) мебошад. Дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон ва содироткунандагони молҳои ватанӣ низ дар назар дошта шудааст.

Матритсаи самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи рушди фазои соҳибкорӣ ва сармоягузориро ба ду гурӯҳ тақсим намудем. Ба гурӯҳи якум механизмҳои иҷро вобаста ба чорабиниҳои маъмурӣ-қонунгузорӣ ва ба гурӯҳи дуюм чораҳои ташкилӣ – иқтисодиро шомил намудем .[86] Ба гуруҳи якум такмилдиҳии қонунгузорӣ дар соҳаи сармоягузорӣ, -таҳия ва татбиқи барномаҳо, консепсияҳо ва стратегияҳо оид ба рушди соҳибкорӣ бо назардошти омилҳои гендерӣ, такмили Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади соддагардонии маъмурикунонии андоз ва коҳишдиҳии сарбории андоз барои соҳибкории хурд ва миёна, такмилдиҳии ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон дар сатҳи ҳокимияти судӣ ва тавассути таъсиси ниҳоди Омбудсмен барои ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон ва диг. дохил мешаванд (ҷадвали 3.3.2.).[87]

---

[86] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030

[87] Сафаров Б.Г.,Юнусова Л.З.Беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёти миллӣ.Паёми ДМТ.Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.с.2021.№ 6  с.68-74

## Ҷадвали 3.3.2. Матритсаи самтҳои асосии фаъолият дар рушди фазои соҳибкорӣ

| Маъмурӣ- қонунгузорӣ | Ташкилӣ-иқтисодӣ |
|---|---|
| -такмилдиҳии қонунгузорӣ дар соҳаи сармоягузорӣ, савдои байналмилалӣ ва ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии сифат ва бехатарии маҳсулот;<br>-таҳия ва татбиқи барномаҳо, консепсияҳо ва стратегияҳо оид ба рушди соҳибкорӣ бо назардошти омилҳои гендерӣ, сармоягузориҳо ва содирот;<br>-такмилдиҳии механизмҳои мақсаднок ва ҷалби кумакҳои беруна ба афзалиятҳои миллӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ дар асоси васеъ ва беҳтар намудани истифодаи Низоми идоракунии иттилоотии кумаки беруна;<br>-такмили Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади содагардонии маъмурикунонии андоз ва коҳишдиҳии сарбории андоз барои сиҳибкории хурд ва миёна;<br>- татбиқи сиёсати нави мусоидат ба сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ҳамчун яке аз шартҳои асосии индустриалию инноватсионии рушди иқтисодиёт;<br>-такмилдиҳии ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон дар сатҳи ҳокимияти судӣ ва тавассути таъсиси ниҳоди Омбудсмен барои ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон; | -ташаккули низоми бисёрсатҳаи институтсионалии дастгирии соҳибкорон дар асоси ташкил намудани кластерҳои минтақавию соҳавии рушди соҳибкорӣ, фондҳои махсусгардонидашуда ва дастгирии рушди ташкилотҳои инфрасохторӣ;<br>-пурзӯр намудани маблағгузорӣ тавассути Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ”, аз ҷумла дастгирии соҳибкории занон ва таҳкимдиҳии иқтидори мақоми ваколатдор оид ба ҷалби сармоягузориҳо, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти Шӯрои шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) ва Маркази татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ;<br>-рушди соҳибкории хурд дар деҳот ва ноҳияҳои кӯҳии ҷумҳурӣ дар асоси истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ва коркарди маҷмӯавии маҳсулоти кишоварзӣ;<br>- ташаккулдиҳӣ ва инкишоф додани бозори мукаммали коғазҳои қиматнок;<br>-тамдид намудани пардохти ААИ барои техника ва таҷҳизоти технологӣ, вусъатдиҳии назарраси рӯйхати молҳои воридотии истеҳсолӣ, ки аз пардохти ААИ озод карда мешаванд;<br>-такмилдиҳӣ ва пурзӯр намудани ниҳоди идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ; |
| -ҷорӣ кардани татбиқи пайиҳамии сиёсати кам кардани сарбории маъмурии фаъолияти соҳибкорӣ ва ташаккули низоми дастгирии маъмурии лоиҳаҳои миёна ва калони сармоягузории бахши хусусӣ аз рӯи принсипи “Равзанаи ягона”; | -таҳия намудани шакл ва тартиби баҳисобгирии лоиҳаҳои ШДБХ, аз ҷумла мониторинги индикаторҳои лоиҳаҳо аз рӯи тарҳи шарикии давлат ва бахши хусусӣ;<br>-ташкил кардани ҳавасмандгардонӣ барои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ аз ҷониби намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ; |
| -такмилдиҳии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба рушди соҳибкории экологӣ ва афзоиши ҷолибияти сармоягузориҳои экологӣ;<br>-таҳия намудани Барномаи рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки ташаккулёбии амиқи вазифаҳо ва бахшҳои афзалиятноки рушди онро пешбинӣ мекунад | -ташкил намудани хазинаи рушди (омода ва дастгирӣ намудани) лоиҳаҳои ШДБХ, аз ҷумла аз ҳисоби манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, ки ба қонунгузорӣ мухолифат намекунад;<br>-ҷорӣ намудани низоми аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснокшудаи тартибдиҳии тарифҳо барои хизматрасониҳои нақлиётӣ ва дигар инфрасохторе, ки аз рӯи тарҳҳои ШДБХ сохта шудаанд; |
| -такмил додани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ШДБХ ва ҳамгироии Қонуни ҶТ “Дар бораи консессияҳо” ба Қонуни ҶТ “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ”.<br>-тарҳрезӣ кардани шаклҳои созишномаҳои сармоягузорӣ ва муқаррар намудани тартиби шаффофи бастани онҳо;<br>-бунёди низоми муносиби ҳифзи гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ ҳангоми татбиқи ШДБХ | -таҳияи механизми оммавии пешниҳоди лоиҳаҳо ба сармоягузорон; |

**Сарчашма**: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

Ба гурӯҳи чораҳои ташкилӣ пеш аз ҳама ташаккули низоми бисёрсатҳаи институтсионалии дастгирии соҳибкорон дар асоси ташкил намудани кластерҳои минтақавию соҳавии рушди соҳибкорӣ, фондҳои махсусгардонидашуда ва дастгирии рушди ташкилотҳои инфрасохторӣ. Дар назар дошта шудааст, ки маблағгузорӣ тавассути Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ”, аз ҷумла дастгирии соҳибкории занон ва таҳкимдиҳии иқтидори мақоми ваколатдор оид ба ҷалби сармоягузориҳо, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти Шӯрои шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) ва Маркази татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ васеъ карда мешавад.

Озод намудан аз пардохти ААИ барои техника ва таҷҳизоти технологӣ метавонад ба рушди истеҳсолот таъсири бевосита расонад.

Ташкил кардани ҳавасмандгардонӣ барои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ аз ҷониби намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ имконият медиҳад, ки лоиҳаҳо бо назардошти захираҳои маҳал таҳия шуда, дар таъмини шуғли аҳолӣ саҳм мегузоранд.

Аз иҷрои системаи чорабиниҳои дар матритсаи самтҳои асосии фаъолият дар рушди фазои соҳибкорӣ овардашуда натиҷаҳои зерин дар назар дошта шудааст (ҷадвали 3.3.3.).

Мушкилӣ дар фаъолияти асосии бахши молиявӣ дар он аст, ки ин бахш ҳоло ҳамчун асоси маблағгузории иқтисодиёти миллӣ пурра ташаккул наёфтааст. Иқтидори сафарбаркунии пасандозҳо ва механизми табдилдиҳии онҳо ба қарзҳои бонкӣ ва сармоягузориҳо самаранок истифода намешавад. Сатҳи нокифояи воситаҳои пулии ниҳодҳои молиявии амалкунанда (бонкҳо, ТХҚ, ширкатҳои суғуртавӣ ва ғайра) боиси пешниҳоди номгӯи маҳдуди хизматрасонии молиявӣ, хусусан хизматрасонии кӯтоҳмӯҳлат гардида, ба талаботҳои бахши воқеӣ ҷиҳати азнавсозии иқтидори истеҳсоли онҳо мувофиқат намекунад.

## Ҷадвали 3.3.3. Натиҷаҳои чашмдошт дар бахши рушди фазои соҳибкорӣ

| Натиҷаҳои чашмдошт дар бахши рушди фазои соҳибкорӣ | |
|---|---|
| Дар баҳши таҳияи асосҳои меъёрию ҳуқуқи | Дар бахши ташкили истеҳсолот ва молия |
| ➢ монеаҳои маъмурӣ барои рушди соҳибкории хурду миёна кам карда шуданд ва низоми мусоидаткунандаи рушди он таъмин мегардад;<br>➢ ниҳоди Омбудсмен оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон таъсис дода мешавад;<br>➢ дар Тоҷикистон низоми идоракунии бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ ХАССП (Hazard Analysis and Critical Control Points – таҳлили хавфҳо ва нуктаҳои муҳими назорат) ҷорӣ мегардад, ки назоратро дар тамоми марҳилаҳои истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, ҳар як нуқтаи ҷараёни истеҳсолот, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулот, ки дар ҷараёни он ҳолатҳои хатарнок метавонанд ба миён оянд, таъмин менамояд;<br>➢ низоми баҳисобгирии мушкилиҳои экологӣ ҳангоми ташаккул додани фазои соҳибкорӣ ва беҳсозии иқлими сармоягузорӣ такмил дода мешавад;<br>➢ самаранокии ҳамкории сохторҳои тиҷоратӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар асоси ҷорӣ намудани низоми содакардашудаи дастгирии маъмурӣ ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ баланд бардошта мешавад;<br>➢ барномаи маҷмӯии рушди ШДБХ таҳия карда шуда, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ”аз нав таҳия ва қабул мегардад;<br>➢ рушди институтсионалии чунин сохторҳо ба монанди МД “Маркази татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ” ва ташкилотҳои фармоишгар (мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии марказӣ ва маҳаллӣ) таъмин мегарданд;<br>➢ феҳристи лоиҳаҳои ШДБХ ташкил карда мешавад;<br>➢ нишондиҳандаҳо ва методологияи арзёбии лоиҳаҳои ШДБХ таҳия мегарданд | ➢ ташкил кардани муҳити устувор ва самарабахши рақобатнок барои ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ, рушди соҳибкории ба содироти маҳсулоти ватанӣ мусоидкунанда ташкил карда шуд;<br>➢ бозори молиявӣ, бозори такрории коғазҳои қимматнок инкишоф ёфта, бозорҳои суғурта либерализатсия ва диверсификатсия мешаванд;<br>➢ бозори мустақили қарзии Тоҷикистон таъсис дода мешавад;<br>➢ низоми самарабахши танзими давлатии иқтисодиёт ва либерализатсияи бахшҳои иқтисодиёт ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳо амалӣ мегардад;<br>➢ Тоҷикистон, тавассути фаъолсозии аъзогӣ дар СУС, ба тасвиб расидани конвенсияҳои Ню-Йорк ва Апостил, пешбурди лоиҳаҳои минтақавӣ, ба монанди CASA-1000, сохтмони лӯлаи газ ва шабакаи роҳҳои минтақавии роҳи оҳан ва автомобилгард ба иқтисоди ҷаҳонӣ шомил гардид.<br>➢ низоми бисёрсатҳаи институтсионалии дастгирии соҳибкорӣ бо назардошти иқтидорҳои занон дар заминаи кластерҳои ҳудудию соҳавии рушди соҳибкорӣ, фондҳои махсусгардонидашуда ва дастгирии рушди ташкилотҳои инфрасохторӣ ташаккул меёбад;<br>➢ низоми ҳавасмандгардонӣ, дастгирии давлатӣ ва кафолат ҷиҳати ҷалби захираҳои бахши хусусӣ дар амалисозии лоиҳаҳои ШДБХ таъсис меёбад;<br>➢ механизмҳои маблағгузории муштараки лоиҳаҳои ШДБХ аз ҷониби давлат ташкил мегарданд;<br>➢ хароҷоти маъмурию амалиётӣ ва хавфҳои ШДБХ, аз ҷумла оид ба оғоз намудан, омодасозӣ ва татбиқ намудани лоиҳаҳои ШДБХ коҳиш меёбанд; |

**Идомаи ҷадвали 3.3.3.**

| | |
|---|---|
| | ➢ мутахассисон дар соҳаи ШДБХ, ки қобилияти омодакунӣ ва дастгирии лоиҳаҳои эҳтимолиро доранд, тайёр карда мешаванд;<br>➢ хазинаи рушд лоиҳаҳои ШДБХ таъсис дода мешавад (омодасозӣ ва дастгирии лоиҳаҳо);<br>хароҷотҳои субъектҳои соҳибкорӣ ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои андозии худ кам мегарданд. |

**Сарчашма:** Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

Сохтори номукаммали бахши молиявӣ ба назар мерасад, ки дар он бонкҳо бартарӣ дошта, бозори коғазҳои қиматнок маҳдуд аст, сегменти такрории он, аз ҷумла муомилоти коғазҳои қиматноки ширкатҳо вуҷуд надорад. Воситаҳои таъмини маблағгузории корхонаҳои бахши воқеии иқтисодиёт (БВИ) маҳдуд буда, диферсификатсияи он дар сатҳи паст қарор дорад. Сатҳи баланди долларизатсияи бахши молиявӣ боқӣ мемонад. Хангоми ҳисоббаробаркунӣ дар байни субъектҳои хоҷагидории иқтисодиёт дараҷаи баланди истифодаи маблағҳои пули нақд бартарӣ дорад. Ҳассосияти бахш ба тағйирёбии қурби асъори ҷаҳонӣ дастрасиро ба захираҳои молиявии беруна маҳдуд месозад. Нобаробарии минтақавӣ дар робита бо дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ эҳсос мегардад. Сатҳи баланди нархҳо ба хизматрасониҳои молиявӣ, аз ҷумла фоизҳои баланд аз рӯи қарзҳо ба назар мерасад.[88] Дараҷаи баланди хавфҳои хоси фаъолияти ниҳодҳои молиявӣ мавҷуд буда сатҳи пасти идоракунии корпоративӣ ба назар мерасад.

Барои ташаккули бахши муосири молиявӣ ҳамчун низоми муассисаҳои молиявии рақобатпазир, зарур аст, ки чораҳои зерин дида шавад (ҷадвали 3.3.4).

[88] Комилбек А.Е.Нақши “Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030”дар таҳкими низоми идоракунии давлатии ҶТ. Паёми ДМТ.Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.с.2020.№ 6 с.324-329

Дар самти баланд бардоштани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявӣ ва рушди инфрасохтори бахши молиявӣ пурзӯр намудани иқтидори низоми бонкӣ тавассути афзоиш додани сармояи он ва такмил додани низоми идоракунии захираҳои инсонӣ, ҷорӣ намудани низомҳои муосири идоракунии хавф ва усулҳои назорат дар асоси арзёбии хавфҳо дар ташкилотҳои молиявӣ, такмил додани низоми танзими пруденсиалӣ, такмилдиҳии назорати маҷмӯӣ, гузариши ботадриҷ ба низоми ҳадафгирии таваррум ва диг. дар назар дошта шудааст;

Дар самти дастрасӣ ва диверсификатсияи воситаҳои маблағгузории дарозмӯҳлати БВИ ташакккул додани бозори қарзии байни бонкӣ, ташаккул додани низоми сезинагии қарздиҳӣ, фароҳам овардани шароит барои фаъолияти бозори аввалия ва такрории коғазҳои қимматнок ҳамчун воситаи асосии маблағгузории дарозмуҳлати БВИ рушди минбаъдаи босуръати ширкатҳои лизингӣ дар назар дошта шудааст.

**Ҷадвали 3.3.4. Матритсаи самтҳои асосии рушди фаъолияти молиявӣ**

| Самтҳо | Системаи чорабиниҳо |
|---|---|
| Дар самти баланд бардоштани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявӣ ва рушди инфрасохтори бахши молиявӣ: | ✓ пурзӯр намудани иқтидори низоми бонкӣ тавассути афзоиш додани сармояи он ва такмил додани низоми идоракунии захираҳои инсонӣ;<br>✓ ҷорӣ намудани низомҳои муосири идоракунии хавф ва усулҳои назорат дар асоси арзёбии хавфҳо дар ташкилотҳои молиявӣ;<br>✓ такмил додани низоми танзими пруденсиалӣ, такмилдиҳии назорати маҷмӯӣ, гузариши ботадриҷ ба низоми ҳадафгирии таваррум;<br>✓ баланд бардоштани самаранокии истифодаи воситаҳои танзими ғайримустақим дар робита бо сиёсати нигоҳ доштани устувории нархҳо ва сиёсати мутавозуни пулию қарзӣ;<br>✓ таъсис додани танзимкунандаи азим (мегарегулятор)-и бахши молиявӣ; ✓ пурзӯр намудани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявию<br>✓ қарзӣ (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии хурд, ширкатҳои суғуртавӣ, лизингӣ, биржаи коғази қиматнок ва ғайра) аз ҳисоби ҷорӣ намудани низоми стандартҳои байналмилалии фаъолият, баланд бардоштани талаботи ҳадди ақал нисбати сармоя, пурзӯр намудани талаботи захиравӣ барои таъмини афзоиши суботи молиявии онҳо, ташкили низоми муосири идоракунии хавфҳо;<br>✓ фароҳам овардани замина барои паст кардани нархҳои хизматрасониҳои молиявӣ ва коҳиш додани хароҷотҳои амалиётӣ аз ҳисоби ҷорӣ намудани равандҳои инноватсионии фаъолияти соҳибкорӣ, гузариш ба сохторҳои ташкилии тағйирпазир, модернизатсияи заминаи техникии муассисаҳои молиявӣ, истифодаи васеи усулҳои муосири идоракунии суратҳисобҳои бонкӣ (дар масофа, аз ҷумла бонкдорӣ тавассути интернету воситаҳои мобилии алоқа ва низомҳои пардохт), истифодаи васеи воситаҳои электронии пардохт, баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ, амният, сифати хизматрасониҳои пардохт ва низоми пардохт, рушди заминаи техникию инфрасохтори низоми пардохт;<br>✓ фаъолсозии равандҳои муттаҳидсозӣ дар ҳамаи сегментҳои бозори молиявӣ, афзоиши теъдоди ҳамроҳшавӣ ва азхудкунӣ ҳамчун шаклҳои баланд бардоштани сармоягузории ташкилотҳои молиявӣ;<br>солимгардонии бонкҳои азим;<br>✓ мусоидат ба таҷдиди бонкҳои амалкунандаи беэътимод;<br>✓ такмил додани низом ва маданияти қарздиҳӣ;<br>ҷорӣ намудани хазинаи кафолатдиҳии қарзҳо ва механизмҳои нави он, аз ҷумла бо иштироки ММХ;<br>✓ ташаккул ва рушди бозори коғазҳои қиматнок, аз ҷумла бозори такрорӣ, низоми нафақаи ҷамъшаванда, инфрасохтори маблағгузории венчурии корхонаҳои пешрафта ва соҳаҳои БВИ;<br>✓ таҳия намудани тадбирҳои ҳавасмандкунанда оид ба вусъат додани паҳншавии пардохтҳои ғайринақдӣ, бахусус дар савдои чакана;<br>✓ сода намудани расмиёти кушодани филиалҳо ва дигар намудҳои филиалҳои минтақавии муассисаҳои қарзӣ;<br>мусоидат ба воридшавии хизматрасониҳои бонкии чакана дар деҳот миёни оилаҳои дорои сатҳи пасти даромад, |

**Идомаи чадвали 3.3.4.**

| | |
|---|---|
| | аз ҷумла бо истифода аз воситаҳои алоқаи мобилӣ барои хизматрасониҳои молиявӣ;<br>✓ пурзӯр намудани либерализатсияи бозори молиявӣ, содагардонии иҷозатномадиҳӣ ва сода намудани расмияти воридшавии иштирокчиёни хориҷӣ ба бозор;<br>✓ таҳкими ҳамгироии бахши молиявӣ бо механизмҳои самараноки шарикии глобалӣ, дастрасӣ ба бозорҳои молиявии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, иштирок дар биржаҳои мухталифи минтақавӣ;<br>✓ пурзӯр намудани фаъолияти превентивии ташкилотҳои қарзӣ барои коҳиш додани хафвҳои мунтазам дар бозори молиявӣ;<br>✓ ҷоннок намудани талошҳо дар самти ба даст овардани рейтинги байналмилалии қарзӣ аз ҷониби Тоҷикистон;<br>бо назардошти рушди соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ имкониятҳои маблағгузории дарозмуҳлат бо фоизи паст дар БВИ аз ҷониби бонкҳои инфиродӣ ва байналмилалӣ баррасӣ карда шаванд. |
| Дар самти дастрасӣ ва диверсификатсияи воситаҳои маблағгу-зории дарозмӯҳлати БВИ: | ✓ ташакккул додани бозори қарзии байни бонкӣ;<br>✓ ташаккул додани низоми сезинагии қарздиҳӣ;<br>✓ фароҳам овардани шароит барои фаъолияти бозори аввалия ва такрории коғазҳои қиматнок ҳамчун воситаи асосии маблағгузории дарозмуҳлати БВИ;<br>✓ рушди минбаъдаи босуръати ширкатҳои лизингӣ. |
| Дар самти вусъат бахшидани рӯйхати маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявии пешниҳодшаванда, ки дорои хусусияти инноватсионӣ мебошанд: | ✓ рушди воситаҳои нави азнавмаблағгузорӣ (рефинансирование) ва идоракунии пардохтпазирӣ дар сатҳи БМТ ва бонкҳои сатҳи дуввум ва ТХҚ;<br>✓ азхудкунӣ ва истифодаи васеи воситаҳои инноватсионӣ оид ба ҷалби пасандозҳо ба депозитҳо;<br>✓ таъмини рушди бозори коғазҳои қиматнок, истифодаи воситаи АҶОС барои ҷойгиркунӣ дар биржаҳои дохилӣ ва хориҷӣ ва намудҳои инноватсионии коғазҳои қиматнок ба сифати воситаҳои молиявии ҳосилшуда; |

**Сарчашма:** Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

Дар самти вусъат бахшидани рӯйхати маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявии пешниҳодшаванда, ки дорои хусусияти инноватсионӣ мебошанд рушди воситаҳои нави азнавмаблағгузорӣ (рефинансирование) ва идоракунии пардохтпазирӣ дар сатҳи БМТ ва бонкҳои сатҳи дуввум ва ТХҚ, азхудкунӣ ва истифодаи васеи воситаҳои инноватсионӣ оид ба ҷалби пасандозҳо ба депозитҳо, таъмини рушди бозори коғазҳои қимматнок, истифодаи воситаи АҶОС барои ҷойгиркунӣ дар биржаҳои дохилӣ ва хориҷӣ ва намудҳои инноватсионии коғазҳои қимматнок ба сифати воситаҳои молиявии ҳосилшуда дар назар дошта шудааст.

Баланд бардоштани самаранокии танзими давлатӣ дар таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ, ҷалби ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ, таъсис ва рушди субъектҳои нави соҳибкорӣ дар соҳаҳои технологияи баландтарини иқтисод бояд тавассути татбиқи маҷмӯи чорабиниҳои давлатӣ дар самтҳои гуногун, аз ҷумла самтҳои зерин ба амал бароварда шавад.

- корҳои иттилоотӣ ва таълимӣ;
- такмили системаи танзими ҳуқуқӣ;
- такмили системаи дастгирии молиявии истеҳсолкунандагон;
- такмили механизмҳои ташкилӣ;
- ташаккули модели таълими муттасили пешрафта;
- рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ.

Гузаронидани маъракаи иттилоотию маърифатӣ оид ба баланд бардоштани муҳити молиявӣ ба оммавӣ сохтани фаъолияти соҳибкорӣ воситаи асосии ҷалби аҳолӣ ба соҳибкорӣ ва мутамарказ сохтани фаъолияти соҳибкорӣ ба соҳаҳои стратегии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамкорӣ бо васоити ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ, ташаккули симои мусбии соҳибкорӣ воситаи асосии таҳкими мақоми иҷтимоӣ ва баланд бардоштани эътибори фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Нақшаи тахминии тадбирҳо оид ба татбиқи ин самти рушди соҳибкорӣ ва ҷалби ҷавонони ҷумҳурӣ ба фаъолияти он чунин аст:

1.Мунтазам тавассути воситаҳои ахбори омма огоҳ кардани аҳолӣ дар бораи фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба рушди муҳити молиявии соҳибкорӣ ва савдо, ташкилотҳои инфрасохторӣ оид ба дастгирии соҳибкорӣ;

2.Гузаронидани озмуни ҷумҳуриявӣ дар байни васоити ахбори омма барои инъикоси беҳтарини фаъолияти соҳибкорӣ;

3.Таҳия ва пахши барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ, интишорот дар ВАО-и чопӣ ва электронӣ оид ба фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба бунёди муҳити соҳибкорӣ, рушди инфрасохтор оид ба дастгирии давлатии он;

4.Гузаронидани озмуни ҷумҳуриявии «Соҳибкори сол» марҳила ба марҳила, сар карда аз сатҳи ҷамоатҳои деҳот то сатҳи ҷумҳурӣ;

5.Гузаронидани омӯзиш-семинарҳо дар деҳот, оиди асосҳои ҳуқуқӣ-меъёрии муҳити молиявӣ, фазои соҳибкорӣ, таҳияи варақаҳои иттилоотӣ дар бораи мавсими корҳои саҳроии кишоварзӣ, қоидаҳои агротехникии зироаткорӣ, мубориза зидди ҳашаротҳои растанӣ ва касалиҳои чорво ва диг.

Барои озмуни ҷумҳуриявии «Соҳибкори сол» тавсия дода мешавад, ки бояд тамоми минтақаҳои ҷумҳуриро фаро гирад ва аз марҳилаҳои интихобӣ ва финали миллӣ иборат бошад. Озмун дар байни соҳибкорони ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ гузаронида шавад. Мақсад ва вазифаҳои асосии озмун инҳоянд:

- ❖ рушди соҳибкорӣ ва таҳкими муҳити молиявии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ❖ муайян намудан, ташвиқ ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадами соҳибкорӣ ва роҳҳои сармоягузорӣ, мусоидат дар татбиқи лоиҳаҳои онҳо;
- ❖ гузаронидани маъракаи иттилоотӣ бо мақсади тарғиби шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ бо мақсади оммавигардонии таҷрибаи пешқадами

фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби аҳолии оддӣ, аз ҷумла ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ;

- ба низом даровардан ва паҳн намудани таҷрибаи мусбии намояндагони беҳтарин соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ташаккули афкори мусбати омма дар бораи соҳибкорӣ.

Дар зер номинатсияҳои тахминии озмун оварда мешаванд:

- беҳтарин бизнеси инноватсионии сол;
- кашфи соҳибкори сол;
- соли тиҷорати иҷтимоӣ;
- корфармои сол;
- зани соҳибкори сол;
- соҳибкори ҷавони сол.

Барои равнақи соҳибкорӣ бояд системаи чорабиниҳоро таҳия ва ба иҷро расонид, ки тавонад ҳам ҳавасмандии соҳибкоронро барои равнақи он ҳидоят намояд ва ҳам натиҷаҳои онро баҳо дода тавонад. Дар ин радиф дар доираи ин диссертатсия мо бо истифода аз пешниҳодҳои дар воситаҳои ахбори омма ва ҳисоботҳои мушовирони байналхалқӣ доир ба ин масъала бахшидашуда нақшаи чорабиниҳоро таҳия намудем, ки дар намуди ҷадвали зер оварда шудааст (ҷадвали 3.3.5).

**Ҷадвали 3.3.5. Самтҳо ва чораҳои ба танзимдарории рушди соҳибкорӣ**

| Самтҳо | Чораҳои ба танзимдарорӣ |
|---|---|
| Корҳои фаҳмондадиҳӣ | Гузаронидани маъракаи миллии иттилоотӣ, ки ба пешбурд ва баланд бардоштани нуфузи соҳибкорӣ равона карда шуда-аст |
| | Эълони соли 2022 ҳамчун Соли соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | Гузаронидани озмуни ҷумҳуриявии "Соҳибкори сол" / "Соҳибкори ҷавон" |
| | Гузаронидани мусобиқаҳои соҳавӣ бо мақсади тарғиби бахшҳои стратегии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | Таъсиси Ассотсиатсияи миллии соҳибкорони муваффақ |
| Такмили тартиботи ташкилӣ | Таъсиси марказҳои захиравӣ барои рушди соҳибкорӣ ва ҷалби ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | Таъсиси "телефони боварӣ" -и рушди соҳибкорӣ |
| | Ташвиқи таъсис ва рушди созмонҳои хусусӣ ва хидматҳо, ки кори тиҷоратро осон мекунанд |
| | Пешниҳоди кӯмак аз ҷониби давлат ва ниҳодҳои рушд дар муайян кардани самти рушди тиҷорат (таҳлили кушоди истеҳсолоти иҷтимоӣ зарур) |
| | Татбиқи чорабиниҳо оид ба такмил додани шаклҳои мониторинги омории соҳибкории хурд ва миёна (аз ҷумла дар системаи фармоиш додани молҳо ва хидматрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ) |
| | Таҳия ва татбиқ дар Интернет дастгирии ташкилӣ, методологӣ ва машваратии ба ҷамъият дастраси тиҷорати миёна ва хурд |
| | Ташаккули махзани маълумоти ҳуҷҷатҳои меъёрӣ барои соҳибкорон |
| Такмили танзими ҳуқуқӣ | Таҳияи нақшаи стратегӣ (харитаи роҳ) барои ҷалби ҷавонон ба соҳибкорӣ |
| | Таҳияи нақшаи стратегӣ (харитаи роҳ) барои рушди соҳибкории технологӣ |
| | Таҳия ва татбиқи модели гузаронидани санҷишҳои машваратӣ (на танҳо фискалӣ) аз ҷониби мақомоти танзимкунанда |
| | Мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва баргузории муҳокимаҳои оммавӣ оид ба омодасозии пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади васеъ кардани номгӯи хароҷот аз ҷониби субъектҳо ҳангоми ҳисоби заминаи андозбандишаванда дар низоми соддакарда-шудаи андозбандӣ |
| | Баланд бардоштани меъёри даромад барои соҳибкороне, ки низомҳои махсуси андозро истифода мекунанд |
| | Ташкили модели сармоягузории муштарак аз ҷониби давлат дар лоиҳаҳои истеҳсолӣ, ки зиёда аз 3 солро дар бар мегирад |
| Такмили сиёсати молиявию-қарзӣ | Ташаккули модели субсидияи пардохтҳои лизингӣ барои тиҷорати хурд ва маҷмӯи чораҳои дастгирии давлатӣ (субсидия) харидани (иваз намудани) таҷҳизот, технология, нақлиёт ва таҷҳизоти кишоварзӣ аз ҷониби корхонаҳои хурд ва миёна, аз ҷумла микро корхонаҳо ва соҳибкорони инфиродӣ |
| | Таҳияи механизми татбиқи меъёрҳои имтиёзноки қарз (аз ҷумла рушди системаи қарздиҳӣ барои соҳибкорони ҷавон) |
| | Таҳияи заминаи меъёрию ҳуқуқӣ барои бастани қарордодҳои байни корхонаҳои калон ва хурд |

**Идомаи чадвали 3.3.5**.

| | |
|---|---|
| Баланд бар-доштани са-маранокии низоми маориф | Ташкили механизми ҷалби донишгоҳҳо ба раванди таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ |
| | Таъсиси бизнес-лоиҳаҳо дар мактабҳои олии пешрафтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | Ташкили системаи соҳибкории мактабӣ (олимпиадаҳо дар асосҳои соҳибкорӣ, озмунҳо барои сар кардани мактаб, ташкили бизнес-лоияҳои мактабҳо) |
| | Таҳия ва санҷиши стандарти таълимӣ аз фанни "Асосҳои фаъолияти соҳибкорӣ" |
| | Таҳияи маҷмӯи чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии таълими бизнес ва таълими фанҳои амалӣ дар мактабҳои олӣ |
| | Ҳавасмандгардонии иштироки гурӯҳҳои лоиҳа дар барномаҳои байналмилалии ва суръатбахшӣ, озмунҳои грантӣ |
| | Оғози системаи миллии таълими муттасили тиҷорӣ (ташаккули шабакаи маҳфилҳои табиӣ дар асоси модели технологии кӯдакона; ифтитоҳи ҷойҳои корӣ дар минтақаҳо; оғози барномаи миллӣ дар асоси барномаи ҷумҳуриявии "Шумо соҳибкор" |
| | Ташкил ва амалисозии чорабиниҳо оид ба рушди соҳибкории ҷавонон дар мактабҳои олӣ, миёнаи махсус ва таҳсилоти умумӣ бо даъвати соҳибкорони пешбар |
| | Ташкили системаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ оид ба дастгирии ташаббусҳои соҳибкорӣ |
| | Гузаронидани бастаҳои мавзӯӣ оид ба соҳибкорӣ барои кӯдакон дар лагерҳои таълимиву солимии кӯдакон |

**Сарчашма**: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

Ҳамин тавр, танзими давлатии фазои соҳибкориро пояи асосии таҳкими муҳити молиявии рушди соҳибкорӣ дониста чунин хулосабандӣ намудан мумкин аст:

1. Ошкор карда шуд, ки дар шароити муосир иқтисодиёти Тоҷикистон аз нарасидани воситаҳои молиявӣ танқисӣ мекашад, зеро сатҳи капитализатсия паст буда, арзиши қарзҳои бонкӣ тамоюли афзоиш дорад. Бояд иқрор шуд, ки кӯшишҳои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳсозии фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ тавассути таҳкимдиҳии заминаи қонунгузорӣ, рушди низоми иҷрои қарордодҳо ва идоракунии корпоративӣ, таъмини ҳуқуқҳои молу мулкӣ, бартараф намудани монеаҳои маъмурии зиёдатӣ, аз ҷумла баланд бардоштани иқтидори сармоягузорӣ ва коҳишдиҳии хавфҳои сармоягузорӣ натиҷаҳои зарурӣ надода истодаанд

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон механизмҳои гуногуни танзими давлатии таҳкими муҳити молиявиро барои рушди соҳибкорӣ истифода мебарад. Яке аз ин механизмҳо таҳияи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба ҳисоб меравад, ки дар он ба вазъи муосири фазои сармоягузорӣ ва муҳити молиявӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифта, мушкилотҳои асосӣ ошкор карда шуда, самтҳои асосии фаъолият барои ҳалли мушкилотҳо ва натиҷаҳои чашмдошт муайян карда шудааст.

3. Дар доираи диссертатсияи мазкур бо истифода аз Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 матритсаи таҳкими муҳити молиявии соҳибкориро таҳия карда шудааст.

4. Ба гурӯҳи чораҳои ташкилӣ, пеш аз ҳама, ташаккули низоми бисёрсатҳаи институтсионалии дастгирии соҳибкорон дар асоси ташкил намудани кластерҳои минтақавию соҳавии рушди соҳибкорӣ, фондҳои махсусгардонидашуда ва дастгирии рушди ташкилотҳои инфрасохторӣ пешниҳод карда шудааст. Иҷрои чорабиниҳои дар матритса оварда метавонад муҳити молиявии рушди соҳибкориро ҳам дар сатҳи макроиқтисод ва ҳам дар сатҳи микроиқтисод таҳким дода, иҷрои вазифаҳои стратегиро таъмин намояд.

5. Истифодаи имкониятҳои воситаҳои иттилоотию маърифатӣ оид ба баланд бардоштани муҳити молиявӣ ба оммавӣ сохтани фаъолияти соҳибкорӣ воситаи асосии ҷалби аҳолӣ ба соҳибкорӣ ва мутамарказ сохтани фаъолияти соҳибкорӣ ба соҳаҳои стратегии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамкорӣ бо васоити ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ, ташаккули симои мусбии соҳибкорӣ воситаи асосии таҳкими мақоми иҷтимоӣ ва баланд бардоштани эътибори фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

# ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

## А) Хулосаҳо

Ҳамин тариқ, муҳити молиявии соҳибкориро таҳқиқ намуда чунин хулоса намудан мумкин аст.

1. Дар адабиётҳо ва сарчашмаҳои интернетӣ мафҳуми ягонаи муҳити молиявии соҳибкорӣ мавҷуд нест. Яке онро чун омилҳо тасвир мекунад, дигаре маҷмӯи қувваҳои таъсиррасонанда, такрористеҳсол ва татбиқи ҷустуҷӯи мақсаднок, омода ва татбиқи инноватсия, сеюмин муҳити иҷтимоӣ, иттиҳодияи субъектҳои хоҷагидорест, ки берун аз корхонаи муайян фаъолият намуда, ба фаъолияти соҳибкорӣ ва қобилияти ба даст овардани даромад таъсир мерасонад. Гурӯҳи дигар шароитҳоеро дар назар доранд, ки корхона бояд дар он кор кунад, Қисми дигар онро маҷмӯи муҳити зист, имкониятҳо ва иқтидори стратегии ташкилот, системаи шароит ва омилҳое мефаҳмад, ки ба ташкил, шакл ва натиҷаҳои фаъолияти молиявии он таъсир мерасонанд.

Сохтори муҳити молиявии соҳибкориро метавон аз ду мавқеъ- макромуҳит (табиӣ-экологӣ, иқтисодӣ, демографӣ, техникӣ-технологӣ, сиёсӣ, ва фарҳангӣ) ва микромуҳит (сохти ташкилии корхона, сохтори идора, ташкили молиякунонӣ, ташкили фурӯш, ташкили баҳисобгирӣ, нархгузорӣ, ташкили муҳосибот, ташкили баҳисобгирии андоз, хусусияти технологияи истеҳсолот ва ғ)баҳо дод. [М.8]

2. Ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таъсири мутақобилаи омилҳои дохилӣ ва берунӣ расонида мешавад. Вале дар адабиёти илмӣ таснифоти дақиқи омилҳои муҳити берунии соҳибкорӣ вуҷуд надорад. Аммо дар асоси таҳлили нашри иқтисодшиносони гуногун, дар намуди расм омилҳои берунаи ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таъсиррасонида ҷудо карда шудааст, ки таъсири ғайримустақим ва мустақим доранд. Ба омилҳои таъсири ғайримустақимдошта омили сиёсӣ, иқтисодӣ, демографӣ, илмӣ-техникӣ, иҷтимоӣ, экологӣ шомиланд. Ба омилҳои берунаи таъсири

мустақим: таъминкунандагон, истеъмолкунандагон, рақибон, қонунҳо ва мақомоти давлатӣ шомил карда шудаанд.

Муҳити молиявии соҳибкорӣ ҳолате мебошад, ки дар он соҳибкор аз ҷиҳати молиявӣ комилан мустақил буда, қобилияти пардохтпазирӣ, рақобатпазирӣ ва рушди дарозмуддати онро таъмин карда метавонад. [М. 5]

3. Бояд изҳор намуд, ки дар таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди соҳибкорӣ ва муҳайё намудани муҳити молиявии солим, шаклҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ барои ҳалли мушкилоти мавҷудаи иҷтимоию иқтисодӣ дар хориҷа дар ҳама сатҳҳои мақомоти давлатӣ чораҳои назаррас андешида мешаванд. Механизми дастгирӣ бо роҳи пешниҳоди қарзҳо, кафолати қарзҳо, кӯмак дар таълим ва бозомӯзии кадрҳо ва таъмини дастрасии бемамониат ба иттилооте, ки барои пешбурди фаъолияти соҳибкории хурду миёна заруранд, ҳама гуна кӯмакро таъмин мекунанд. [М.5]

4. Вазъи сиёсии дохилии Тоҷикистон устувор буда, барои рушди соҳибкорӣ муҳити молиявии созгор бунёд намудааст. Асосҳои меъёрию ҳуқуқии рушди соҳибкорӣ таҳия ва қабул карда шудаанд. Гарчанде, ки Тоҷикистон дар рӯйхати даҳ кишвари дорои пешрафт дар ислоҳоти дастгирии соҳибкорӣ қарор дорад, аз рӯи рейтинги "Пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ 2016" ҷумҳурӣ ҷойи 132-ро ишғол мекунад, ки ин аз паст будани рушди ниҳодҳо ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад.

Таносуби дороиҳои бозори молия нисбат ба ММД, ки сатҳи рушди бозори молияи Тоҷикистонро баҳо медиҳад нисбат ба нишондиҳандаҳои миёнаи ҷаҳон 15,4 маротиба паст мебошад. Зариби сатҳи монетизатсия (аз рӯи нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул нисбат ба ММД) дар соли 2021 то 0,10 коҳиш ёфтааст. Сатҳи таварруми солона 8,0 фоизро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли гузашта 1,4 фоиз камтар аст. Қурби расмии номиналии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА дар соли 2021 нисбат ба соли 2016 ба андозаи 43,4 фоиз коҳиш ёфт. Дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ дар интиҳои соли 2021 - 22,4 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2020 - 14,8 фоиз

коҳиш ёфтанд. Уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзӣ дар соли 2021 - 17,3 млрд. сомониро ташкил дода нисбат ба соли 2020-ум 9,9 фоиз кам шуданд. [М.1]

5. Ошкор карда шуд, ки дар шароити муосир иқтисодиёти Тоҷикистон аз нарасидани воситаҳои молиявӣ танқисӣ мекашад, зеро сатҳи капитализатсия паст буда, арзиши қарзҳои бонкӣ тамоюли афзоиш дорад.

Омилҳои макроиқтисодие, ки ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таъсир мерасонад ҳалли масъалаҳои демографӣ таъмини шуғли захираҳои меҳнатӣ, маблағгузории соҳаи илм, ки сатҳи он дар соли 2015 аз 0,15% зиёд набуд, дараҷаи фарсудашавии фондҳои асосӣ дар иқтисодиёт аз руи арзиши баланси боқимонда дар соли 2021 ба 74,1 фоиз баробар буда, дар баробари ин коэффициенти азнавсозии фондхо 35,1 фоизро ташкил медиҳад. Вазъи иҷтимоии аҳолӣ ба қобилияти харидории аҳолӣ алоқаманд аст, вале ин нишондиҳандаҳо ҳам нигаронкунандаанд. Новобаста аз он, ки ҳамасола хароҷоти ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиат тамоюли афзоиш доранд, вале микдори ҳолатҳои фавқуллода тамоюли афзоиш доранд. [М. 4]

